ISSN: 2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ МАКТАБИ ОЛИИ
КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**THE SCIENTIFIC JOURNAL OF HIGH SCHOOL
SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**№ 1 (15), 2026**

**Душанбе – 2026**

***Маҷалла соли 2018 таъсис ёфтааст.***
***Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» – 77798***

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 433/МҶ-97 аз 07-уми августи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, аз 2-юми июни соли 2023, бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №136/м ворид гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосҳои илмии Россия» (РИНЦ) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи илмии электронӣ ҷойгир аст: http://elibrary.ru*

***Суроғаи таҳририяи маҷалла:*** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Тел****: +(992 37) 233-55-19*
***E-mail****: maktabi_oli24@mail.ru*
***Сомонаи маҷалла****: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.
**Муовини сармуҳаррир:** Салимов Б.А.
**Котиби масъул:** Қурбонов А.С.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**

Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

Сафарализода Х.Қ., доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода И.З., Назаров У.Қ., номзади илмҳои таърих, Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент.

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.

**Муҳаррири техникӣ: Раҳимов Ш.Х.**

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

*Журнал основан в 2018 году*
*Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» – 77798*

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» основан в 2018 году. Выпускается четыре номера в течение года на таджикском, русском и английском языках.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под номером 433/МЖ-97 от 07 августа 2025 года.*

*Издание включено в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых публикуются научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук, согласно приказу ВАК при Президенте Республики Таджикистан №136/м от 2 июня 2023 года.*

*Журнал включён в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ) на сайте электронной библиотеки: http://elibrary.ru*

***Юридический адрес редакции:*** *734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан.*
***Тел:*** *+(992 37) 233-55-19*
***E-mail:*** *maktabi_oli24@mail.ru*
***Сайт журнала****: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Главный редактор**: Абдуллоев А.А.
**Заместитель главного редактора:** Салимов Б.А.
**Ответственный секретарь:** Курбонов А.С.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор.

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., доктор политических наук, Шарифзода И.З., Назаров У.К., кандидат исторических наук, Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент.

**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Технический редактор: Рахимов Ш.Х.**

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2026**
** Взгляды редакционной коллегии могут не совпадать с мнением авторов, которые несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

***The journal was founded in 2018***
***Subscription index in the Postal Tajik catalog – 77798***

*The scientific and theoretical journal «Science and Security» was founded in 2018 and publishes four issues per year in Tajik, Russian, and English languages.*

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 433/МЖ-97 dated Augst 07, 2025.*

*The journal is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications in which the main scientific results of dissertations for the degrees of Doctor and Candidate of Sciences must be published, according to order HAC under the President of the Republic of Tajikistan No. 136/m dated June 2, 2023*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:****734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
***Phone***: +(992 37) 233-55-19
**E-mail:** maktabi_oli24@mail.ru
**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**Chief Editor:** Abdulloev A.A.
**Deputy Chief Editor:** Salimov B.A.
**Responsible secretary**: Qurbonov A.S.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor.

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., doctor of political sciences, Sharifzoda I.Z., Nazarov U.K., candidate of historical sciences, Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor.

**Editors of texts in Russian and English:** Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.
**Technical editor: Rahimov SH.H.**

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2026**
** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

## МУНДАРИҶА

### ИЛМҲОИ СИЁСӢ

1. **ЯТИМОВ С.С.** ХУРШЕДИ МУЛКПАРВАРУ СУЛТОНИ ДОДГАР....................8 – 13

2. **МУҲАММАД А.Н.** ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН – МАШЪАЛАФРӮЗИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ.......................................14 – 19

3. **САИДЗОДА Ф.С.** РИТОРИКАИ ҲАРБИЮ ВАТАНДӮСТӢ ВА МОҲИЯТИ ОН...............................................................................................20 – 26

4. **БОЕВ З.У.** ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ САЛАФИГАРОӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН БАРОИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...............................................................................27 – 31

5. **КАРИМОВ П.Д.** НАҚШИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИЮ ДУНЯВӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ.....................................................................32 – 37

6. **АКРАМХОНОВ А.А.** НАҚШИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ.......................................................................38 – 43

7. **БАРОТОВ И.И**. САФЕДСОЗИИ «БОСМАЧИГАРӢ» ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ ИДЕОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН........................................................44 – 50

8. **АСЛАМЗОДА Н.** ТОҶИКИСТОН ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ .........................................................................................51 – 58

9. **НАЗРИЕВ К.** ГЕОПОЛИТИКАИ ОБ .....................................................................59 – 66

10. **ҚУРБОНОВ А. С.** ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ..........................................................................................................67 – 71

### ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ

11. **МАҲМАДҶОНОВА М.Т., ДАВЛАТЗОДА С.** НАҚШИ ПОЗИТИВИЗМ ДАР РУШДИ ФАЛСАФАИ МУОСИР.........................................................................72 – 78

12. **САИДУМАРОВ С.С.** МЕТОДҲОИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ..............................................................................79 – 84

13. **РАҲИМОВ С.М.** НАХУСТИН КИТОБҲОИ ДАРСИИ ТОҶИКӢ ВА ТАЪРИХИ ЗУҲУРУ ТАШАККУЛИ ОНҲО.......................................................................85 – 91

14. **ЧИЛАЕВА М.Т**. ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОИИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ҶАВОНОН.........................................................................................92 – 98

### ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ

15. **ШАРИФЗОДА Р.Ф.** ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ ВА РАВОНШИНОСИИ МАСЪАЛАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАҲДИДИ КУШТАН Ё РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ ВАЗНИН БА САЛОМАТӢ *(дар асоси моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*.......................................................................99 – 105

16. **АБДАЛИЕВ А.А.** ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ............................106 – 112

17. **ГУЛОВ А.Н.** МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ БА МУҲЛАТИ МУАЙЯН ДАР МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ.........................................................................113 – 120

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **ЯТИМОВ С.С.** ЛУЧЕЗАРНОЕ СОЛНЦЕ КРАЯ И СПРАВЕДЛИВЫЙ ПРАВИТЕЛЬ........8 – 13

2. **МУХАММАД А.Н.** ПРЕЗИДЕНТ ТАДЖИКИСТАНА – ФАКЕЛОНОСЕЦ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ……………….14 – 19

3. **САИДЗОДА Ф.С.** ВОЕННО-ПАТРИОТИЧЕСКАЯ РИТОРИКА И ЕЕ СУЩНОСТЬ……………20 – 26

4. **БОЕВ З.У.** ИДЕОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ САЛАФИЗМА И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ ДЛЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН………….27 – 31

5. **КАРИМОВ П.Д.** РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНЫХ И СВЕТСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ..........32 – 37

6. **АКРАМХОНОВ А.А.** РОЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ……………38 – 43

7. **БАРОТОВ И.И.** ОПРАВДАНИЕ «БАСМАЧЕСТВА» КАК УГРОЗА ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА…………...44 – 50

8. **АСЛАМЗОДА Н.** ТАДЖИКИСТАН И ЗАЩИТА ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ……………51 – 58

9. **НАЗРИЕВ К**. ГЕОПОЛИТИКА ВОДЫ..........59 – 66

10. **КУРБОНОВ А. С.** ТАДЖИКИСТАН НА НОВОМ ПОЛИТИЧЕСКИХ ЭТАПЕ .......67 – 71

### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

11. **МАХМАДЖОНОВА М.Т., ДАВЛАТЗОДА С.** РОЛЬ ПОЗИТИВИЗМА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ФИЛОСОФИИ..........72 – 78

12. **САИДУМАРОВ С.С.** МЕТОДЫ ИЗУЧЕНИЯ ВОПРОСА НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ВИРТУАЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ..........79 – 84

13. **РАХИМОВ С.М.** ПЕРВЫЕ ТАДЖИКСКИЕ УЧЕБНИКИ, ИСТОРИЯ ИХ ПОЯВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ..........85 – 91

14. **ЧИЛАЕВА М.Т.** ИЗУЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ АСПЕКТОВ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ МОЛОДЕЖИ..........92 – 98

### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

15. **ШАРИФЗОДА Р.Ф.** ПРАВОВОЙ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВОПРОСА УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА УГРОЗУ УБИЙСТВОМ ИЛИ ПРИЧИНЕНИЕ ТЯЖКОГО ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ *(на основании статьи 120 Уголовного Кодекса Республики Таджикистан)*..........99 – 105

16. **АБДАЛИЕВ А.А.** ПАРВАВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТА……………106 – 112

17. **ГУЛОВ А.Н.** ЛИШЕНИЕ СВОБОДЫ НА ОПРЕДЕЛЕННЫЙ СРОК В ИСПРАВИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ..........113 – 120

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCES

1. **YATIMOV S.S.** THE RADIANT SUN AT THE LAND AND AN IMPCTIAL RULER........................................................................................................8 – 13

2. **MUHAMMAD A.N.** THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN – BEARER OF ARYAN CIVILIZATION AND NATIONAL IDENTITY………...................................................14 – 19

3. **SAIDZODA F.S.** MILITARY-PATRIOTIC RHETORIC AND ITS ESSENCE................20 – 26

4. **BOEV Z.U.** THE IDEOLOGICAL FOUNDATIONS OF SALAFISM AND ITS NEGATIVE CONSEQUENCES FOR ENSURING THE SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN........................................................................................................27 – 31

5. **KARIMOV P.D.** THE ROLE OF NATIONAL AND SECULAR VALUES IN THE CONSOLIDATION OF STATE INDEPENDENCE..........................................................32 – 37

6. **AKRAMKHONOV A.A.** THE ECONOMIC ROLE OF THE REPUPLIC OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING NATIONAL SECURITY……………………………………………38 – 43

7. **BAROTOV I.I.** JUSTIFICATION OF «BASMACHI» AS A THREAT OF IDEOLOGICAL SECURITY OF TAJIKISTAN.....................................................................................44 – 50

8. **ASLAMZODA N.** TAJIKISTAN AND PROTECTION OF GEOPOLITICAL INTERESTS........................................................................................................51 – 58

9. **NAZRIEV K.** THE GEOPOLITICS OF WATER...........................................................59 – 66

10. **QURBONOV A. S.** TAJIKISTAN IN A NEW STAGE OF POLITICAL RELATIONS...67 – 71

### PHILOSOPHY SCIENCES

11. **MAKHMADJONOVA M.T., DAVLATZODA S.** THE ROLE OF POSITIVISM IN THE DEVELOPMENT OF MODERN PHILOSOPHY..............................................................72 – 78

12. **SAIDUMAROV S.S.** METHODS OF STUDYING THE ISSUE OF NATIONAL IDENTITY IN THE VIRTUAL SPACE…...................……………………………………….............79 – 84

13. **RACHIMOV S.M.** THE FIRST TAJIK TEXTBOOKS AND THE HISTORY OF THEIR EMERGENCE AND FORMATION.......................................................................85 – 91

14. **CHILAEVA M.T.** STUDYING THE SOCIAL ASPECTS HEALTHY LIFESTYLE OF YOUNG PEOPLE........................................................................................................92 – 98

### LEGAL SCIENCES

15. **SHARIFZODA R.F.** LEGAL AND PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF THE ISSUE OF CRIMINAL LIABILITY FOR THREATS TO KILL OR CAUSING GRIEVOUS BODILY HARM *(based on Article 120 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan)*........................................................................................................99 – 105

16. **ABDALIEV A.A.** LEGAL REGULATION ARTIFICIAL INTELLIGENCE................106– 112

17. **GULOV A.N** DEPRIVATION OF LIBERTY FOR A FIXED TERM IN CORRECTIONAL INSTITUTIONS........................................................................................................113 – 120

ИЛМҲОИ СИЁСӢ – ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ – POLITICAL SCIENCES

ТДУ 001: 891.550(092)

# ХУРШЕДИ МУЛКПАРВАРУ СУЛТОНИ ДОДГАР

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, муаллиф андешаи таҳлилӣ ва ибратбахшро дар бораи мақом ва нақши давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намудааст. Дар ин замина, ҷанбаҳои методологии таҷрибаи давлатдории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос гардида, хусусиятҳои прагматикӣ ва харизматикии он ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки бо истифода аз методҳои илмӣ ва муқоиса дар раванди фаъолияти ҷамъиятии хеш паҳлуҳои барои хонанда норавшани мафҳуми «сарвари сиёсӣ»-ро ошкор намояд. Зеро, боназардошти тадқиқотҳои гуногуни олимон ва коршиносони масоили сиёсӣ, раванди воқеии ҳаёти сиёсии ҷомеа дар давраҳои мухталифи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки хислатҳо ва шакли фаъолияти «Сарвар» дар ҳама давр ягона боқӣ нахоҳад монд.*

*Дар шароити пуртаззоди ҷаҳони муосир ва ҳар замон шакл гирифтани вазъияти сиёсии ҷаҳон, шинохт ва дарки эҳтироми сарвар, махсусан Пешвои миллат заруриати таърихии ҳар миллати худогоҳ ба ҳисоб меравад. Таҷриба ва амалияи ҷамъиятӣ нишон додааст, ки Сарвари сиёсӣ намунаи барҷастаи муттаҳидии миллатҳо дониста шуда, маҳз давлатҳои миллӣ дар асоси талошҳо ва ҷоннисориҳои пешвоёни худ бунёд ёфтаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Эмомалӣ Раҳмон, Сарвар, Пешвои миллат, дониш, истиқлол, ҳувияти миллӣ, давлати миллӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, сулҳу субот.*

# ЛУЧЕЗАРНОЕ СОЛНЦЕ КРАЯ И СПРАВЕДЛИВЫЙ ПРАВИТЕЛЬ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктор политических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор, излагает аналитические и поучительные размышления о статусе и роли государственности Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президент Республики Таджикистана уважаемого Эмомали Рахмона. В этом контексте рассматриваются методологические аспекты опыта государственности президента страны, уважаемого Эмомали Рахмона, и четко объясняются его прагматические и харизматические особенности. Автор попытался использовать научные и сравнительные методы в процессе исторической деятельности, чтобы выявить неоднозначность понятия политического лидера. Как показывают различные исследования ученых и политологов, реальный процесс политической жизни общества в разные исторические периоды указывает на то, что характеристики и форма деятельности «Лидера» не остаются неизменными во все времена.*

*В условиях нестабильности современного мира и постоянно меняющейся политической воли в мире признание и понимание уважения к лидеру, особенно к Лидеру нации, считается исторической необходимостью для каждой нации. Общественный опыт и практика показывают, что политический лидер считается выдающимся примером единства наций, и именно на основе усилий и самоотверженности их лидеров строятся национальные государства.*

**Ключевые слова:** *Эмомали Рахмон, глава государства, лидер нации, знания, независимость, национальная идентичность, национальное государство, национальные интересы, национальная безопасность, мир и стабильность.*

## THE RADIANT SUN AT THE LAND AND AN IMPCTIAL RULER

**YATIMOV S.S.**
*Doctor political sciences, professor, corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author expresses an analytical and instructive thought about the status and role of the statehood of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, president Republic of Tajikistan Honorable Emomali Rahmon, with excerpts. In this context, the methodological aspects of the statehood experience of the President of the country, Honorable Emomali Rahmon, are reflected, and its pragmatic and charismatic features are clearly explained. The author has tried to reveal the aspects of the concept of a political leader that are unclear to the reader, using scientific methods and comparisons in the process of his public activity. Because, considering various studies by scientists and experts on political issues, the real process of political life in society in different historical periods indicates that the characteristics and form of activity of the "Leader" will not remain the same in all periods.*

*In the turbulent conditions of the modern world and the ever-changing political situation in the world, recognition and understanding of respect for the leader, especially the Leader of the Nation, is a historical necessity for every self-aware nation. Experience and public practice have shown that the political leader is considered an outstanding example of the unity of nations, and it is precisely the national states that are built on the efforts and dedication of their leaders.*

**Keywords:** *Emomali Rahmon, Head of State, Leader of the Nation, knowledge, independence, national identity, national state, national interests, national security, peace and stability.*

Ёддоштҳои ман нокомил мемонданд, агар ҳамчун шаҳрванд, ҳамтақдири ин сарзамин, тақрибан аз нимаи дуюми асри гузашта ва даҳсолаи чоруми даврони сиёсии ҷадид, дар бораи муҳимтарин масъалаи ҷомеа – нақши шахс дар ташаккули давлатдории миллӣ изҳори назар намекардам.

Саҳми инсон дар таърих аз умдатарин масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ мебошад. Ва аз Дунёи Қадим то ба имрӯз мавзуи баҳс интихоб шудааст: магар инсон таърихро офаридааст ё таърих аз хосияти фавқулодаи қонунмандии тараққиёт ва рушду инкишоф бархӯрдор аст?

Дар ҳар сурат, назария ва амалияи тақдири кишварҳои олам омили инсониро ҷузъи муайянкунандаи бунёди давлат ва такондиҳандаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, рушди давлатдорӣ эътироф менамояд. Софокл таъкид мекунад: **«Дар дунё қувваҳои бузург бисёранд. Аммо бузургтар аз Инсон дар табиат дигар нерӯе нест. Ӯ дар олам ғолибона қадам мезанад, тамоми намуди қувваҳоро тавассути ақлу фаросати одамӣ паси сар карда. Лекин боз зӯрии Ақли Инсон дар он аст, ки ояндаро ҳушмандона пешгӯӣ карда метавонад»** [5, 14].

Омӯзиши сифатҳои шахсият воситаи муҳимми дарки воқеияти имрӯз ва ояндабинии ҷараёни рушди ҷомеа мебошад. Ба хотири он ки тибқи таъкиди нобиғагони классик, **«таърих чизе нест, ба ҷуз фаъолияти ба мақсад нигаронидашудаи инсон»**.

Ҳамзамон, бояд донист, ки сарчашмаи асосии мақсадгузорӣ, на шуури инсон, балки раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ, олами объективӣ мебошад ва шахсро барои ҷуръат, тасмимгирию амал такон медиҳад. Сафарбар менамояд. Воқеият аст, ки ниёз ба амалро ногузир мегардонад.

Аз лиҳози дигар, ба таъбири академик И. Ковалченко **«ҳар насли таърихии инсоният, дар давраи мушаххаси замон аз захираҳои таъйингардидаи моддӣ ва маънавие бархӯрдор аст, ки системаи муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсӣ ва мадании давр онро фароҳам овардааст. Ва ин насл, ҳангоми фаъолият қодир аст, фақат аз ҳамин захираҳо истифода намояд. Фаъолияти худро ташкил кунад.**

**Дуруст аст, ки дар натиҷаи амали мақсаднок ин захира ва ин имконот метавонанд такмил ва муносибатҳо тағйир ёбанд, аммо амал кардан, танҳо ва фақат дар доираи ана ҳамин имкониятҳо ва ана ҳамин захираҳо сурат гирифта метавонад»** [3, 76 – 77].

Яъне фаъолияти раҳбари сиёсии ҷомеа, ки бо амри тақдир масъулияти сарвари миллат ба дӯши ӯ меафтад, дар доираи ду омил – *моддӣ ва маънавӣ* маҳдуд аст.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии шахсияти раҳбари сиёсӣ аз он ҷиҳат ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз замон ва мушкилоти рӯ ба рӯйи ҷомеа, фазилати ӯ муҳитсоз ва омили ташаккули навъи боварӣ, эътимод, ахлоқ ва маънавиёти табақаҳои гуногуни ҷомеа мегардад.

Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад.

Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст.

Ман, ҳамчун шаҳрванд шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам.

Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулуи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст.

Волотарин сифати роҳнамо дар қудрати қабули қарор ва амалӣ кардани он дар чаҳорчӯбаи таъмини суботи миллӣ ва рушду тараққиёти мамлакат аён мегардад.

Нақшаи ба ниёзҳои мардумӣ ҷавобгӯ, тахассусмандона ва дақиқ пешбинигардидаи зина ба зина ба эътидол овардани вазъи мамлакат, нишонаи аслии ин сиёсат ба ҳисоб меравад.

**Бузургтарин фоҷиа барои мардумони олам низоъ бар мабнои динӣ – мазҳабӣ ва миллӣ – маҳалгароӣ ба шумор меравад. Бо ангезаҳои умқӣ ва носолими руҳиву равонӣ, ки хосияти ҳамагонии қишрҳои васеи мардумиро касб мекунад, ҳаллу фасли чунин даргириҳо аз мушкилтарин вазифаҳои сарварони кишвар, ҳатто наслҳо мегардад. Ҳамасрони мо шоҳиди чунин воқеаҳои хуношоми тулонӣ дар Сурия, Ироқ, Яман, Сомалӣ, Судон ва даҳҳо кишвари дигари олам мебошанд. Хирадмандӣ, дараҷаи олии тавони ҳаллу фасли мушкилоти инсонӣ, ки дар қазияи фалокати миллати тоҷик зуҳур гардид, аз сифатҳои олӣ ва фарқкунандаи Роҳбари давлати Тоҷикистон мебошад** [6, 650].

Дар баробари ин, дар шароити хазинаи холии давлат, кӯшиши умдаи ҳукумат – масъалаи бо нон таъмин кардани аҳолӣ буд.

Тавассути қабули қарорҳои ғайримаъмулӣ ба мардум заминҳои корам тақсим карда шуд. Дигар чораҳои фавқулодаи наҷот аз гуруснагӣ ва касалиҳои марбут ба ин вазъ рухдода, батадриҷ амалӣ гардиданд.

Роҳбари давлат муътақид аст, ки мавҷудияти инсон дар ҷомеа хосияти мухтор надорад. Маҳсули фазо, муҳит, вазъият ва воқеият аст. Рушди инсониро масъалаи ҳаётан муҳим ва замонати тараққии устувори имрӯзу ояндаи миллат эълон ва дар ин самт миллиардҳо сомонӣ сарф кард.

Чунин назария ва усули кор раванди мақсадноки стратегӣ гирифт.

Давлат бо тамоми нерӯ кӯшиш мекунад, ки наврасону ҷавонони мамлакат бо тарбия ва таълими босифат фарогир бошанд. Дар бораи қонунҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур тасаввуроти аниқ дошта, роҳ ва усули истифодаи онҳоро омӯзанд. Агар воқеияти объективӣ ба фазои субъективӣ таъсиррасон бошад, субъект низ мебояд ба ҳолати объективии ҷомеа таъсиргузор, фазосоз, аз ҳама муҳим, омил будани худро ба намоиш гузошта тавонад.

Хонандаи муҳтарам шояд мадди назар гирифта бошад, ки тамоми ёддоштҳоро зарурат, ниёз ва ташнагии доимии инсон ба Илм, Дониш ва Маърифат дар бар мегирад.

Кӯшиши Сарвари кишвар, ки мо солҳо шунидем ва дидем, таъкиди он нуктаест, ки «**сафарбар кардани тамоми нерӯи инсонӣ ба самти ягона – рушди донишу маърифат аст. Давроне хушбахт ҳисобида мешавад, ки бузургтарин фатҳ – расидан ба қуллаҳои дониш эътироф гардад**» [1, 154 – 155].

Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавкулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.

Муносибати Сарвари давлат дар ин маврид, аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад. Ба ақидаи ӯ, инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад.

Ба андешаи мантиқии Роҳбари давлат, дар баробари омили ирсият, инсон парвардаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Тарбият, донишу маърифат, таҷриба ва таҳлили муқоисавии таҳаввулоти зиндагӣ ва хулосаи дуруст баровардан аз он, барои ташаккули шахсият таъсири муайянкунандагӣ доранд.

Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст.

Мо эҳсос мекунем, ки ақидаҳои мазкур аз ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва эътиқодмандии бунёдии ин шахсияти бузург сарчашма мегиранд.

Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам. Барои донистан, ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки пеши онҳо меравад, то шахсан ба аҳвол ва кору борашон шинос шавад.

Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист.

Мо ҳангоми иҷрои вазифа эҳсос мекунем, ки Сарвари кишвар нисбат ба мавқеъ, супориш ва вазифаҳогузориҳои худ итминони комил дорад. Аз рӯйи зинаҳои ташаккул, камолоти давлат, пуштибонии мардуми одӣ аз ин сиёсат муътақид аст, ки роҳи интихобкардааш дуруст ва адолатхоҳона аст.

Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки реалии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст.

Аз диди Роҳбари давлат, офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ иҷро намояд.

Дар Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол ба мушкилтарин шароити сиёсӣ-ҳарбӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ гирифтор шуд. Аз лиҳози қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, релеф, захираҳои замини корам, канданиҳои фоиданок, дар мавқеи ғайри қобили муқоиса бо дигар давлатҳо қарор дорад.

Дар ин маврид, Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамояд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад [4].

Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат мекунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва руҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад.

**Борҳо ман шоҳиди он будам, таъкид мекард, ки ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ** [6, 654].

Ҳангоме ки мо дар бораи шахсияти Сарвари кишвар андеша мекунем, роҳи тайнамудаи ӯро дар зиндагӣ ба ёд меорем. Ӯ дар оилаи деҳқон таваллуд ва бузург шудааст. Тамоми зинаҳои ҳаёти худро дар миёни мардуми одӣ дар меҳнат, заҳмат, омӯзиш ва андухтани донишу таҷриба сипарӣ кардааст.

Хулосаи мо ин аст, ки бузургтарин устоди Роҳбари давлат таҷрибаи рӯзгор аст. Ҷомеа ҳамчун ҷузъи табиат дар давраҳои муайян, ҳассос ва хатарзои таърихӣ қудрати худро ба намоиш мегузорад. Таҷрибаи асрҳои аср дар хазинаҳои ирсии маънавиёти миллӣ маҳфуздоштаро аз худ нишон медиҳад. Ҳамзамон, шахсияти бузург падидае нест, ки ба тарзи алоҳида, мухтор худро ҳамчун қаҳрамони фардӣ муаррифӣ кунад. Не. Баръакс. Шахсияти бузург онест, ки тамоми қудрати хешро барои хизмат ба ниёзҳои мардум равона кардааст.

Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд. Шахсияти гениалӣ ормон, мақсад ва ниятҳои худро дар он шароит амалӣ мекунад, ки чунин нақш ба хислати маънавиёти мардумӣ ва муҳити зиндагӣ созгор ояд.

Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик тӯҳфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард [7].

Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик, нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он, ғайриимкон буд.

Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи ахир гашт.

Ҷойи сипос, хотиррасонӣ ва таъкид аст, ки дар муддати зиёда аз се даҳсолаи ахир, таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар масъалаи таъсис, рушд, инкишоф ва ҳимояи сохти давлатдории миллӣ коркард ва роҳандозӣ гардид.

**Аз худ кардан, инкишоф додан ва амалӣ намудани ин таълимот аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардо, ҳамчун замонати пойдорӣ, субот ва тараққии миллӣ мебошад.**

Хотирот шакли ифодаи мавқеи шахсӣ аст.

Мо ҳамасрон, ҳамкорон, ҳамсафон ва шоҳидони даврони ҳокимияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем.

Рӯзу моҳу солҳо моли таърих мешаванд.

Чун воқеият шакли субъективии дарки ҳастист, бидуни шубҳа, дар бораи шахсиятҳои фавқулодаи таърихӣ низ, садсолаҳо тафсир ва тавсифномаҳо идома хоҳанд ёфт. Ин зуҳуроти одӣ ва маъмулии таҷрибаи таърихи инсоният аст.

Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад.

**«Тасдиқ мегардад, ки истеъдод ва зуҳуроти шахсияти фавқулодаи таърихӣ хосияти модарзодӣ дорад»** [2]. Ин хулосаи Гегел низ дар сифатҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

воқеияти истисноӣ нест. Агар бунёдгузори давлати тоҷикон нобиғагии худро дар сиёсат ба аҳли башар нишон дода бошад, шахсияти ӯ низ барои мо ба ҳамин дараҷа омӯзанда аст.

Аммо ҳақиқати таърихиро бояд эътироф намуд. То замони Истиқлол тадқиқоти мустақили мукаммали бунёдии ба низом даровардашудаи академӣ нисбат ба таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав аз ҷониби олимони маъруфи тоҷик, рус, Шуравӣ ва байналхалқӣ анҷом ёфта буд.

Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан, воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, муборизаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард.

Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон, таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъйу қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам [6, 657].

Ӯ воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматқарин аст.

Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард. Масъулияти таъмини амнияти мамлакат, ки солҳо ба дӯши банда гузошта шуда буд, воқеан, ҳамарӯза сайқали дониш, таҷриба ва касбиятро тақозо мекард. Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад.

Дар қабули қарор иродатмандӣ, солорӣ ва мустақилияти омӯзанда аз худ нишон медиҳад. Моро низ ба чунин муносибат ба ҳама гуна далел водор месозад. Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст. Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муоширати ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии давлатдории миллии намунаи ибрат, мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад.

## АДАБИЁТ:


1. Анри Сен-Симон. Избранные сочинения. Издательство Академии наук СССР. Москва – Ленинград, 1948. Т-1. 468 с.
2. Гегел Г.В.Ф. Сочинения. Т – 1.М – Л.: Мысль, 1929. – 473 с.
3. Ковальченко И.Е. Методы исторического исследования. М. «Наука», 1987. 467 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ», 28 декабри соли 2025. Душанбе: «Шарқи озод». 2024. – 48 с.
5. Софокол. Драмы. В перевод Ф.Ф. Зелинского под ред. М.А. Гаспарова и В.Н. Ярхо. Серия «Литературные памятники» М., «Наука», 1990. 174 с.
6. Ятимов С. С. Ёддоштҳо. Қисми II. – Хуҷанд: «Ношир», 2025. – 704 с.
7. Ятимов С. С. Рӯзномаи «Ҷумҳурият», №237 (25352) аз 15.12.2025

УДК:32.019.05

# ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН – МАШЪАЛАФРӮЗИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**МУҲАММАД А.Н.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, муаллиф нақши Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун машъалафрӯзи тамаддуни ориёӣ ва эҳёгари худшиносии миллӣ нишон дода, самтҳои гуногун, зарурат ва воқеияти масъаларо таҳлилу таҳқиқ намудааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки эҳёи Кохи бегазанди «Конуни тамаддуни ориёӣ» ва «Маркази байналмилалии Наврӯз» барои мо ва дигар ориёитаборони дунё танҳо як падидаи нави ҷамъиятӣ ба ҳисоб намеравад, балки ин зарурати таърихиест, ки Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати фарҳангии худ тавонистанд онҳоро ба ғояи муттаҳидкунанда табдил диҳанд ва арзишҳои ахлоқию инсонпарваронаи ориёиятро аз нав эҳё намоянд.*

*Дар баробари ин, асарҳои дигари Президенти кишвар вобаста ба тамаддуни ориёӣ ва дигар мутахассисони ғарбию ватанӣ низ дар мақола мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, фалсафаи ориёият ҳамчун иттиҳоди бостоние нишон дода шудааст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ барои эҳёи худшиносии миллӣ ва масъулиятшиносию ватандӯстӣ заминаи боэътимод гузошта метавонад. Инчунин, баррасии андешаҳо дар Паёми навбатӣ вобаста ба тамаддуни ориёӣ саривақтӣ ва барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ тавонотар ба назар мерасанд. Дар баробари ин, дар мақола нақши як гурӯҳ ориёишиносон ва хизматҳои онҳо дар таҳқиқи тамаддуни мазкур, асоснок карда шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *Эмомалӣ Раҳмон, тамаддуни ориёӣ, худшиносии миллӣ, Тоҷикистон, Наврӯз, Конуни тамаддуни ориёӣ, муҳаққиқони хориҷӣ, Ксенофонт, Паём, ҳувияти таърихӣ, фарҳангӣ, муҳоҷирати ориёиҳо, ҳахоманишиҳо, Куруш, тафаккури ифротӣ.*

# ПРЕЗИДЕНТ ТАДЖИКИСТАНА – ФАКЕЛОНОСЕЦ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ

**МУХАММАД А.Н.**
*Доктор политических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор демонстрирует роль уважаемого Президента страны Эмомали Рахмона в период обретения независимости как маяка арийской цивилизации и вдохновителя национального самосознания, анализируя и исследуя различные аспекты, необходимость и реальность этого вопроса. Автор утверждает, что возрождение «Закона арийской цивилизации» и «Международного центра Навруза» — это не просто новое социальное явление для нас и других арийцев мира, а скорее историческая необходимость, которую Президент нашей страны Эмомали Рахмон в своей культурной политике смог превратить в объединяющую идею и возродить моральные и гуманистические ценности арианизма.*

*Одновременно в статье рассматриваются и другие работы Президента страны, касающиеся арийской цивилизации, а также труды других западных и отечественных специалистов. При этом в статье представлена философия арианизма как древнего союза, способного обеспечить надежную основу для возрождения национального самосознания, ответственности и патриотизма в эпоху независимости. Кроме того, обсуждение идей, касающихся арийской цивилизации, в очередном Послании представляется своевременным и более эффективным для защиты национальных интересов. В то же время, статья обосновывает роль группы арийских ученых и их вклад в изучение этой цивилизации.*

**Ключевые слова:** *Эмомали Рахмон, арийская цивилизация, национальное самосознание, Таджикистан, Навруз, Закон арийской цивилизации, иностранные исследователи, Ксенофон, Послание, историческая идентичность, культура, арийская миграция, Ахемениды, Кир, экстремистское мышление.*

# THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN – BEARER OF ARYAN CIVILIZATION AND NATIONAL IDENTITY

**MUHAMMAD A.N.**
*Doctor political sciences, professor, corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author demonstrates the role of the respected President of the country, Emomali Rahmon, during the period of independence as a beacon of Aryan civilization and an inspirer of national self-awareness, analyzing and researching various aspects, the necessity, and the reality of this issue The author argues that the revival of the «Law of Aryan Civilization» and the «International Center of Novruz» is not just a new social phenomenon for us and other Aryans of the world, but rather a historical necessity, which the president of our country, Emomali Rahmon, in his cultural policy, was able to turn into a unifying idea and revive the moral and humanistic values of Arianism.*

*At the same time, the article examines other works by the President of the country concerning Aryan civilization, as well as the works of other Western and domestic specialists. The article presents the philosophy of Arianism as an ancient union capable of providing a reliable foundation for the revival of national self-awareness, responsibility, and patriotism in the era of independence. Furthermore, discussing ideas related to Aryan civilization in the next Message seems timely and more effective for protecting national interests. At the same time, the article substantiates the role of a group of Aryan scholars and their contribution to the study of this civilization.*

**Keywords:** *Emomali Rahmon, Aryan culture, national seef-rhalveedge, Tajikistan, Navruz, law of Aryan culture, foreign reseachers, Ksenafont, message, historical culture individuality, Aryan migrants,Kurus, ahemenides, extremist thinaing.*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ изҳор намудаанд, ки «тоҷикон яке аз миллатҳои фарҳангиву тамаддунсози дунё мебошанд. Боиси ифтихори мост, ки гузаштагони некноми мо – ориёиҳо ба ҷаҳониён забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бою рангоранги башардӯстона, аз ҷумла Наврӯз, инчунин, анъанаҳои пешрафтаи давлатдорӣ, яъне тамаддуну фарҳанги ҷовидонаро ба мерос гузоштаанд» [6]. Дарвоқеъ, имрӯз бо масъулияти бузург ва дарки воқеияти таърихии тамаддуни ориёиҳо, ки бо ибтикори Пешвои муаззами миллат аз нав эҳё гардид, барои истиқлоли давлатӣ ва тақвияти давлатдорӣ муҳиммияти бузурги худшиносии миллӣ дорад.

Аз ин рӯ, барои миллати мо, айни ҳол, фурсати таърихие пеш омадааст, ки барои таъсиси «Конуни тамаддуни Ориёӣ» ва «Маркази байналмилалии Наврӯз» дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе ташаббусу пешниҳодҳои дар Паёми навбатӣ ироашударо дастгирӣ ва амалӣ намоем. Зарурати таъсиси чунин марказҳои бунёдӣ барои эҳёи хотираи таърихӣ ва худогоҳии миллӣ хеле саривақтӣ буда, кӯҳанбунёдӣ ва фарҳангсолории мардуми моро боз ҳам тақвият мебахшанд.

Маълум аст, ки **«тамаддуни ориёӣ яке аз қадимтарин ва бонуфузтарин тамаддунҳои башарият, ки решаҳои таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва асолати забони худро нигоҳ дошта, аз сарзамини Ҳинд то канораҳои Юнон домон густурдааст. Сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон низ яке аз меросдорони аслии он ҳастем...»** [1, 6] дар арсаи таъриху тамаддуни башарият мақому манзалати хосса дорад.

Умуман, мақом ва нақши Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи хотираи таърихӣ, арзишҳои суннатӣ ва бунёди фарҳанги ориёӣ намунаи ибрат аст. Танҳо зиндаву ҷовидон намудани номи муборакӣ ориёиҳо аз ҷониби Сарвари сиёсии кишвар ин иқдоми бузурги таърихие мебошад, ки дигар муҳаққиқони соҳавӣ дар садсолаҳои охир аз уҳдаи танзими он баромада натавониста буданд. Чунин иқдоми Пешвои миллат дар фазои фалсафаи тамаддуншиносӣ барои миллати мо як ҷаҳонбинии нав ва тавоноии илмию фарҳангиро ба миён овард.

Ҳамин буд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2006 – ро ҳамчун **«Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ»** эълон намуда, таваҷҷӯҳи мардумони дунёи илму маърифатро боз ба бузургдошти тамаддуни ориёӣ ҷалб намуд. Яке аз ҳадафҳои асосии ин чорабинӣ аз он иборат буд, ки нисбат ба тарбияи хештаншиносии насли ҷавон ва тарғиби саҳми ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ бахшида шудааст.

Дар баробари ин, китоби Президенти кишвар таҳти унвони **«Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»** ба нашр расидааст, ки дар он муаллиф нақши ориёиҳоро дар таърих ва ташаккули давлатдории тоҷикон таҳлилу баррасӣ намудааст. Китобҳои дигари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон **«Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз ориён то Сомониён» ва «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ»** мебошанд, ки онҳо пешрафти илмии бунёдиро дар соҳаи таърихи ориёият ба амал оварда тавонистанд.

Албатта арбобони сиёсӣ ва олимону пажӯҳишгарони дигари мо низ дар солҳои гуногун вобаста ба тамаддуни ориёиҳо корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотиро ба анҷом расонида буданд. Аммо, шуҷоати аз байн бурдани доғҳои сиёҳи сохтаи ин тамаддунро вобаста ба идеологияи ҳамон замон надоштанд. Ҳалли ин масъала, яке аз хизматҳои бузурги Президенти кишвар мебошад, ки тамоми бори гарони таърихи ниёгонро ба дӯши худ гирифта, тамаддуни ориёиро аз таҳриф наҷот бахшиданд.

Муҳаққиқони хориҷӣ – Аско Паркола, Рам Шаран Шариа, Чарлз Ален, Эдуард Шуре, Иоган Гердер, Ричард Фрай, Саид Нафисӣ, Меҳрдоди Баҳор, Ричард Фолдс ва дигарон низ дар ҷустуҷӯи ориёиҳо ва тамаддуни нотакрори онҳо асарҳои гуногун эҷод карданд, ки имрӯз бояд боиси истифода ва таҳлилу таҳқиқи бунёдӣ қарор ёбанд. Ба ҳар ҳол онҳо дар ин масир хизматҳои илмии таърихию фарҳангӣ намудаанд. Инчунин, саҳми пажуҳишгарони тоҷик дар масъалаи таҳқиқи тамаддуни ориёиҳо назаррас аст. Масалан, устод Бобоҷон Ғафуров фасли аввали китоби «Тоҷикон»-ро ба пайдоиш ва тамаддуни ориёиҳо бахшидааст, ки хеле ҷолибияти таърихӣ дорад. Муаллим Ҳазратқулов М. китобе бо номи «Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ» навишта буд, ки ба масъалаи фарҳанг ва дини қадимаи ориёиҳо тамаркуз мекунад. Пажуҳишгари дигар, И. Умарзода «Таърихи тамаддуни ориёӣ» навиштааст, ки ҳамон замон боиси баҳсҳои мухталиф гардида буд. Инчунин, файласуф ва шоири тоҷик Назри Яздонӣ ҳам китобе бо номи «Ҳикмати озодагон» чоп намудааст, ки хеле ҷолиб ва андешаҳои мустақилона дорад. Ин асар, ба муқобили сӯифаҳмиҳо ва таҳрифҳои таърифӣ, ки аз ҷониби доираҳои муайяни миллатгаро дар бораи ориёиҳо паҳн карда мешаванд, баҳс намуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳақиқати илмию таърихиро аз мадди назар дур насозад.

Дар маҷмуъ, дар раванди ориёнишиносии муосир аз ҷониби пажуҳишгарони кишвари мо Юсуфшо Ёқубшо, Бобоназари Ғаффор, Ҳ. Муъминҷонов ва дигарон таҳқиқот ба анҷом расонида шудааст.

Масалан, донишманди тоҷик Бобоназар Ғаффор нисбати забони такомули Турфон, ки яке аз минтақаҳои ориёӣ ба ҳисоб мерафт, қайд менамояд, ки: «Шояд он забон низ забони китобати давоми орёии миёнаи (ба истилоҳи пешин форсии миёнаи) Турфон буд, ки дар баробари забони зиндаи ба тахмини мо шарқиэронии ба форсӣ наздик (эҳтимол худ паҳлавӣ-портист) маъмул буд, он забон, забони форсии миёнаи китобат чандин аср, ҳатто дар овоне, ки ориёии нав (форсии нав соҳиби раво (норма) гашта буд), дар истифодаи фаъол буд» [11].

Ба замми ин, ба андешаи мо, аз забонҳои форсии миёна нуфузи забони бохтариву суғдӣ дар Турфон хеле зиёд буд, ки то ҳол нақши забонҳои ҷанубу ғарбии форсии нав, форсӣ ва тотӣ дар бозёфтҳои археологӣ ба назар мерасанд. Яъне то ба зери тасарруф даровардани муғулҳо минтақаи Туркистони шарқиро забонҳои форсӣ дар Турфон мавҷуд будаанд.

Мавриди қайд аст, ки ин ҳама таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки то ҳанӯз меросбарони ин тамаддуни бузурги инсоният дар пайи ҷустуҷӯи воқеияти таърихии ориёият, аҷдодони қадимаи хеш мебошанд.

Аммо иқдоми бузурге, ки аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии соли 2025 пешниҳод карда шуд, як андешаи бунёдӣ ва фаромиллиест, ки дар замони тағйирпазирии ҷомеа, барои наслҳои ин тамаддун боиси эҳтирому эътирофи хосса гардидааст.

Вобаста ба ин масъала, файласуфи тоҷик Н. Яздонӣ чунин хулосабардорӣ менамояд: «Осори Президенти муҳтарами мо дар ҷабҳаи шинохти тамаддуни ориёни тоҷикӣ аз рӯзҳои аввали нашри онҳо диққати ҷомеаи илмии ҷаҳониро ба худ ҷалб кард, ин осор ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷимаву нашр шуд ва мавриди истифодаи ҷаҳониён гашт. Як сабаби бо чунин суръат маъруфу ба гардиши илмӣ ворид шудани андешаҳои Эмомалӣ Раҳмон агар аз як ҷониб ба таҳқиқи илмӣ гирифтани маводҳои қаблан барои илм номаълум бошад, аз ҷониби дигар мушаххасан бо ифтихори қонунии меросбари воқеӣ ва ҳуқуқӣ будани ин тамаддуни гаронмоя эҳсос кардани муаллиф аст» [4, 31].

Бинобар ин, айни замон, идеяҳои созанда ва сарҷамъ намудани мутахассисони касбӣ дар бунёди чунин андешаҳо кори дастаҷамъонае мебошад, ки боиси мақому манзалат ва имиҷи миллату давлати Тоҷикистон аст. Имрӯз мову шумо ҳамчун ворисони ин тамаддун бори гарони таърихиеро ба дӯши худ дорем, ки барои амалӣ намудани моҳияти он дар Тоҷикистони азиз ғайрату тавоноӣ ва пайравӣ аз шуҷоату созандагӣ ва бунёдкории Пешвои миллат лозим меояд, ки мо аз онҳо баҳраманд ҳастем. Мавриди тазаккур аст, ки эҳдо аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун машъалафрӯзи тамаддуни ориёӣ, армуғоне барои рушди худшиносӣ ва ҳувияти миллист.

Умуман, барои тоҷикон тамаддуни ориёӣ қисми муҳимми ҳувияти таърихӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад, новобаста ба оне ки имрӯз баъзе баҳсҳои илмӣ-оммавӣ ва даъвоҳои этнополитикӣ рӯи кор омада истодаанд. Масалан, баҳси оне ки аз ҳама мардуми наздиктарин ба ориёиҳо кист? Дар посух бояд гуфт, ки баъди шаш ҳазор сол муайян намудани насли мустақими ориёиҳо хеле душвор аст. Аммо аз назари марҳалаҳои таърихӣ тоҷикон яке аз ворисони мустақими қабилаҳои қадимаи эронӣ – ориёӣ аз рӯи забон ва фарҳанг ба шумор меравaнд. Имрӯз ҳам миллатҳои мухталифе мавҷуданд, ки худро бо ифтихор насли мустақими ориёиҳои қадим – ҳинду аврупоиҳо мешуморанд. Инҳо, пеш аз ҳама, тоҷикон, ирониҳо, паштунҳо, курдҳо, осетинҳо тотҳо, ҳиндуҳо, покистониҳо ва ғ. мебошанд, ки онҳоро хешутабории устуравӣ, рамзҳои умумӣ ва решаҳои таърихӣ дар Авесто ва Ведҳо бо ҳам мепайванданд.

Маълум аст, ки давраи муҳоҷирати ориёиҳо (ҳазораи II пеш аз мелодӣ ва ибтидои ҳазораи I п.м.) алоқаманд аст, ки дар қаламрави бузурги Осиёи Миёна ва вилоятҳои вобастаи он қавмҳои ориёитаборон махлутшуда зиндагӣ мекарданд. Ин давраи тулоние буд, ки дар ин муддат дини нав – зардуштия рушд намуд ва дар ин қаламрав савдову кишоварзӣ, инчунин забону расму оинҳо тараққӣ ёфтанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки гурӯҳҳои этникӣ таназзул ёфта, тамаддунҳои суғдӣ дар шимол ва бохтарӣ дар ҷануб тараққӣ намуданд. Ин давраро аксари муҳаққиқон давраи Ориёи Бузург номидаанд [3, 14].

Марҳалаи дигар давраи ҳукмронии хонадони Ҳахоманишиён мебошад, дар ҷанубу ғарбии Эрон. Намояндаи ин хонадон Куруши Кабир (558 – 530) лашкари шоҳ Астиагро дар соли 550 мағлуб намуд ва пойтахти он шаҳри Экбатан (Ҳамадон)-ро ишғол кард. Давлати Ҳахоманишиён баъд аз юришҳои пайдарҳами Искандари Мақдунӣ дар соли 531 сарнагун гардид. Баъд аз ин, тақрибан то миёнаҳои ҳазорсолаи дувуми пеш аз мелод дар ин минтақа шоҳони гуногуни юнониву бохтариҳо ҳукмронӣ намуданд. Ин давраро дар Осиёи Миёна аҳди эллинизм меномиданд ва муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки дар ин давра синтези ду фарҳанг ба вуҷуд омад, инчунин маводи археологӣ ва хаттӣ ба он далолат мекунанд, ки забон ва фарҳанг асосан суғдӣ-бохтарӣ буд.

Яке аз давлатдории пурзӯри онҳо ба Давлати Кӯшониён рост меояд, ки бо омадани қабилаи юэҷӣ (140-130 п.м.) асос гузошта буд. Яке аз давраҳои шукуфоии Давлати Кӯшониён давраи ҳукмронии Канишка (100 – 144 п.м.) ва писари ӯ Хувишка (131 – 166 п.м) буд.

Даврai дигарро метавон даврai Сосониён (224 – 551) ном бурд, ки дар ин давра забони паҳлавӣ (форсии миёна) ташаккул ёфта, асар ва рисолаҳои зиёди адабӣ ва таърихӣ ба ин забон навишта шудааст. Маҳз ҳамин замон ҳамчун даврai муттаҳид ва сарҷамъ гардидани тоҷикон аз лиҳози этникӣ ва забонӣ мебошад [3, 15].

**Даврai** ҳалкунанда дар таърихи давлатдории тоҷикон аҳди Сомониён буд. Ин даврае буд, ки забон, адабиёт, фарҳанг ва дар маҷмуъ, тамаддуни халқҳои ҳинду аврупоӣ, аз он ҷумла тоҷикон рушд намуд. Забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва адабиёт гардид. Маводи маъмули таърихӣ низ дар замони ҳозира ба он шаҳодат медиҳад, ки маҳз дар замони Сомониён тоҷикон ҳамчун халқ бо доштани забони алоҳида, фарҳанги ба худ хоси ориёӣ ба забонҳои эронии қадим, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ ва баъдан форсӣ, дарӣ-тоҷикӣ суҳбат мекарданд. Яъне забон, мероси хаттӣ ва расму оини онҳо хеле ташаккулёфта буданд.

Нодида гирифтани таърифи мафҳуми «ориёиҳо» ва ё ба маънои сиёсӣ ё нажодпарастӣ истифода бурдани он заминаи ростӣ надорад, андешаҳои имрӯзаи эҳёи ин тамаддуни ҷаҳонӣ ҳеҷ вақт ба он равияҳои ифротии аз худ кардани олиму шоир ва фарҳанги ориёи-тоҷикӣ иртиботе ҳам надоранд, мо танҳо хотираи таърихию фарҳангӣ ва падидаҳои инсондӯстии гузаштагони худро эҳё менамоем, ки бегонагон онҳоро аз худ нанамоянд.

Мавриди тазаккур аст, ки ҳатто вожаи «тоҷик» аз ҷиҳати маъноӣ ба вожаи «ориёӣ» наздик аст, «олиҳиммат», «асилзода». Дар фарҳанги забони муосири тоҷик вожаи «тоҷик» ба маъноҳои «шахси тоҷдори асилзода» ва «озодандеш» омадааст [9, 3; 5]. Чунин шарҳи мафҳуми «тоҷик» моро водор менамояд, ки дар бораи ориёиҳо (суғдиён, бохтариҳо, хоразмиҳо ва саккоиҳо ва ғ.), ки худ таҷассумгари мардумони мо буданд, ҳатто то охири асри XIX маънои мафҳуми тоҷик ҳамон маънои ориёиро ифода мекард.

Вобаста ба ин Президенти кишвар менависад, ки «Забони тоҷикӣ дар тули таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархӯрд ва рӯёрӯйӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавонои бунёдии ин шохаи забони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад» [10, 25].

Имрӯз ҳам мебояд, ки ба консепсияи маъмули ориёитаборон такя кард. Дар ёдгории хаттии ҳазорсолаи II пеш аз мелод, – Работак (Афғонистони шимолӣ), ки дар он дар бораи ислоҳоти Канишка навишта шудааст, ки забони юнонӣ бекор карда шуд ва ба ҷои он забони ориёӣ [7, 78 – 83], яъне бохтарӣ роиҷ гардид.

Ҳамин тариқ, аввалин бор дар ҳудуде, ки дар қадим ба Бохтар дохил мешуд, ҳуҷҷати расмие пайдо гардид, ки бохтариҳоро ба халқҳои ориёӣ нисбат медиҳад [8, 210]. Бунёд намудани Канишка – ибодатхонаи оташи муқаддаси зардуштӣ дар Сурхкутал ва муҳтавои навиштаҷоти Работак дар бораи забони ориёӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ҳоким ба анъанаҳои гузаштагони худ алоқамандии бевосита доштааст.

Масалан, ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Тиргон, Меҳргон ва маросимҳои туй, дафн, расму оинҳо, фолклор, устура, фарҳанги мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва ғайра ин аз ҳифзи ҳувияти ориёӣ ва ҷомеаи этникӣ будани мардуми мо гувоҳӣ медиҳад. Мавриди тазаккур аст, ки «Ҷашни бузургдошти тамаддуни ориёӣ» ва тадбирҳои монанди ин барои миллат аҳаммияти актуалӣ доштанд. Агар аз як тараф нуқсонҳоеро, ки дар тафаккури миллӣ бар асари сиёсати миллатзудоӣ, тоталитарӣ ислоҳ кунад, аз тарафи дигар бояд нозукбинона дар назар дошта мешуд, ки ин тадбирҳо ба худпарастии миллӣ, ба натсизм, худпарастӣ, миллатпарастӣ набарад, балки ба хештаншиносӣ, миллатдӯстӣ раҳнамун кунад. Ин ҷиҳати масъала ҳамеша дар мадди назар ҳаст ва натиҷаи ин аст, ки ин сиёсат, дар матну батни сиёсати хориҷии Тоҷикистон хуб ҷараён меёбад ва хуб ҳам истиқбол мешавад» [4, 36].

Дар баробари ин, айни ҳол, баъзан баҳсҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи таъсири тамаддуни ориёӣ ба дини ислом ва баръакси он ба назар мерасад, ки дарвоқеъ онҳо бо ҳамдигар таъсири мутақобила доранд ва яктарафа баҳогузорӣ кардан начандон хуб аст. Зеро, ки «аз мост, ки бар мост». Мавриди инкор нест, ки дини ислом дар рушди

минбаъдаи тамаддуни ориёӣ нақши бориз дорад, ки забони тоҷикӣ-форсӣ рушд ёфт, худшиносии фарҳангӣ нигоҳ дошта шуд. Бояд қайд намуд, ки дини ислом ҷаҳонбинии ориёиро иваз кард, вале фарҳанги ориёиро нигоҳ дошта тавонист. Худи дини ислом барои тамаддуни ориёи тавҳидро тақвият бахшид, илму ахлоқро умумибашарӣ кард.

Шояд дини ислом рақиби фалсафаи баъзе унсурҳои ориёият бошад, аммо душмани он нест. Бубинед, Ксенофонт дар китоби «Курушнома» менависад, ки ориёиҳо «порсҳо чи тавр хислатҳои олии ахлоқии ҳамшаҳриёнашонро тарбия мекунанд. Кӯдаконе, ки ба мактаб мераванд, доимо дар бораи адолат таълим мегиранд» [5, 14]. Яъне масъалаи адолат, илм ва китобхонӣ, пеш аз дини ислом низ роиҷ буд. Бояд гуфт, ки «Ксенофонт барои Куруш чуноне шуда буд, ки Гомер барои Аххилис дар эпоси Гомер дар асоси мифологияи таърихӣ эҷод карда шуда, буд…агар Ксенофонт дар бораи форсҳои қадим тарбиятгирандагони Куруш ҳақиқатро гӯяд, пас олмониҳо метавонанд хушҳол шаванд, ки хешовандони ин халқ ҳастанд ва ҳар як давлатмарди олмонӣ бояд «курушнома»-ро хонад» [2, 322]. Албатта ин таъкиди Гердер дар худ боз ҷанбаҳои дигаре низ дошт. Ӯ ҳамчун муҳаққиқ ҳамеша ин таммадунро чашми дидан надошт ва ҳамеша накӯҳиш мекард.

Аммо сабақҳои адолатпарварии тамаддуни ориёӣ ба дини ислом таъсиргузорӣ намудааст ва дар маҷмуъ, он дар худшиносиии ориёӣ ва ҳувияти фарҳангӣ нақши бориз дошта, инсонро на ба миллату нажод, балки ба боварӣ, имондорӣ ва дониш доштан равона менамояд. Ҳамин аст, ки тоҷикон ҳеҷ гоҳ беадолатиро таҳаммул надоштаанд, ҳатто мисли ориёиҳои қадим ва «эрониҳо одамони бетарбия ва бадхӯю беадолатро аз ҷомеаи худ меронданд» [2, 327].

Аз ин рӯ, имрӯз ҳамбастагии ориёият ва ислом метавонанд ҳувияти тоҷикиро мутавозин, солим ва пойдор нигоҳ доранд. Ҳамзамон, боиси ифтихор аст, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон мо худро намояндаи миллати тоҷик бо решаҳои ориёӣ ва бо эътиқоди исломӣ мешиносем. Ориёият ин барои мо як марҳалаи таърихиест, ки ҷаззобияти фарҳангии он метавонад мардумро аз тафаккури ифротӣ наҷот диҳад. Мо ворисони тамаддуни ориёӣ будем ва мемонем.

**АДАБИЁТ:**


1. Барот Абдураҳмон. Куруши Кабир шоҳаншоҳи тамаддуновар. Душанбе, 2006.-С.6.
2. Гердер И.Г. Идеи к философии истории человечества.М.1977.-С.322, 327.
3. .Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷвар. 9таҷрибаи талили сиёсатшиносии этникӣ) Душанбе, 2018.-С 14, 15
4. Назри Яздонӣ. Ормонҳои ориёӣ тоҷикӣ (Аз Бостон то Ҷовидон) душанбе, 2020 – С 31, 36
5. Ксенофонт .Курушнома. Душанбе, 2023- С 14
6. ( ниг. Паём-2025)
7. Sims-Williams N., Cribb J. A new Bactrian inscription of Kanishka the Great // Silk Road Art and Archaeology. 1995 – 1996. 4. P. 78, 83.
8. Ходжаева Н.Д. Динамика развития географических представлений о Центральной Азии в древней и раннесредневековой иранской традиции: дис.... д-ра ист. наук: 07.00.09 Душанбе, 2016. С. 210.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум, Аз Ориён то Сомониён. Лондон, 2002. – С.3 – 5.
10. Эмомалӣ. Раҳмон «Забони миллат – ҳастии миллат».Душанбе – 2016 – С.25.
11. Бобо – Назар Ғаффор. Форсӣ ё тоҷикӣ ай баҳсҳои зуракӣ. // Ҷумҳурият 11 ноябри 2008.

УДК:323.243:355.23(575.3)

# РИТОРИКАИ ҲАРБИЮ ВАТАНДӮСТӢ ВА МОҲИЯТИ ОН

**САИДЗОДА Ф. С.**

*Номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти нутқи ҳарбию ватандӯстӣ шарҳ ёфтааст. Муаллиф масъалаи нутқи ҳарбию ватандӯстиро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва воситаи таъсиррасонии идеологӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин, таърихи пайдоиш ва ташаккули нутқи ҳарбиро баррасӣ намуда, муаллиф асоснок менамояд, ки масъалаи мазкур дар тарбияи насли наврас, баланд бардоштани мафкураи миллӣ ва мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ таъсиргузор мебошад.*

*Хусусан, нақши шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ки бо санъати суханварии худ дар раванди муҳорибаву низоъҳо роҳнамои маънавии мардум буданд, қайд карда мешавад. Дар мақола аҳаммияти нутқи ҳарбию ватандӯстӣ дар равандҳои сиёсии муосир кушода дода шудааст. Махсусан, ҷойгоҳи ин санъати суханварӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардидааст.*

*Дар баробари ин, муаллиф аҳаммияти нутқи ҳарбию ватандӯстиро дар шароити Тоҷикистон таҳлил намуда, моҳияти онро дар ҳифзи амнияти давлат ва тарбияи ватанпарастӣ дида баромадааст.*

**Калидвожаҳо:** *риторика, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ, амнияти иттилоотӣ, худшиносии миллӣ, истиқлолият, ваҳдати миллӣ, дискурси сиёсӣ, риторикаи ҳарбӣ, боваркунонӣ, амнияти миллӣ, ватандӯстӣ, рамзҳои миллӣ, шуури сиёсӣ.*

## ВОЕННО-ПАТРИОТИЧЕСКАЯ РИТОРИКА И ЕЕ СУЩНОСТЬ

**САИДЗОДА Ф. С.**

*Кандидат политических наук, главный научный сотрудник Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье рассматриваются сущность и значение военной и патриотической речи. Автор рассматривает вопрос военной и патриотической речи как социально-политический феномен и средство идеологического влияния. Кроме того, анализируя историю возникновения и формирования военной речи, автор утверждает, что этот вопрос оказывает значительное влияние на образование подрастащего поколения, повышение национального самознания и укрепление национального единства.*

*В частности, отмечается роль великих исторических личностей, которые своим ораторским исскуством служили духовными наставниками для народа во время войн и конфликтов. В статье рассматриваются значение военного и патриотического дискурса в современных политических процессах. В частности, обсуждается место этого ораторского исскуства в информационном обществе.*

*Одновременно автор проанализировал значение военно-патриотической речи в условиях Таджикистана и выявлена ее сущность в защите государственной безопасности и воспитании патриотизма.*

**Ключевые слова:** *риторика, военно-патриотическая речь, информационная безопасность, национальное самосознание, независимость, национальное единство, политический дискурс, военная риторика, убеждение, национальная безопасность, патриотизм, национальные символы, политическое сознание.*

**MILITARY-PATRIOTIC RHETORIC AND ITS ESSENCE**

**SAIDZODA F.S.**
*candidate of political sciences chief Researcher of the Institute of Philosophy and Political science named after A. Bahovaddinov national Academy of science of Tajikistan*

*This article examines the essence and meaning of military and patriotic speech. The author examines the issue of military and patriotic speech as a socio-political phenomenon and a means of ideological influence. Moreover, analyzing the history of the emergence and development of military speech, the author argues that this issue has a significant impact on the education of the younger generation, the increase of national self-awareness and the strengthening of national unity.*

*In particular, the role of great historical figures who, through their oratory, served as spiritual mentors for the people during wars and conflicts is noted. The article examines the importance of military and patriotic discourse in modern political processes. In particular, the place of this oratory art in the information society is discussed.*

*At the same time, the author analyzed the significance of military-patriotic speech in the context of Tajikistan and revealed its essence in protecting state security and fostering patriotism.*

**Key words:** *rhetoric, military-patriotic speech, information security, national identity, independence, national unity, political discourse, military rhetoric, persuasion,national security, patriotism, national symbols, political consciousness.*

Дар равандҳои геополитикии ҷаҳони муосир, ки рӯз аз рӯз таҳдидҳои ғайрианъанавӣ рушд менамоянд, масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули мафкураи миллӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Зеро дар шароити муосир амнияти миллӣ танҳо иқтидори ҳарбӣ ё иқтисодӣ набуда, аз сатҳи устувории идеологӣ, шуури сиёсӣ ва ҳолати иттилоотии ҷомеа вобастагӣ дорад. Чуноне С. Хантингтон иброз медорад, «заъфи ҳувияти сиёсӣ метавонад боиси ноустувории низоми сиёсӣ гардад» [9, 92].

Аз ин рӯ, дар ин раванд масъалаи таъмини амнияти маънавӣ нақши бориз дорад. Амнияти маънавӣ унсурҳои идеологӣ, фарҳангӣ ва равониро фаро гирифта, суботи дохилиро мустаҳкам мекунад. Дар ин замина, суханварии ҳарбию ватандӯстӣ ҳамчун унсури муҳимми амнияти маънавӣ ва амнияти иттилоотӣ баромад намуда, ба ташаккули идеология, арзишҳо ва мафкураи сиёсӣ мусоидат менамояд.

Тавре маълум аст, дар илми сиёсӣ дискурс (нутқ, суҳбат, васоити баёнкунанда) ҳамчун мафҳуми стратегии таҳлилии сиёсат баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ Т.А. Ван Дейк таъкид мекунад, ки «дискурс на танҳо ахбор медиҳад, балки шакли тасаввуроти иҷтимоиро низ месозад ва ба раванди амалишавии сиёсати давлатӣ таъсир мерасонад» [1, 44]. Дискурси сиёсӣ ҳамчун чаҳорчӯби назариявӣ ва методологӣ барои таҳлили раванди ташаккул, бозсозӣ ва интишори ғояҳои сиёсӣ дар фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ хидмат менамояд. Он низоми рамзҳо, арзишҳо ва масоили сиёсиро дарбар мегирад. Нутқи ҳарбию ватандӯстӣ, дар ин контекст нақши омили легитиматсия, сафарбарсозӣ ва идоракунии ҷомеаро дошта, ба ташаккули идеология ва арзишҳо мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки зери мафҳуми «нутқи ҳарбию ватандӯстӣ» маҷмуи паёмҳо, рамзҳо, шиору овезаҳои руҳбаландкунанда ва идорашаванда фаҳмида мешавад, ки ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, омодагӣ ба ҳимояи марзу буми Ватан, истиқлол ва масъулияти шаҳрвандӣ замина мегузорад. Ин нутқ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад, аз ҷумла, суханрониҳои сиёсӣ, шиорҳо, матлабҳои расонаӣ, паёмҳои расмӣ ва ғайра.

Аммо дар маҷмуъ, «ҳар гуна дискурси идеологӣ бо мақсади шаклдиҳии тасаввуроти иҷтимоӣ ва тақвияти арзишҳои муайян истифода мешавад» [1, 67]. Дар суханварии ҳарбию ватандӯстӣ бошад, ин ҳадаф тавассути таъкид ба мафҳумҳои «Ватан», «истиқлолият», «қарзи шаҳрвандӣ», «виҷдон», «шаъну шараф» ва «қаҳрамонӣ» амалӣ мегардад.

Ба андешаи профессор Муҳаммад А.Н., «Ҳанӯз аз давраҳои қадим одамон ба сухан ва нерӯи он боварӣ доштанд, ки ин боварӣ аслан дар асоси қудрати сеҳри сухан ба вуҷуд омада буд» [7, 31]. Аз омӯзиши адабиёти таърихӣ маълум аст, ки нутқи ҳарбию ватандӯстӣ ҳамчун шакли суханварии сиёсӣ таърихи қадима дорад. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки аз ҳама шаклҳои суханварии сиёсӣ он таъсирбахштар аст.

Аз замоне ки инсон пайдо шуд ва моҷароҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, низои байни одамон, умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ ва ё воҳидҳои сиёсию маъмурӣ, аз боиси манбаъҳои моддӣ, захираҳои табиӣ, муқовиматҳои идеологӣ, этникӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра рух медиҳанд. Ҷанг, ки нуқтаи ниҳоии моҷароҳои сиёсист, боиси ташаккулу инкишофи нутқҳои ҳарбию ватандӯстӣ гардидааст [4, 429].

Бинобар ин, сарварон, лашкаркашон, шоҳон барои баланд бардоштани рӯҳияи ҷанговарон пеш аз муҳориба ба лашкар муроҷиат мекарданд. Онҳоро таърифу тавсиф намуда, мақомашонро дар ҷомеа васф мекарданд.

Масалан, Ситсерон риторикаро ба низоми давлатӣ пайваст намуда, вазифаи суханварро «муттаҳид сохтани иродаи шаҳрвандон» медонад [10, 58]. Аз ин рӯ, дар анъанаи Рими қадим нутқҳои сарлашкарон пеш аз ҷанг воситаи таҳкими интизом ва садоқат ба давлат буданд.

Чуноне маълум аст, сарчашмаҳои қадимтарине, ки дар он ишора ба дискурси ҳарбӣ меравад, ин ҳамоса, адабиёт, риторикаи ҳарбӣ ва рисолаҳои ҳарбӣ мебошанд, ки ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд. Албатта, пайвасти зичи ҳамоса, адабиёт ва таърих тасодуфӣ намебошад. Ҳамоса шуури мардумро дар сатҳи архетип, ки баъдан дар адабиёт ва таълифоти таърихӣ бозтавлид мешавад, ғизо медиҳад. Албатта, ҷустуҷӯи инъикоси дақиқи воқеаҳои ҳамосавӣ дар асарҳои таърихӣ нодуруст хоҳад буд. Аммо ҳамоса таассуроти умумӣ, арзёбӣ ва баъзан хусусиятҳои ғайричашмдошти дарки падидаҳои муҳимтарини воқеияти таърихиро аз ҷониби шуури халқ инъикос мекунад. Тасдиқ кардан мумкин аст, ки сужаҳо, персонажҳо ва образҳои архетипикӣ метавонанд ва бояд дар фаъолияти нутқии шахсиятҳои комилан воқеии таърихӣ зоҳир шаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз сарчашмаҳои қадимтарини ҳамосавӣ, ки хусусиятҳои риторикаи ҳарбӣ дар он дарҷ шудааст, ин «Илиада» ба шумор меравад. Дар суруди чоруми он Аполлон кӯшиш мекунад дар трояниҳо далериро бо чунин тарз бедор кунад: «Саворагони Троя! Далеронатар, ба пеш! Майдони ҷангро ба дасти ахеиҳо насупоред! Охир, пӯсти онҳо на оҳан аст, на санг аст! Агар бо теғи мис зарба занӣ, зарбаро онҳо бознамегардонанд!» (Илиада, IV, 509-511) [3, 143].

Бояд таъкид намуд, ки нахустин ҳуҷҷати комили матние, ки пурра ба ташаккули фаъолияти нутқи сарлашкар ва нақши он дар тарбияи қӯшунҳо равона шудааст, дар адабиёти илмӣ бо номи «Rhetorica militaris» маълум буда, ба асри VI тааллуқ дорад. Матни он дар монографияи «Риторикаи ҳарбии асрҳои миёна» оварда шудааст. Аз он бармеояд, ки византиягиҳо дар амалияи таълиму тарбияи қӯшунҳо усули боваркунониро қатъиян риоя мекарданд. Ҳар як талаби стратеги византиягӣ бояд ҳамаҷониба далелнок мебуд. Танҳо дар вазъиятҳои бухронӣ ва ҳангоми нарасидани вақт истифодаи тезисҳои асосиро дар нутқ иҷозат медоданд.

Дар «Стратегимаҳои Полиэн» бошад дар нутқи худ сарлашкари афинагӣ Хабрия (асри IV пеш аз милод) чунин суханонро ба забон овардааст: «Вақте ки нияти ба ҷанг ворид шуданро дорем, бояд ба назар гирем, ки мо на бо душманони дорои хусусиятҳои ғайриинсонӣ, балки бо одамоне рӯ ба рӯ мешавем, ки хун ва гӯшт доранд ва дорои ҳамон моҳияте мебошанд, ки мо низ онро доро ҳастем» [3, 144].

Тазаккур бояд дод, ки охирин рисолаи аврупоие, ки дар он масъалаи аҳаммияти санъати суханварӣ дар фаъолияти ҳарбӣ баррасӣ мегардад, ин «Санъати ҷанг» – и Николло Макиавелли ба шумор меравад. Муаллиф дар рисола қайд менамояд: «Сарлашкарҳои барҷаста бояд натток бошанд, зеро дар сурати надоштани маҳорати сухан гуфтан дар назди қӯшун пурра ба чизе ноил шудан ба гумон аст» [5, 1].

Дар рисолаҳои ҳарбии Шарқ бошад, аҳаммияти риторикаи сарлашкарон дар фаъолият ва матонати қӯшунҳо ба таври назаррас таъкид мегардид. Ин буд, ки дар Ҳинд ва Хитойи қадим бо истеъдоди махсуси ҳарбӣ ва зафарҳои бузурги низомӣ бар душманони беруна ғолиб мегаштанд. Дар Ҷопон бошад, таълифи рисолаҳои ҳарбӣ бо фаворасии ҳукмронии сегунат Токугава (асрҳои XVII – XIX) оғоз гардид. Ҷопониҳо хеле кӯтоҳбаён буданд. Масалан, дар рисолаи «Хагакурэ» қайд шудааст, ки «дар корҳои ҳарбӣ нақши сухан бузург аст» ва махсусан дар кадом ҳолат шарҳ ёфтааст.

Бояд гуфт, ки маҳз, дар Замони нав бо пайдоиши артишҳои доимӣ аҳаммияти ҳарчи бештари жанрҳои хаттиро дар дискурси ҳарбӣ, аз қабили амрҳои ҷангӣ, мақолаву хотираҳо, рамзҳо, дастуру фармоиш, насиҳатҳо ва оинномаҳо дарк карданд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки то асрҳои миёна риторикаи ҳарбӣ хусусияти мазҳабӣ ва ахлоқиро касб карда буд. Аз ҷумла, дар Аврупо нутқҳое, ки дар раванди ҷангҳои салибӣ ироа мешуданд, бо мафҳумҳои «вазифаи муқаддас» ва «ҳифзи имон» шакл мегирифтанд. Чуноне, таҳқиқотчиён ишора мекунанд, дар ин давра «сухан ҳамчун воситаи қонунӣ гардонидани ҷанг» истифода мешуд [12, 112]. Маҳз, бо ташаккули аввалин давлатҳои миллӣ ва артиши доимӣ риторикаи ҳарбӣ аз мазмунҳои сирф мазҳабӣ ба мафҳумҳои миллӣ – «ватан», «истиқлол», «шаъну шараф» гузашт.

Дар анъанаи мардуми тоҷику форс бошад мафҳуми нутқи ҳарбӣ ва ватандӯстӣ бо номус, ҳимояи Ватан, шуҷоат ва масъулияти шаҳрвандӣ пайваст мебошад. Сарчашмаҳои таърихӣ собит месозад, ки барои гузаштагони мо ҷанг на танҳо муқовимати низомӣ, балки бархӯрди сухан, руҳия ва андешаҳо низ буд. Ҳанӯз дар замони ориёиҳо ва пеш аз ислом шоҳон, суханварони бузург ва пешвоёни маънавӣ ҳангоми ҷанг сарбозонро ба ҳифзи хоку номус даъват мекарданд. Онҳо бо суханони пурмазмун тарсро шикаста, барои дифоъи Ватан ҷангро амали муқаддас арзёбӣ мекарданд.

Намунаи чунин шахсият метавон Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ (849 – 907) – асосгузори нахустин давлати мутамаркази тоҷикон Сомониёнро мисол овард. Аз раванди таърих маълум мегардад, ки Исмоили Сомонӣ пеш аз ҳар як муҳориба дар нутқ ва фармонҳои худ сарбозонро ба ҳифзи оромии мардум, манъи зулму ғорат ва садоқат ба давлат водор мекард. Дар суханрониҳое, ки барои рӯҳбаланд намудани ҷанговарон мекард, на ба суханварии шоирона, балки ба нутқи сиёсӣ, рафтори намунавӣ ва сиёсати одилона такя менамуд. Ӯ нишон дод, ки адолат худ як навъ нутқи пурқудрат аст ва роҳбари одил метавонад сарбозро бе маҷбуркунӣ далер гардонад.

Дарвоқеъ, нутқи ҳарбӣ дар фарҳанги мо на даъват ба хунрезӣ, балки барои ҳимояи Ватан, адолат ва инсон аст. Дар адабиёти классикӣ ин анъана баъдтар дар шакли қаҳрамонӣ идома ёфт. Тавре профессор Ятимов С.С. менависад «Ҷоннисорӣ ва ҷавонмардии Қаҳрамони халқи тоҷик, заҳмати шабонарӯзӣ ва барои миллат ҳар замон ҷабҳаи созандагӣ офаридан ва дар онҳо пирӯз гаштан, сарчашмаи абадии адабиёти бадеӣ хоҳад буд. Ба назар муҳим мерасад, ки чунин воқеият бо тазоду мушкилот, таҳдидҳои воқеӣ, хатарҳои ҷонкоҳ, буриданҳо, шикастанҳо, басту бандҳо, муқобили масири шадиди равандҳо ҳаракат карданҳо, пирӯз гаштанҳо, яъне ифодаи ягонаи воқеияти замон тасвир гардад. Он бояд образ ва баёнгари воқеияти зиндагие бошад, ки ҳазорсолаҳо барои миллат ҳамчун намунаи қаҳрамонӣ, шуҷоат, далерӣ, ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, миллатофаринӣ, давлатсозӣ ва мардумсолорӣ хизмат кунад» [11].

Бахусус, дар вазъиятҳои ногувори таърихӣ шоирону мутафаккирон бо нутқи ватандӯстона дар баланд бардоштани рӯҳияи ҷангии сипоҳиён ва халқи заҳматкаш нақши муҳим бозиданд. Масалан, Абӯмансури Дақиқӣ аз аввалин суханвароне ба шумор меравад, ки ҷанг барои ҳимояи Ватанро ба шеър даровардааст. Дар ашъори ӯ сухан пеш аз шамшер меояд ва ҷанг ҳамчун воситаи ҳифзи давлат ва адолат муаррифӣ шудааст. Яъне, тавре аз адабиёти классикӣ маълум мегардад, дар осори мутафаккирони мо сухан чун силоҳи маънавӣ, ҳамрадифи шамшер истифода мешуд. Ин фаҳмиш заминаи адабии нутқи ҳарбиро барои дигар мутафаккирон фароҳам овард.

Аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун суханвари барҷаста намунаи нутқи ватандӯстонаро пешниҳод намудааст, ки барои рӯҳбаландии ҷангӣ, риояи адлу адолат, ватандӯстӣ ва ҳимояи марзу бум замина мегузорад. Чуноне, аз мазмуни «Шоҳнома» бармеояд, қаҳрамонон пеш аз муҳориба бо нутқи пурмаънӣ баромад мекунанд. Фирдавсӣ суханро ягона омили ташаккули ирода ва шуҷоати сипоҳ медонад, ки тарсро шикаста, ҷанговаронро ба фидокорӣ раҳнамоӣ мекунад. Чунин иброз медорад:

Дигар гуфт равшанравон он касе,
Ки кӯтоҳ гӯяд, бо маънӣ басе.

Дигар мутафаккир ва шоир Низомии Ганҷавӣ мебошад, ки суханварро масъули роҳнамоии ахлоқӣ, пешгирии зулм ва ҳифзи инсонгароӣ мешуморад. Ба андешаи Саъдии Шерозӣ, «ҷанг бояд охирин чора бошад». Дарвоқеъ, дар таърихи миллати мо суханварон ҳамеша ҳамсафари низомиён буданд ва нутқи онҳо барои тарғибу ташвиқ хизмат мекард.

Албатта, таърихи башарият собит месозад, ки аз байн рафтани дискурси ҳарбӣ ва суханрониҳои рӯҳбахшу тарбиявӣ, бешубҳа, ба рӯҳияи ҷангӣ ва самаранокии фаъолияти низомии қӯшунҳо таъсири манфӣ расонидааст. Бешубҳа, дар он ҷое, ки «ба ҷои далерӣ - беҷуръатӣ ва ба ҷои ҷасорат – психоз мавҷуд аст», барои шуҷоат ва корнамоиҳо ҷой нест ва бидуни он ҳеҷ як артиш дар ҷаҳон то ҳол пирӯз нашудааст [2, 338].

Бояд иброз дошт, ки нутқи ҳарбию ватандӯстӣ аз дигар шаклҳои риторикаи сиёсӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ менамояд:

– оммафаҳмӣ – яъне паёмҳо ба таври оддӣ ва сода талқин мешаванд;

– идоракунии эҳсосот – истифодаи усулҳои риторикӣ барои ташаккули эҳсоси ҳамдигарӣ;

– рамзҳо – истифодаи рамзҳои миллӣ (парчам, нишон, сарҳад, Қувваҳои мусаллаҳ).

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ риторикаи ҳарбӣ ба фазои рақамӣ гузашт. Паёмҳои расмӣ бештар тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, дипломатия ва амнияти глобалӣ такя мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи сарчашмаҳои таърихию сиёсӣ маълум гардид, ки риторикаи ҳарбӣ аз нутқҳои анъанавии сарлашкарон то системаи мураккаби коммуникатсияи сиёсӣ рушд кардааст. Аммо бо вуҷуди дигаргун шудани сохтор, шакл ва воситаҳои амалишавӣ ҳадафи асосии он, яъне сафарбарсозӣ, таъсиррасонӣ ва ташаккули иродаи умумӣ устувор боқӣ мемонад.

Дар ҳар як марҳилаи таърихӣ риторика ва суханварии ҳарбӣ бо сохти давлатдорӣ, арзишҳои сиёсӣ ва технологияҳои иртиботӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар бисёр ҳолатҳо суханварон мекӯшанд, нутқе пешкаш намоянд, ки ба гӯши шунаванда расад ва фаҳмо бошад. Аз ин хотир, онҳо хеле сода ва самимона суханварӣ намуда, аз мақолу зарбулмасалҳои зиёд истифода мекунанд, то дар хотири шунаванда боқӣ монанд.

Масалан, Суворов дар асари машҳури «Илми ғалаба намудан» бештар ба афоризмҳо (панду ҳикмат) рӯ меоварад. Зеро аскарон, асосан, саводи қазоӣ надоштанд. Суворов хуб медонист, ки афоризмҳо дар хотирашон мемонад. Масалан, «худат муру рафиқатро наҷот деҳ», «Калла думро мунтазир намешавад». Дар бораи нутқҳои Кутузов низ қиссаҳои зиёде мавҷуд аст. Дар давраи инқилоби Октябр нутқҳои сиёсӣ хеле авҷ гирифтанд. Одатан, инқилобчиён нотиқони барҷастаанд [4, 430].

Дар шароити муосир бошад, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ зери таъсири як қатор омилҳои нав қарор дорад, аз ҷумла, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, васеъшавии фазои шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва равонӣ, тағйирёбии арзишҳои иҷтимоии ҷавонон ва ғайра. Махсусан, дар равандҳои мураккаби ҷаҳонишавӣ ва геополитикӣ, ки хатарҳои экстремизм, терроризм ва таъсири идеологияи беруна рушд мекунад, масъалаи таҳкими амнияти миллӣ хусусияти стратегӣ касб менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки на иқтидори ҳарбӣ, балки устувории маънавӣ-сиёсӣ ва шуури ватандӯстии шаҳрвандон асоси таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Бинобар ин, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ омили муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ, шуури сиёсӣ ва механизми муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотию идеологӣ баромад мекунад. Омӯзиши илмии ин падида дар мисоли Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад, зеро он бо хусусиятҳои миллӣ, таҷрибаи давлатсозии баъдиҷангӣ ва сиёсати сулҳҷӯёнаи кишвар зич алоқаманд аст.

Аз ин лиҳоз, суханварони сиёсӣ бояд аз таҷрибаи давлатдории навини тоҷикон лаҳзаҳо ва марҳилаҳоеро пайдо намоянд, ки тамоми табақаҳои ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳидаро дар атрофи ғояи ягонаи миллӣ ба ҳам оварда, ояндаи кишварро муайян ва собит гардонанд. Ҳар як нотиқи сиёсӣ бо ташвиқи ғояҳои давлатдории тоҷикон ва пайгирӣ аз низоми демократӣ, ҳамзамон бояд бар зидди ғояҳои манфӣ, ки ягонагии миллатро халалдор менамоянд, мубориза барад [8, 109].

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Ин масъала дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва суханрониҳои Пешвои миллат мавқеи хос дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» зарурати ташаккули ҳисси масъулият барои ҳифзи истиқлолият ва амнияти давлатро таъкид менамояд [6]. Дар ин замина, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ ҳамчун воситаи муҳимми тарбиявӣ ва идеологӣ истифода мешавад.

Хусусан, дар суханрониҳои Пешвои миллат мафҳумҳои сулҳ, ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ ва ҳифзи давлатдорӣ ҳамеша таъкид мегардад, ки ин ба ташаккули шуури ватандӯстии шаҳрвандон мусоидат мекунад. Бинобар ин, суҳбату вохӯриҳои Президенти кишвар бо мақомоти қудратӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ дорои моҳияти сиёсӣ, тарбиявӣ ва стратегӣ буда, ҷиҳати идоракунии амният ва ташаккули шуури ватандӯстӣ нақши муҳим мегузорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нутқи ҳарбию ватандӯстӣ дар шароити муосир дорои як қатор функсияҳо мебошад:

– Функсияи легитиматсионӣ. Нутқи ватандӯстӣ сиёсати давлатро дар соҳаи амният, мудофиа ва сиёсати хориҷӣ асоснок менамояд ва ба он хусусияти қонунӣ мебахшад.

– Функсияи сафарбарсозӣ. Ин навъи нутқ шаҳрвандонро барои дастгирии сиёсати давлатӣ, иштирок дар ташаббусҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ сафарбар мекунад.

– Функсияи иттилоотӣ. Нутқи ҳарбию ватандӯстӣ ҳамчун механизми муқовимат ба таҳдидҳои беруна, таблиғоти зиддидавлатӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ истифода мешавад.

Вобаста ба шароити Тоҷикистон бошад нутқи ҳарбию ватандӯстӣ метавонад вазифаҳои устуворсозии сиёсӣ, пешгирии радикализатсия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, муқовимат бо таблиғоти зиддидавлатӣ дар фазои иттилоотӣ ва ғайраро иҷро намояд.

Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло тамоми чораҳои заруриро баҳри инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаҳои мухталифи ҷомеа меандешад. Вале аз ҳама муҳим, ташвиқу тарғиби ҳар як шаҳрванди кишвар дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ зимни пайгирӣ аз ғояи ваҳдати миллӣ мебошад, ки он ҳам аз фаъолияти нотиқони сиёсӣ вобастагии зиёд дорад. Мақсади асосӣ аз он иборат аст, ки тамоми шаҳрвандон бояд Тоҷикистонро Ватан-Модари худ бидонанд ва ҳама даст ба даст шуда, давлатеро таҳким бахшанд, ки роҳнишондиҳандаи давлату миллатҳои дигари олам бошад [8, 109].

Воқеан ҳам, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти миллӣ ҳамчун ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, дар шароити баъдиҷангӣ масъалаи амнияти маънавӣ ва сиёсӣ барои кишвар нақши хоса дошт. Дар ин раванд, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ ба таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бавуҷудории боварӣ ба ояндаи давлат ва ташаккули шуури сиёсии ҷавонон мусоидат намуд ва тадриҷан ба унсури муҳимми амнияти миллӣ табдил ёфт.

Хулоса, нутқи ҳарбию ватандӯстӣ ҳамчун шакли махсуси дискурси сиёсӣ дар шароити муосир дорои аҳаммияти калидӣ буда, ба ташаккули боварӣ ба давлат, муттаҳидсозии ҷомеа, ташаккули маърифати сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, ҳифзи арзишҳои

миллӣ ва муқовимат ба тақсимоти иҷтимоӣ мусоидат намуда, амнияти фарҳангии ҷомеаро таъмин карда метавонад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти мавқеи геополитикии кишвар, таҳдидҳои фаромиллӣ, аз ҷумла ифротгароӣ, терроризм ва ҷанги иттилоотӣ, риторикаи ҳарбию ватанпарастӣ ба омили муҳимми сафарбарсозии маънавӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил меёбад.

Дар ин замина, таъкид ба арзишҳои истиқлол, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва ҳифзи марзу буми кишвар, бахусус, дар сиёсати давлатӣ ва низоми маориф, нақши калидӣ мебозад. Зеро, суханварии ҳарбию ватандӯстӣ на танҳо воситаи тарбияи шаҳрвандӣ, балки механизми муҳимми идоракунии сиёсӣ, дар системаи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, фарогирии нутқи ҳарбию ватандӯстӣ бо арзишҳои сулҳ, ваҳдати миллӣ ва давлатдории дунявӣ ба таҳкими амнияти миллӣ мусоидат менамояд. Новобаста ба ин, таъсири нутқи ҳарбӣ – ватандӯстӣ ба зеҳну тафаккури на танҳо ҳарбиён, балки ба тафаккури ҷавонони мактабу маориф низ таъсири мусбат мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Ван Дейк Т. А. Дискурс и власть. – М.: ЛИБРОКОМ, 2013. – 344 с.
2. Дубовицкая, Е.Ю. Стратегии и риторика войны современных британских газетных заголовков о России и Путине//Когнитивные исследования языка вып. XXII, Тамбов, - 2015. – С. 337 – 339.
3. Зверев С.Э. Источники, этапы развития и состояние современного воинского дискурса// Риторические традиции и коммуникативные процессы в эпоху цифровизации : сборник трудов XXIII Между народной научной конференции (6–8 февраля 2020 г.). - М. : ФГБОУ ВО МГЛУ, 2020. – 1078 с.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.Ҷилди 2.-Душанбе, 2015. – 546 с.
5. Искусство войны: Антология военной мысли. – СПб.: ООО «Амфора», 2016.- 542 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». - Душанбе, 2015.
7. Маҳмадов А.Н.Риторика ва баҳси сиёсӣ.-Душанбе, 2011. – 192 с.
8. Раҷабов И. Ш. Риторика ва баҳси сиёсӣ [Матн]: Воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / И. Ш. Раҷабов – Душанбе, 2016. – 264 с.
9. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – 480 с.
10. Цицерон М. Т. Об ораторе / пер. с лат. – М.: Наука, 1972. – 384 с.
11. Ятимов С.С.Адабиёт ва диалектикаи ҳайёт//Ҷумҳурият. – №: 238 – 239. Санаи нашр.04.12.2018.
12. Kennedy G. A. Classical Rhetoric and Its Christian and Secular Tradition from Ancient to Modern Times. – Chapel Hill: University of North Carolina Press, 1999. – 368 p.

341(575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ САЛАФИГАРОӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ОН БАРОИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОЕВ З.У.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Омилҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паҳншавии ғояҳои динӣ-ифротии ҷараёни «Салафия» мусоидат менамоянд, гуногунанд. Дар баробари заминаҳои эътиқодиву динбоварӣ, инчунин омилҳои зиёде, чун омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ, паст будани сатҳи маърифати ҷавонону шаҳрвандон, таълими ғайриқонунии динӣ, муҳоҷирати нодурусти меҳнатӣ, набудани назорати солими оила ва падару модар, тарғибу ташвиқи густурдаи намояндагони ҳаракатҳои ифротӣ, хоҳиши худомӯзӣ ва ғайраҳо дар якҷоягӣ ба ташаккулёбии ин зуҳурот мусоидат мекунанд. Чунин ҳолат сабаби шомилшавии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба ҳаракатҳои ифротиву террористӣ мешаванд. Тайи солҳои охир дар баробари ҷараёни «Салафия» пайдо шудани равияву ғояҳои гуногун, ки сари масоили мухталифе бо исломи суннатии минтақа ба баҳсу ихтилоф мепардозанд, аз осебпазирӣ ва ҳассосии муҳити динии кишвар дарак медиҳад.*

**Калидвожаҳо:** *салафия, ваҳҳобия, идеология, исломи сиёсӣ, дин, геополитика, амният, ифротгароии динӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# ИДЕОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ САЛАФИЗМА И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ ДЛЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**БОЕВ З.У.**
*Соискатель Института философии и политологии имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Факторы, создающие почву для распространения идеологии религиозно – экстремистского течения «Салафия» в Республике Таджикистан, могут быть разными. В сочетании с основой религиозности населения, а также других факторов, таких как социальных, экономических, геополитических, а также в связи с низким уровнем знаний молодёжи, незаконное религиозное обучение, трудовая миграция, отсутствие контроля со стороны родителей, пропаганда и распространение экстремисткой идеологии со стороны зарубежных эмиссаров, создают условия для вербовки граждан, особенно из числа молодёжи в террористическо-экстремистские движения. В последние годы кроме движения «Салафия», также появились и другие религиозные секта, которые вовлекают общество в различные споры и дискуссии, создают почву для межконфессионального конфликта с традиционной религией ислама в регионе и создают площадку идеологических столкновений.*

**Ключевые слова:** *салафия, ваххабизм, идеология, политический ислам, религия, геополитика, безопасность, религиозный экстремизм, Республики Таджикистан.*

# THE IDEOLOGICAL FOUNDATIONS OF SALAFISM AND ITS NEGATIVE CONSEQUENCES FOR ENSURING THE SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BOEV Z.U.**
*Applicant of the Institute of Philosophy and Political Science named after A.Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The factors that facilitate the spread of extremist religious ideas of the "Salafism" movement in the Republic of Tajikistan are diverse. Alongside ideological and religious-belief foundations, there are numerous other factors such as socio-economic and geopolitical conditions, a low level of awareness and education among youth and citizens, illegal religious instruction, improper labor migration, the lack of effective family and parental supervision, propaganda and agitation by representatives of extremist movements, a tendency toward self-directed religious learning, and others. Taken together, these factors*

*contribute to the formation of this phenomenon and lead to the recruitment of citizens-especially young people-into extremist and terrorist movements. In recent years, alongside the Salafism movement, the emergence of various trends and ideas that engage in debates and disagreements with the traditional Islam of the region on different issues indicates vulnerability and an arena of confrontation between diverse ideological and doctrinal viewpoints.*

**Keywords:** *Salafism, Wahhabism, ideology, political Islam, religion, geopolitics, security, religious extremism*, *Republic of Tajikistan.*

Реша ва этимологияи истилоҳи «салаф», ки равияи динии «Салафия» таърихи қадима дошта, аз давраи пайдоиши дини ислом дар замони Хилофати рошидин маншаъ мегирад. «Салафия» аз калимаи арабии салаф номи худро гирифта, дар фарҳангҳои муътамади форсии тоҷикӣ ба маънои пешиниён, гузашта ва ҳар касе, ки пештар аз падарон ва хешони касе омадааст, ки ҷамъи он аслоф мебошад, пайдо шудааст. Маънии дигари вожаи салаф лофзанӣ, худнамоӣ ва худписандӣ аст [14].

Дар истилоҳи исломшиносӣ бошад, ба маънии гузаштагони аввалин пайравони се асри аввали исломро мегӯянд. Аммо ба назари инҷониб таъбири «салафӣ» ё ҷараёни салафия дар замони имрӯза маънии худро дигар карда, фақат сӯистифода аз ин истилоҳ мебошад. Дар асл он аз доираи асливу шаръӣ, яъне «пайрави аҳли салаф», «салафи солеҳ» («ниёгони некӯном») ё «пайрави аҳли аввали се қарни ислом» берун рафта, як ҷараёни ифротиро мемонад, ки ҳадафаш тарғиби танҳо фарҳанги арабӣ бо сабку шеваи аҳли ҳадис ва аҳли нақл ва бо равиши ҷараёни ваҳҳобия бо маънии доштани ақидаву андешаҳои ислоҳталабӣ дар фазои динии кишварҳо дар назар аст. Бинобар ин, равияи ифротии салафӣ мактаб ва равиши махсуси тарғибу ташвиқи худро дорад, ки заминаҳо ва пойбасти он дар охирҳои асри XVIII дар Арабистон гузошта шудаанд [9].

Зеро дар тамоми давраи мавҷудияти салафия ба он бештар диндорон ва олимоне шомил мешуданд, ки онҳо ҷонибдори рӯ овардан ба исломи ибтидоӣ ва тарзи зиндагии роиҷ дар замони салаф, яъне замони халифаҳои рошидин буданд. Бино ба ақидаҳои уламои ҳанафӣ дӯст доштан ва эҳтиром намудани мусулмонони нахустин худ аломати имондории ҳар як фарди мусулмон мебошад. Аммо пайравони салафияи муосир ба ин восита ба анъанаҳои милливу динии мардумони ғайр мухолифат ва мубориза мекунанд.

Салафиён ҳамаи унсурҳои милливу қавмии дигар мардумони ғайр ва расму ойинҳоеро, ки пас аз он замони дур дар ҳаёт ва фарҳанги ҷомеаи исломӣ пайдо шудаанд, аз истифодаи усули таъвил дар тафсири Қуръон сар карда, то унсур ва падидаҳои наве, ки натиҷаи равобити фарҳангӣ байни олами ислом ва Ғарб мебошанд, ҳамаи инро бидъат мешуморанд, комилан рад мекунад ва дар байни эътиқодмандон ихтилофи мазҳабиро ба вуҷуд меоранд [7].

Ҳарчанд дар бораи моҳият, хусусият ва ҷанбаҳои мухталифи равияи динӣ-ифротии «салафия» тадқиқотҳои илмии бисёр ба анҷом расонида шудааст, ба назар чунин мерасад, ки фаъолияти равияи мазкур боз ҳам баррасию омӯзиши бештару амиқтарро тақозо менамояд. Муқоисаи аъмоли динии онҳо бо оятҳои Қуръону ҳадисҳои пайғамбар муҳаққиқонро ба чунин андеша водор месозад, ки салафиҳо агарчанде худро идомадиҳандагони аъмолу афкори пайғамбар ва саҳобагон муаррифӣ менамоянд, лек «дар аъмолу рафтори ибодатии онҳо зоҳирпарастӣ, на ибодати холисона ағлабият дорад» [3, 90]. Яъне, эшон ҳадафи сиёсиеро, ки бешак таҳмилӣ буда, дар шароити рушди босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ як ҳадафи хаёлию ғайривоқеист, дунболагирӣ менамоянд. Ҳатто метавон гуфт, ки онҳо танҳо пиёдасозандаи кӯркӯронаи мақсадҳои сиёсии хоҷагони хориҷии хеш мебошанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии ҷараёни салафӣ омезиши дин ба сиёсат мебошад, ки дар ҷаҳони ислом ва умуман низоми давлатдорӣ паёмадҳои ногувор дорад. Гарчанде фаъолияти салафия дар қаламрави ҷумҳурӣ тибқи қонун манъ гардидааст, бо вуҷуди ин таъсиру нуфузи он дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан ҷавонон равшан эҳсос мегардад. Аз таърихи пайдоиши ҷараёни салафӣ ҳам пайдост, ки сарварон ва муассисони он барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва геополитикии худ нахуст дар зери шиори ислом фаъолият намуданд. Бинобар ин дар як давраи муайяни

таърихӣ аз ҷониби салафиҳо ва пайравони онҳо дар ҳамаи минтақаҳо қатлу куштор ва набардҳои шадиди сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки мақсади асосии он барпо намудани хилофати исломӣ дар сарзаминҳои арабӣ ва ғайриарабӣ буд. Таҷрибаи таърихи башарӣ собит кардааст, ки омезиши дин ва сиёсат боиси барангехтани кинаву адовати миллӣ гашта, ҷомеаро аз рушду инкишоф боздоштаанд.

Бархӯрди манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳо низ сабаби пайдоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ мегардад. Қариб, ки ҳамаи ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар раванди амалигардонии манфиатҳои геополитикии давлатҳои мушаххас ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои геостратегии худ истифода бурда мешаванд [4].

Дар асри XVIII идеяи салафиҳоро ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин» чун асос барои идологияи худ қабул кард. Ҳоло ин идеологияи ифротиро ташкилоти байналмилалии террористии «Давлати исломӣ» напазируфтааст.

Исломшиносон решаҳои таърихии исломгароиро дар асрҳои миёна ҷустуҷӯ менамоянд ва онро ба номи донишманди суриягӣ Тақиуддин ибни Таймия (1263 – 1328) алоқаманд медонанд. Намояндаи дигари асримиёнагии ин ҳаракат Аҳмад ибни Ҳанбалро ном бурдан мумкин аст. Муҳаққиқи тоҷик Мирзоев Ғ.Ҷ. қайд менамояд, ки «таълимот ва таъйиноти ҷангхоҳона ва даъват ба зӯроварию табъиз, ки дар сарчашмаҳои ислом вуҷуд доранду вобаста бо замони исломи ибтидоӣ ва вазъи таърихии даврони пайғамбар ташаккул ёфтаанд, барои ифротгароёни имрӯза ғизобахшу илҳомбахш мешаванд» [7, 30].

Ибни Таймия муътақид ба мазҳаби ҳанбалӣ – сахтгиртарин мазҳаб дар байни мазҳабҳои ҷаҳоргонаи аҳли суннату ҷамоат буд. Ҳанбалиҳо комилан муқобили ҳама гуна навоварӣ (бидъат) буда, онро аз дин беруншавӣ мехонданд. Мазҳаби ҳанбалӣ, ки асосан дар нимҷазираи Арабистон интишор ёфта буд, дар асри XVIII ба густариши ғояҳои Муҳаммад ибни Абдулваҳоб (1691 – 1787) – муассиси ваҳҳобия мусоидат намуд. Ваҳҳобия мазҳабест мансуб ба Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва дар навбати худ яке аз фирқаҳои исломӣ, ки дар шаҳри Наҷди Арабистон ба вуҷуд омад.

Ба андешаи Муллоҷонов С. «Ибни Таймия баъзе ақидаҳои мусулмононро зери суол гузошта, ононро дар парастиши мутаваллиёни расмии мазҳаб ба яҳуду насрониҳо ташбеҳ кард, ки аҳбору руҳбонони худро мепарастиданд. Ӯ мардумро ҳатто аз зиёрати қабри пайғамбари ислом боздошт ва инро навъе ширк донист. Нуқтаи дигари ихтилофи Ибни Таймия бо олимони аҳли суннат дар масъалаи сифати ҷисмонӣ додан ба Худо мебошад, ки барои инро исбот намудан ба ҳадисҳои заиф истинод намуд. Ҳамчунин бар рӯи қабр бино сохтану аз мурдаҳо ёрӣ хостанро Ибни Таймия ширк медонад» [10, 144].

Ибни Таймияро пайравонаш «шайхулислом» меномиданд. Яке аз олимони ҳанафимазҳаб Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухорӣ (ваф. соли 1437) амалҳои Ибни Таймияро бидъатгузорӣ номида, дар маҷлиси худ иброз медорад, ки «агар касе ба Ибни Таймия шайхулислом гӯяд, кофир аст» [10, 144].

Дар мавъизаҳои салафиёни навин, маҳз андешаҳои Ибни Таймияро эҳсос кардан мумкин аст, зеро ӯ ҳафт аср қабл ҳамон ғояҳоеро баён намуда буд, ки дар меҳвари назариявии исломгароӣ қарор гирифтанд [14, 107]. Салафия хусусиятҳои ба худ хоси фаҳмиши исломро дорост, ки аслан хоси танҳо фарҳанги арабӣ мебошад. Инчунин, матлабҳои зеринро дар бар мегирад:

– дар мадди аввал гузоштани ҷиҳод, ки он ҳамчун мубориза бо тамоми чизе, ки хилофи муқаррароти салафӣ аст, таъбир карда мешаванд;

– таҳаммулнопазирии ақидаҳои мухолиф бо таълимоти он, истифодаи зӯрӣ дар муқобили мухолифон;

– кӯшиши пахш (маҳв) намудани низомҳои идеологии дигар, ҳукмрон шудани идеологияи салафӣ дар саросари ҷаҳони ислом;

– истифодаи фаъолияти шаклҳои муташаккилонаи фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, тарзу усулҳои муборизаи психологӣ;

– тақсим намудани ҷомеа ба мусулмонон ва кофирон, ба ҳам муқобилгузории мусулмонон (танҳо пайравони салафия мусулмони асил дониста мешаванд);

– кӯшиши ба куллӣ якхела намудани тарзи ҳаёти тамоми мусулмонон.

Ба андешаи салафиён ҳама мазҳабу таълимоти дигари исломӣ нодуруст ва гирифтори куфру ширк мебошанд ва пешвоёни мазҳаб, аз ҷумла Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, ки аксари мутлақи мардуми Тоҷикистон пайрави мазҳаби ҳанафианд, фатвоҳои нодуруст ва хилофи аҳкоми шаръӣ содир карда, оммаро ба фирқаҳо ва гурӯҳҳо тақсим ва дини исломро заифу гумроҳ месозанд. Салафиҳо имомони мазҳабҳо, муҳаддисону муфассирон ва умуман ҳамаи уламои баъдинаро муқаллидони таассуб номидаанд.

Мақсад аз овардани ҷиҳатҳои ихтилофӣ дар он аст, ки дар муҳити динию мазҳабӣ ворид шудани чунин дигаргуниҳо боиси ихтилофи байни мусулмонон ва ихтилофи дохилидинӣ мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар давоми асрҳо тафаккури динӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик ончунон омехта шудааст, ки онро алоҳида ҷудо намудан хеле мушкил аст. Дар баробари ин, ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ Сафарализода Х.Қ. «Ҳукмрон гардидани идеологияи радикалие, ки хусусияти архаистӣ дорад ва ҷомеаи кишварро аз равандҳои мутамаддин канда месозад, метавонад мавҷудияти миллати тоҷикро зери суол гузорад» [12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои таъсиргузорӣ ва паҳншавии нуфузи ин ҷараён се давраро дар бар мегирад. Давраи якум ба солҳои аввали 90-уми асри XX рост меояд. Сафари ҳаҷ дар оғози солҳои 90-ум барои мусулмонони кишвари мо як ҷаҳони навро боз кард. Ба ҳоҷиён адабиёти мазҳабӣ ба таври ройгон дода мешуд, мазмуну муҳтавои он ва ба кадом мазҳаб тааллуқ доштани онро шаҳрвандони мо дарк намекарданд. Ин маводи нав оҳиста-оҳиста таъсиргузор гардида, дар байни мусулмонон равандҳое аз қабили эҳтиром накардани мазорҳои намояндагони бузурги рӯҳоният ва беэҳтиромӣ нисбат ба пешвоёни рӯҳоният густариш ёфт. Ақидаҳои марбут ба даъвати динии салафиҳо пардапӯшона буд, лекин дар зери он ақидаҳои ғаразноке вуҷуд дошт, ки ба тафриқа ва ҷудоиандозӣ дар ҷомеа бо номи «исломи ноб» равона шуда буд ва бархӯрди онҳоро бо рӯҳонияти суннатӣ ба вуҷуд овард [8, 166].

Давраи дуюми таъсиргузории салафия ба авзои динии кишвар нимаи аввали соли 2000-ум буд, ки асосан аз бархӯрди салафия бо намояндагони мазҳаби ҳанафӣ иборат буд. Ҷавонони тоҷик як қатор мактабҳои мазҳабии кишварҳои исломиро хатм карда омаданд. Вокуниши аввал бо рӯҳониёни суннатӣ дар масъалаҳои дохилимазҳабӣ буд, ба монанди лафзи «омин»-ро дар намоз ба овози баланд хондан, ангушти сабоба (ишорат) бардоштан дар вақти қаъбаи намоз, пойҳоро дар вақти намоз васеъ гузоридан ва ғайра. Инчунин дар масъалаҳои ақидавӣ, баъзе ҷанбаҳое буданд, ки ба равиши диндории суннатии мусулмонони кишвар мухолифат менамуд.

Аввалин зуҳуроти пайравони ақидаи салафӣ дар Тоҷикистон маҳз дар ҳамин давра, соли 2000-ум ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳаракат алалхусус дар солҳои 2005 – 2008 вусъати бештар пайдо намуда, дар он солҳо дар бархе аз масҷидҳои Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои кишвар адои маросими намоз бо усули салафиён бартарӣ ёфтан гирифт. Салафия воқеан омиле буд, ки ваҳдати сиёсӣ, миллӣ ва динии ҷомеа, маҷрои осоиштаи равандҳои демократӣ дар кишварро сахт зери хатар мегузошт [11].

Давраи сеюми таъсиргузории салафия ба тафаккури динии шаҳрвандони кишвар ин давраи ҳозираро дар бар мегирад, ки он бо фаъолшавии ВАО вобаста аст. Ин радиф ба раванди ҷаҳонишавӣ сахт алоқаманд аст. Бесабаб нест, ки ин давраро «асри иттилоот, Интернет ва моҳвора» меноманд. Имрӯз тавассути барномаҳои иҷтимоии интернетӣ ва моҳворавӣ тафаккури динии мардуми мо мағшӯӣ мешавад.

Дар Тоҷикистон баъди пас аз сар шудани низоъҳо аз тарафи Ҳукумати кишвар чораҳои қонуние андешида шуд, ки барои салафиҳо ҳеҷ ҷое боқӣ намегузорад. Бо Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2008 фаъолияти ҳаракати «Салафия» дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон карда шуд.

Ҳамин тариқ, ақидаи салафия дар миёни бовармандон ва умуман ҷомеа тафриқаву ҷудоӣ меангезад. Ин раванд ба зиндагии ороми шаҳрвандон ва ақидаву мафкураи онҳо хатарҳои ҷиддӣ ворид карда, ташаккули ҳувияти миллӣ ва шаҳрвандии ҷомеаро халалдор

месозад. Албатта принсипи конститутсионии давлати дунявӣ водор мекунад, ки давлат аз ташкилотҳои динӣ ҷудо бошад, вале имрӯз дин ҳамчун як бахши муҳимми фарҳанги ҷомеа омили этникӣ, ахлоқӣ ва банизомоварандаи иҷтимоӣ гардидааст. Вобаста ба ин, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар миёни ҷавонон, махсусан хонандагон ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ, ворид намудани омӯзиши таърихи динҳо ва мазҳаби ҳанафӣ дар муассисаҳои олии кишвар, нашри осори илмӣ дар масъалаи салафия ва дастрас намудани он ба рӯҳониёни расмӣ, ходимони дин дар деҳаҳо, ташкилотҳои динӣ, донишҷӯён ва коршиносон мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ба муқобили тарғибу ташвиқоти гурӯҳҳои ифротии салафӣ ва бадхоҳони истиқлоли давлатии тоҷикон танҳо бо тафаккури милливу давлатӣ ва андешаи солими диниву дунявӣ метавон мубориза бурд.

## АДАБИЁТ:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2024. Душанбе: «Шарқи озод», 2025. – 40 с.
2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конференсияи сатҳи баланд дар мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он». – Душанбе. 16-17 майи соли 2019.
3. Абдулҳаев К. Таносуби аҳдофи динӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти салафия /К.Абдулҳаев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ” (ш.Душанбе, 27 майи соли 2015). – Душанбе, “Дониш”, 2015. – С. 89 – 105.
4. Боев З.У. Заминаҳои пайдоиши исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон. Илм ва амният. Нашриёти «Меҳвар»-и Мактаби олии КДАМ ҶТ №2 (8), 2024. – С. 48 – 54.
5. Боев З.У. Терроризм ва экстремизм – таҳдид ва амният ва суботи ҷомеа: таҳлили омилҳои зуҳурот ва роҳу василаҳои пешгирии он. Илм ва амният. Нашриёти «Меҳвар»-и Мактаби олии КДАМ ҶТ №2 (12), 2025. – С. 20 – 26.
6. Кравченко О.В. Проблемы правовой социализации несовершеннолетних в Республике Таджикистан: теоретический аспект. Монография – Душанбе: РТСУ, 2022. – 192 с.
7. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ” (ш.Душанбе, 27 майи соли 2015). – Душанбе, “Дониш”, 2015. – 218 с.
8. Мирзоев Ғ.Ҷ. Заминаҳои иҷтимоӣ ва мафкуравии паҳншавии салафигароӣ дар Тоҷикистон /Ғ.Мирзоев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ” (ш.Душанбе, 27 майи соли 2015). – Душанбе, “Дониш”, 2015. – С. 164 – 170.
9. Мирзоев Ғ.Ҷ. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон), – Душанбе: Дониш, 2021.– 75 с.
10. Муллоҷонов С. Китоби муҳим дар шинохти салафия /С.Муллоҷонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ” (ш.Душанбе, 27 майи соли 2015). – Душанбе, “Дониш”, 2015. – С. 139 – 150.
11. Назиров Д. Политический ислам и конфликт в Таджикистане. Монография – Душанбе, 2019. – 518 с.
12. Сафарализода Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ [Матн] /Сафарализода Х.Қ.// Паёми МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – Душанбе. - №2 (82). – 2023. – С. 35 – 48.
13. Қуръон (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе, “Ирфон”, 2007. – 616 с.
14. Ҷӯразода З. Ифротгароии салафӣ ва масъалаи таъмини амнияти давлатдории дунявӣ /З.Ҷӯразода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ” (ш.Душанбе, 27 майи соли 2015). – Душанбе, “Дониш”, 2015. – С. 105 – 114.

341.231(575.3)

# НАҚШИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИЮ ДУНЯВӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

**КАРИМОВ П.Д.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, муаллиф ормони истиқлолхоҳиро аз нахустин лаҳзаҳои шаклгирии миллати тоҷик, ки дар чаҳорчӯбаи таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи худ арзи ҳастӣ намудааст, арзёбӣ кардааст. Истиқлоли мардуми мо решаи қадимаву устувори маънавӣ дошта, неъмати муқаддасу бебаҳо ва ниҳоят пурарзиш ҳисобида мешавад, чунки миллати тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш барои бунёди давлати миллию дунявӣ намуд. Муаллиф мафҳумҳои «ормонҳои таърихӣ», «анъанаю суннату оинҳои инсонпарваронаи аҷдодӣ», «фарҳангу маънавият», «арзишҳои миллию дунявӣ», «тафаккури миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «ташаккули шахсият», «хазинаи хирад», «нури маърифат», «ахлоқ», «рӯҳи бузурги халқ», «ваҳдати миллӣ», «арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ», ки дар ниҳоди миллати тоҷик ҳамчун омилҳои бунёдии эҳёи истиқлолият ҳамеша вуҷуд доштанд ва аз истилоҳоти инъикоскунандаи фарҳанги сиёсии миллати мо мебошанд, ёдрас менамояд.*

**Калидвожаҳо:** *Истиқлол, Конститутсия, арзишҳои миллию дунявӣ, арзишҳои маънавӣ, фарҳангсоларӣ, ваҳдати миллӣ, таърихи миллат, аҷдоди бузурги ориёӣ, арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, шуури миллӣ, сиёсат, фоҷиаҳои миллӣ, зиракии сиёсӣ.*

# РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНЫХ И СВЕТСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**КАРИМОВ П.Д.**
*Соискатель Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор оценивает стремление к независимости с первых моментов формирования таджикской нации, существовавшей в рамках своей шеститысячилетней истории. В рамках исследованих автор напоминает о таких понятия, как «исторические идеалы», «гуманные традиции и обычаи предков», «культура и духовность», «национальные и светские ценности», «национальное мышление», «национальная идентичность», «формирование личности», «сокровищница мудрости», «свет просвещения», «нравственность», «великий дух народа», «национальное единство», «патриотические ценности, самопознание, национальное самосознание», которые существовали в основе возрождения независимости таджикской нации и отражают политическую культуру нашего народа.*

**Ключевые слова:** *Конституция, национальные и светские ценности, духовные ценности, цивилизация, национальное единство, история нации, великий арийский предок, патриотические ценности, самопознание, национальное самопознание, национальное мышление, политика, национальные трагедии, политическая проницательность.*

# THE ROLE OF NATIONAL AND SECULAR VALUES IN THE CONSOLIDATION OF STATE INDEPENDENCE

**KARIMOV P.D.**
*Applicant of the Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author assessed the dream of independence from the first moments of the formation of the Tajik nation, which has existed within the framework of its six-thousand-year history. The independence of our people has ancient and strong spiritual roots and is considered a sacred, priceless and extremely valuable gift, because it made the Tajik nation the full owner of its own destiny to create a national and secular state. The author recalls the concepts of «historical ideals», «humanistic traditions and customs of the ancestors», «culture and spirituality», «national and secular values», «national thinking», «national identity», «personality formation», «treasure of wisdom», «light of enlightenment», «morality», «great spirit of the people», «national unity», «values of patriotism, self-knowledge and national self-awareness», which have always existed in the Tajik nation as fundamental factors for the revival of independence and are terms reflecting the political culture of our nation.*

**Key words:** *Independence, Constitution, national and secular values, spiritual values, culturalism, national unity, history of the nation, great Aryan ancestor, values of patriotism, self-knowledge, national self-awareness, self-awareness, national consciousness, politics, national tragedy, national political acumen.*

Новобаста дар тули садсолаҳо пайваста зери ҳуҷум ва фишори доимии қувваҳои душманони беруна ва тақдирсӯзиҳо қарор доштанаш, миллати тоҷик тавонист танҳо тавассути анъанаю суннату оинҳои инсонпарваронаи аҷдодӣ, забон, фарҳангу маданияташ ва доштани ақидаҳои дунявият аз нестшавӣ раҳоӣ ёбад. Ин омилҳо ба назари душманон хеле ночиз дониста мешуданд ва онҳо гумон мекарданд, ки онҳоро метавон абадан нобуд кард. Аммо барои тафаккури миллӣ ин рамзҳо хеле муқаддас ба шумор меравtotанд. Душманони миллати тоҷик сарфаҳм нарафтанд, ки кулли қавонини табиат дар ҷашнҳои миллии тоҷикон – Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон низ ҳарорати хешро дар тафаккури ин миллати бузург таҷассум сохтаанд. Ин ҷашнҳо дорои маънии бисёр бузург мебошанд, чунки дар ботини миллат ҷойгир буда, ҳувияти миллиро нигоҳ доштанд ва ҳифз карданд. Ин ҷашнҳои миллии ниҳоят қадимаи тоҷикон барои инкишофи маънавии умумитоҷикӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Зеро онҳо воситаи интиқоли таҷрибаи тайи қарнҳо андӯхташуда ба шумор рафта, дар айни замон чун омили ҳифзкунандаи миллат хидмат кардаанд ва мекунанд.

Албатта, ҳамаи ҷанбаҳои мураккаб ва пурихтилофи инкишоф ёфтани маънавияти тоҷикро зимни ҳуҷум ва забти давлатҳои нопайдоканораш дар дарозои таърих тасаввур намудан душвор аст, аммо онро наметавон нодида гирифт. Маҳз дар натиҷаи вуҷуд надоштани ваҳдат пароканда шудани ин давлатҳо озодона сурат гирифт ва ин амал яке аз сабабҳои асосии шикаст ва аз байн рафтани онҳо мебошад. Дувум сабаби асосӣ: «чиллашин бисёр аммо ҳеҷ кас шинак нашишт…» [3, 78 – 80] – и бархе аз фарзандони ин миллат гардид. Боз такрор шудани ин хатоҳо бар хилофи ҷараёни таърихананд.

Миллат дар ҳама ҳарбу зарбҳои таърихӣ ирсият ва симои аслии хешро гум накарда, аз имтиҳоноти ҷиддии ҳаёту мамот чандин маротиба сарбаландона гузашт. Боз аз нав, «ҳам аз лиҳози фарҳангӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ эҳё мешавад» [7]. Айнияти худ ва арзишҳои ниҳонии ҳазорсолаҳо доштаашро аз даст намедиҳад. Чунки худшиносии миллиаш таърихи беш аз шашҳазорсола дошта, асосгузораш Ҷамшеди пешдодӣ ба ҳисоб меравад. Афкори пурарзиши «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек», ки беҳтарин орзуву омоли инсоният ва рукнҳои ахлоқи ҳамидаро дар бар мегиранд, дар ин муддат ҳифз ва нигоҳ дошт. Зеро ҳувияти миллӣ ва фарҳанги аҷдодии хешро дорост. Чунки фарҳанги тоҷикӣ ҳамчун фарҳанги нодири тамаддуни шарқию ҷаҳонӣ решаҳои айниятсозии хешро гум накард. Балки фарҳанги миллат дар зеҳну дар авроқу дар ашъори мондагори бузургонаш умрбод сабт гардидааст. Ҳарчанд таърихи дурахшони миллат дар китобҳои дарсии даврони Шӯравӣ ҳамагӣ нисфи варақ ё якчанд саҳифаи нопурраро дар бар мегирифтанд, аммо гумному нопадид нашуд. Зеро, фарзандони он дар тӯли асрҳо маданияту таърихи куҳани хешро бо баҳои ҷон ҳифз намуда буд ва минбаъд низ маҳфуз медошт.

Бо муваффақият ташаккул ва ифодагарони рӯҳи бузурги мардум, созандаи маънавияти асили сирф тоҷикиро мо саравзал дар қалби фарзандони нобиға, некному абармард ва абадзиндаи миллат – Закариёи Розӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, муҳофизони миллат Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Ширинишо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, корнамоиҳои шоҳ Исмоили Сомонӣ ва дар рӯзҳои мо шуҷоату қаҳрамониҳои бемислу монанди наҷотбахшу муттаҳиддгар, ваҳдатофар ва сарсупурдаи миллату давлати тоҷикон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо муҳаббати бепоён дарку эҳсос мекунем ва мебинем. Шукуҳ ва таъсири чунин шахсиятҳои миллӣ гувоҳи онанд. Осори мондагор ва умри пурбаракати ин фарзандони фарзонаи миллат худ шоҳиди ҳамин маънист. Миллат нури маърифати онҳоро доимо ҳис мекунад ва хоҳад кард. Шахсиятҳои қаҳрамону бузурги таърихӣ дар роҳи худмуайянсозии рӯҳи миллии тоҷик ва муттаҳид намудани қудрати комили он дар мубориза бар зидди душманон чи қадар саъйю талошҳо ва ҷонбозиҳо кардаанд ва карда истодаанд (намунаи олӣ ва мисоли барҷастаю зиндааш барои имрӯз ва боз ҳазорсолаҳои оянда – Пешвои муаззами миллат).

Миллати тоҷик ворис буданашро ба шаъну шарафи аҷдодони бузурги ориёиаш исбот карда тавонист. Зеро: «Аз табори растагору аз нажоди арҷманд аст. Хиттаи нангаш бузургу марзи номусаш баланд аст» [1, 558]. Имрӯзҳо низ мебояд аз ҳисоби наврасон ва ҷавонон ворисони нави илму фарҳанг, маънавиёт ва ҳимоятгарони давлату миллатро дар бунёди давлати миллӣ ва дунявӣ ба камол расонид, то ки давлатдории худро нигоҳ доранд, ҳувияти миллиро тақвият бахшанд. Онҳоро аз бовариҳою ҷустуҷӯи ин боварҳои осмонӣ ва аз арзишҳои кӯҳнаи заминӣ, дур бояд намуд. Дарки наврасон ва ҷавононро оид ба печутобҳои таърих ва сабабу воқеиятҳои ақибмондагӣ аз замона бояд бедор. Огоҳ бояд намуд, ки сифат ва арзишмандии тоҷикон дар таърихи ҳастии башарият нақши калидӣ бозидааст. Акнун, низоми навини арзишҳои маънавии дар таҷриба ба таври воло шаклгирифтаро дар сохти давлатдории миллӣ ва дунявӣ бояд ҷорӣ намуд. Аз ин набояд ҳаросид. Зеро омили тарс маҳз дар дохили маънавиёт ва фарҳанг боз зиёда аз чордаҳ аср реша давонидааст ва боз медавонад. Тарси доимӣ аз душманони дохил ва хориҷи кишвар. Барои ҳамин мебояд дар ниҳоди наврасон ва ҷавонон ҳиссиёти баланди арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар ҷойи аввал гузошт ва онро мунтазам ташаккул бояд дод, то ки таърихи миллату сарзамин, расму русум ва оини миллии худро донанд, аз онҳо мудом воқиф бошанд. Агар ҷаҳонбинии миллӣ – хештаншиносӣ ва худшиносӣ дар мафкураи онҳо набошад, пас истиқлолият ва ваҳдати миллӣ осебпазир боқӣ хоҳад монад. Ҳол он ки пос ва нигаҳдорандаи ин арзишҳо пеш аз ҳама, рисолати рӯшанфикрон – зиёиёни миллат мебошанд. Бо бардошт аз сабақи талхи фоҷиабори таърихи гузашта мебояд моҳият ва мақоми андешаи миллии худро ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод. Онро бояд комилан дуруст дарк намуд.

Ин миллати куҳанбунёд дар раванди мавҷудияти хеш, бахусус баъд аз шикасти давлати бузурги Сомониён, зиёда аз ҳазор сол, бо вуҷуди шикасту рехтҳо ва хиёнати аҷнабиён тавонист, ки мавҷудияти худро ба сифати миллат ва нигоҳ дорад. Чун таҷриба аз соҳибдавлатӣ ва камолоти сиёсӣ дошт, кӯшиш ба харҷ дод, ки давлатдории миллиро дубора ташаккул диҳад. Аз ин сабаб, таърих мафҳуми танҳо ба гузашта мансуб нест, балки дар аксар мавридҳо рӯшноидиҳандаиояндаи босаодат низ ҳаст. Барои ҳамин таваҷҷӯҳи шуури миллиро доим барои дафъи таҳдиди қафомонии таърихӣ бояд омода сохт [6, 434]. Маънии асосии авомили таърихӣ на дар ҷустуҷӯи афсонаю сухану гуфтаҳои сохтаю бофта, балки дар дастрас намудани далелу мақсадҳои комилан муосир мебошад, ки онҳо ба ҳастии миллат ҳамгиро шаванд ва онро роҳнамоӣ карда тавонанд. Зеро

худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ аз огоҳӣ доштан аз таърихи гузаштаи миллати худ сарчашма мегирад.

Аз ин лиҳоз, дар шуури наслҳои имрӯзу оянда-наврасон ва ҷавонон ғояҳои умедбахши расидан ба қадри истиқлол ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро аз пештара бештар тарғибу ташвиқ намуда, ин иқдомро мунтазам ва муназзам вусъат бахшидан лозим аст. Ба қавли олими тоҷик Комил Бекзода: «маҳз ҳамин сохти имрӯзаи давлати миллӣ ва дунявии мо барои амалӣ намудани ормонҳои таърихӣ ва имрӯзаи мо созгортар аст. Давлати дунявие, ки 8000 сол пеш Ҷамшеди пешдодӣ асос гузошт, мо имрӯз онро аз нав эҳё намудаем. Ҳамин низом кафили пешрафти ҷомеаи тоҷик барои оянда мебошад» [5, 6]. Яъне, ҳар қадар бештар мероси пурғановати маънавии гузаштаи худро омӯзонем, ҳамон қадар ба наслиояндаи худ ғизои маънавӣ мебахшем. Ба ибораи дигар, маънавиёти тамаддунӣ ва фикри солими дунявиятдоштаи аҷдодии мо, на он маънавиёте, ки дар зеҳнаш ба дурӯғини осмонӣ боз чордаҳ асри дигар боварманд созад. Бо гузашти замонҳо ва ҳодисаҳои таърихӣ камбудиҳои маънавӣ ва афзалиятҳои маҳрумшудаи маънавиётро, ки асрҳо ношинохта мондаанд, аз нав зинда бояд кард. Собитқадамонаю устуворона гом ниҳода, миллатро ба созандагӣ, худшиносӣ, ифтихор, таҳкими пояҳои истиқлолияти миллӣ, ватанпарастӣ, ки хусусиятҳои аз ҳама шоистатарини инсон мебошанд ва камоли маънавиёт ба ҳисоб меравaнд, ҳидоят намуд. То ки умрбод «Дар тоқу равоқи хона ва тоқу равони синааш «Шоҳнома» [3, 139], «Тоҷикон», «Забони миллат – ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва ғайра боқӣ монанд.

Айни замон, дарк карда тавонистани таърихи миллат тибқи мафҳумҳои мантиқии ин аср, яъне ҷаҳонишавӣ (глобализатсия), таҳдиду хатарҳои ниҳоят хавфноки терроризм ва экстремизм аз ҳар як сокини кишвар заҳмати бошуурона, дарки саҳеҳи нақши таърихии хешро барои пайдо, созмон ва устувор гардонидани ғояи миллӣ тақозо мекунад. Маҳз дар ҳамин давраи аз баъзе нигоҳҳо хатарзо фарҳанг ва маънавиётро ҷавшани пӯлодине пӯшонид, то ки аз ин таҳдиду хатарҳо газанде набинанд, захмӣ нашаванд. Пайкари навбунёди истиқлолият ва ваҳдати миллиро аз онҳо эмин нигоҳ бояд дошт. Аз ин сабаб, шаклгирии асили ғояи миллӣ танҳо дар сурати ҷадидан аз худ кардани саҳифаҳои таърихи миллатамон имконпазир хоҳад гашт. Дар ин ҳолат таърихи халқи тоҷик ба ин ё он андоза боз мукаммалтар мегардад. Роҳи дигар вуҷуд надорад. Зеро ин миллат мардуми бумии сарзаминҳояш буда, мардуми тоҷдор, солор, фарҳангиву тамаддунсоз, ҳунарманду эҷодкор, соҳибмаърифат ва муҳофизи таърих, забон, фарҳанг, маънавиёт ва суннату анъанаҳои миллии хеш будааст ва мебошад.

Бунёди давлатҳои абарқудрати қадимтарини ориёӣ – аҷдодони некноми мо, бахусус ба Хахоманишиҳо (ҳанӯз пеш аз онҳо низ), Кӯшониён, Сосониён, Сомониён дар лаҳзаи тақдирсоз, бо кӯшишу эҳтимоми бузургони миллат тавонистанд иттиҳоди ориёинажодҳоро бунёд ва қавмҳои гуногуни дар сарзаминҳояшон сукунатдоштаро ҳамроҳ кунанд. Ба ибораи дигар раванди ташаккули тоҷикон ҳамчун халқи воҳид то ба давраи Сомониён омада расида, дар он анҷом меёбад. Аз ин сабаб, ин омил боис ба он гардид, ки тамсилаи бузурги мусолиҳаи умумимиллӣ таҷассум кунад. Нақш ва мақоми тоҷикон дар низоми ин давлатҳо, пайваста аз қобилият ва пешсафии онҳо дар бунёд, ташкил, коргузорӣ ва пойдории унсурҳои фарҳанги миллӣ, ойини давлатдорӣ, илм, фарҳангсолорӣ, ҳифзи арзишҳои аҷдодӣ дарак медиҳад.

Таърихи бузурги давлатдории халқи тоҷик ҳамеша сарчашмаи соҳибқудрати эҳёи миллӣ ва муайянкунандаи тавонмандии миллат ба шумор меравад. Дар баробари ин ҳуҷумҳои аҷнабиён дар ҳама давру замонҳо кӯшиши мустақиман хароб ва умуман рӯи рост несту нобуд кардани мабнои асосии азнав тавлидгарии миллатро дар ин давлатҳо ба кор мебурданд. Решаи ҳама фоҷиаҳои дар давраҳои таърихии рӯзгори халқамон руҳдода, ҳамаашон билкул бузургтарин бадбахтии миллати тоҷик ба шумор меравaнд. Натиҷаашон ҳамин шуд, ки раванди ташаккули тоҷикон ҳамчун халқи воҳид, зисту зиндагонии онҳо хароб гардад ва ҳамзамон тухмаи садамаҳои минбаъдаи равандҳои этникӣ кошта шаванд.

Хушбахтона, вақт ва рӯзгор, ҳамчун доварони ҳақиқатгӯ ва ҳақиқатҷӯ ҳама чизро боз ба ҷои аслии хеш бармегардонанд ва имрӯзҳо аниқ дарк намудани нақши бузурги фарҳангӣ, маънавӣ ва таърихии ин сарзамини муқаддас ҷузъи олами маънавии тамоми тоҷикони рӯи дунё гардидааст. Зеро падидаи бузурги тамаддуни моро чор идеяи раҳнамунсоз – идеяи доимо ба вуҷудоварандаи ҷомеаи умумибашарӣ, идеяи ватандӯстию ватанпарварӣ, идеяи салоҳи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва идеяи дунявиятдоштаи аҷдодӣ ташкил мекунанд. Бо як ибора: «Маънавиёт ва ҳолати рӯҳии ҷомеа – омили муҳимтарини таъмини амнияти худи ҷомеа аст» [10, 143].

Ҳар як давлати тозабунёд ҳангоми эъломияи истиқлолияти хеш манфиатҳои миллиашро низ возеҳ баён месозад. Дар ин маврид «Оид ба омилҳои инсонӣ мебояд характери миллӣ ва маънавиёти миллиро ба ҳисоб гирифт» [8, 51]. Бинобар ин, баъзе ихтилофот ба миён омаданаш аз эҳтимол дур нест. Зеро, дар марҳилаи давлати навбунёд масоҳати амалкарди манфиатҳои миллӣ низ фарохтар мегарданд ва тариқи созгорона мувофиқа намудани онҳо душвортар мешавад. Агар дар мувофиқаи салоҳиятомези ин масъала як каме беаҳамиятӣ зоҳир гардад, пас он ҳатман ҳолати бухрони ихтилофот дар муқобили манфиатҳои миллии дигар мамлакат ба амал хоҳад омад. Он баъзан бо шаклҳои гуногун, аз ҷумла бо сар задани муноқишаҳои низомӣ низ оварда мерасонад. Барои ҳамин дар давлат бояд барномаи дурнамои рушди ягонаи сиёсӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ вуҷуд дошта бошад, то ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ имконияти ҳифзи манфиатҳои миллиро рӯи кор оваранд. Дар рӯзҳои мо бошад, сиёсат мақоми хешро бештар ба унсурҳои иқтисодиёт хоҳад бахшид. Яъне манфиатҳои иқтисодӣ болотар аз манфиатҳои ҳарбиву сиёсӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, ин ҳолат метавонад ба тақсимбандии нави ҷаҳон ва мухолифатҳои гуногун оварда расонад.

Аз оғози асри XXI то ҳанӯз, бахусус барпо шудани иттиҳодияҳои нави иқтисодӣ дар олам боис ба он гаштанд, ки онҳо пеш аз ҳама тавассути омилҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ муҳофизат шуда, ба як низоми муайяни бисёрҷонибаи умумиҷаҳонӣ таҳдид хоҳанд кард. Ба ибораи дигар, ба тақсимбандии нави ҷаҳон ва мухолифатҳои нав ба нав оварда мерасонад. Дар чунин вазъият мо дар он сурат истиқлолияти хешро ҳифз ва муҳофизат карда метавонем, агар бо ҳамсоягони наздик ва дур, шарикони дар ҳақиқат стратегии худ бо ҳамдигар ҳамгиро бошем. Ба ғайр аз ин, бо дарназардошти он ки ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, бахусус аз аввали асри XX то асри XXI ва минбаъд низ дар рақобати пуршиддати давлатҳои абарқудрати минтақа ва ҷаҳон қарор доштанд, доранд ва минбаъд низ хоҳанд дошт, бояд дар муқобили ин ҳама падидаҳои хатарноки ҷуғрофӣ – иқтисодӣ – сиёсӣ – ҳарбӣ мавқеи дуруст ва безарарро ишғол намоянд. Вагарна, «ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд» [9]. Ин ҷумҳуриҳоро мебояд аснои таҳияи нақшаҳои дурнамои миллӣ ҳатман рӯи мабнои эҳтироми манфиатҳои миллии худ қарор бигиранд.

Мусаллам аст, ки барои ба вуҷуд овардан, роҳандозӣ кардан ва амалӣ намудани зиндагии шоистаю шарофатмандона ҳар як миллат бояд барномаи стратегии миллии мушаххаси имрӯзу ояндасози дури худро дар низоми давлатдорӣ дошта бошад. Ин барнома ном дорад – идеология. Шаш рукни сохти давлатдорӣ дар боби якум, моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат мебошанд. Чунки тибқи онҳо миллат тақдири имрӯзу ояндаҳои дури худро бо дасти хеш менависад. Дар ин санади олии давлатдорӣ тарбияи ахлоқиву маънавӣ мавқеи марказиро ишғол мекунанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаю муҳимми давлат ва ҷомеа – ин ба даст овардани арзишҳои маънавӣ ва баланд бардоштани сатҳи хештаншиносии сокинони кишвар ба ҳисоб меравад. Дар байни халқи мо мақоле машҳур аст, ки чунин аст: «Ҳар нафаре, ки ҳафт пушти аҷдодони худро намедонад, фарзанди дилсӯз ва вафодори ин оила ва ватан нест». Аз ин лиҳоз, бори дигар «Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мо бояд ба иштибоҳу хатоҳое, ки дар таърихи миллатамон борҳо иттифоқ афтодаанд, роҳ надиҳем, ба ояндаи хеш назари нек дошта бошем, боз ҳам муттаҳид гардем, ба рамзҳои давлатдории миллиамон арҷ гузорем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, барои сулҳу

суботи пойдор талош намоем ва дар пойдориву устувории давлатдории миллии худ саҳми арзанда гузорем» [2, 15].

Бинобар ин, бо дарназардошти он ки тарбияи инсон вазифаи муҳимтарини ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз лиҳози рӯҳӣ, равонӣ ва ҷисмонӣ омода намудани он мебошад, дар қатори онҳо аз лиҳози маънавӣ омода кардани шаҳрвандро низ дар бар мегирад. Гузашта аз ин: «Равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумӯи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунанд» [8, 50 – 51].

Хулоса, дар таърихи бисёрҳазорсолаи худ худшиносии миллӣ бори аввал имконияти дар ҳақиқат оид ба дарки симои хоси миллии хеш дар гузашта, ҳозира ва оянда пайдо намудааст. Он баҳри ташаккули идеяи миллӣ ва худшиносии миллии насли имрӯзу оянда ба сифати таконбахш ва машъалафрӯз баромад намояд. Дарки шинохти таъриху фарҳанги миллӣ ва дар заминаи он рушд додан ба донишҳои бунёдӣ яке аз ҳадафҳои сохтани давлати миллӣ ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллоҳи Раҳнамо, Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе, 2021.
2. Бобоҷон Ғафуров, Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Суханони ифтитоҳии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.
3. Бозор Собир, Шоиру шеъре агар ҳаст… – Душанбе: Адиб, 2006.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Комил Бекзода, Мақола: Мафҳумҳои «истиқлолият» ва «дунявият» аз дидгоҳи китоби «Ҷаҳонбинии оянда». – Душанбе. «Адиб», 2008.
6. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе, «Адиб», 2008.
7. Раҳим Масов. «Таърихи тоҷикон бо мӯҳри «комилан сиррӣ».
8. Ятимов С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.
9. Ятимов С.С. Бознашр аз маҷаллаи «Илм ва ҷомеа», №1 (28), соли 2022.
10. Ятимов С.С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.

ТДУ 001+355/359(575-3)

# НАҚШИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**АКРАМХОНОВ А.А.**
*Унвонҷӯи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, дурнамои рушди сиёсати иқтисодии кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ нишон дода шуда, он ба сифати ҳадафи стратегии ҷумҳурӣ дониста мешавад. Инчунин, нақши омилҳои иқтисодӣ дар таҳкими сиёсати иҷтимоии давлат афзалият пайдо мекунад. Дар низоми рушди давлатдории навини Тоҷикистон маҳз тавассути инкишоф додани иқтисодиёти миллӣ ба роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеа метавон расидагӣ намуд. Донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ низ, бар он назар мебошанд, ки иқтисодиёт баҳаракатдароварандаи асосии тараққиёт ва бақодории давлатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, соҳаи мазкурро наметавон хос донист, балки дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодиёт дар зинаи мутавозин қарор дошта, ҳамчун зерсистемаи муносибатҳои ҷамъиятӣ амал мекунад.*

*Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мушкилиҳо ва вазъи печидаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, иқтисодиёти миллӣ дар ду даҳсолаи охир рушд ёфта, амалӣ сохтани он дар сатҳи Стратегияи миллии рушд «Барои давраи то соли 2030» барномарезӣ гардидааст. Таҳқиқи методологии он аз ҷониби коршиносони соҳа маҳорати баланди илмию касбиро талаб менамояд.*

**Калидвожаҳо:** *иқтисодиёт, иқтисоди миллӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, сиёсат, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати иқтисодӣ, сармоягузорӣ.*

# РОЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**АКРАМХОНОВ А.А.**
*Соискатель Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан*

*В данной статье рассматриваются перспективы развития экономической политики страны в период независимости, и стратегической целью государства приоритет отдается роли экономических факторов в управлении социальной политики государстава. В системе развития новой государственности Таджикистана именно через развитие социальной экономики можно найти решения проблем общества. Отечественные и зарубежные учёные также считатют, что экономика является главной опорой развития и выжвания национальных государств. Однако эту сферу нельзя считать единственной, но наряду с другими сферами общественной экономики находится на сбалансированном уровне и действует как подсистема социальных отношений.*

*В условиях Республики Таджикистан, с учётом сложности и многогранной развывалась на протяжении последних двух десятилетии а ее реализацие планируется на уровне Национальной стратегии развития «На период до 2030 года». Ее методологическое изучение требует от специсалистов в данной области высокой научной и профессиональной квалификации.*

**Ключевые солва:** *экономика, национальная экономика, национальние интересы, национальная безопасность, политика, социальная политика, экономическая политика, инвестиция.*

# THE ECONOMIC ROLE OF THE REPUDLIC OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING NATIONAL SECURITY

**AKRAMKHONOV A.A.**
*Head of Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan*

*In this article, the prospects for the development of the country's economic policy during the period of independence are outlined, it is considered as a strategic goal of the republic. Also, the role of economic factors is strengthening the policy of the new statehood of Tajikistan can be traced precisely through the development of the national economy is soliving social problems.*

*Domestic and Foreign scholars are also of the opinion that the economy is the main pillar of the development and prosperity national states. However, this sectors cannot be considered isolated, but rather, along with other sectors of social life, the economy is on a balanced level and acts as a subsystem of social relations.*

*In this conditions of the Republic of Tajikistan, taking into account the complexities and complex situation of the world community, the national economy has developed over the past two desades, and its impelementation is planned at the level of the National Development Strategy «For the period up to 2030». Its methodological analyses require high scientific and professional skills from experts in the field.*

**Key words:** *economy, national economy, national interests, national* security, *politics, social policy, economic policy, investment.*

Иқтисодиёт ҷузъи таркибии системаи ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб рафта, он ба сифати зерсистемаи соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад. Дар муносибатҳои сиёсӣ ва раванди ташаккули сиёсати давлатӣ иқтисод нақши калон дорад. Он барои амалисозии мақсадҳои мақомоти идорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар муносибат ба самтҳои мушаххаси ҷомеа, сиёсат ҳамчун зерсистемаи асосӣ, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро муайян менамояд. Сиёсат бо иқтисодиёт алоқаманд буда, ҳамчун муносибати амалӣ ва ба сифати идеология аз равандҳои фаъолияти иқтисодӣ сарчашма мегирад. Зеро, иқтисодиёт дар ҳокимияти давлатӣ ба зумраи манбаъҳои асосӣ дохил шуда, робитаи муътадили одамонро бо ҳокимият ва давлат таъмин менамояд.

Ба андешаи донишманди тоҷик Зокиров Г.Н., манфиатҳои иқтисодии одамон ва истеҳсоли неъматҳои моддӣ дар он сурат инкишофи мунтазами худро пайдо месозад, ки сиёсати иқтисодӣ, танзими муносибатҳои истеҳсолӣ ва ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дуруст ба роҳ монда шаванд [1, 65]. Яъне, бо назардошти бошандагони кишвар ва ба инобат гирифтани қувваҳои меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам оварда шавад. Ба ин восита, иқтисодиёт аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти гуногун дар дохили мамлакат тараққӣ карда, сафи камбизоатии аҳолӣ кам гардида, воридоти маҳсулоти хориҷӣ коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, дар раванди идоракунӣ танзими соҳаи иқтисодӣ афзалияти бештар дорад, он ба рушди соҳаҳои молиявию саноатӣ, кишоварзию техникӣ шароит фароҳам месозад. Иқтисоди комил ва то ҳаде худкифо барои пойдор гардидани бақодории давлати миллӣ заминаи асосӣ мегузорад. Ташаккули дурусти барномаҳои иқтисодӣ ва ҳалли оқилонаи мушкилоти иҷтимоии ҷомеа, пеш аз ҳама аз сатҳи баланди донишҳои илмии ҳар як мутахассиси соҳаи иқтисод, вобастагии зич дорад.

Қобили зикр аст, ки дар замони бунёди иқтисодиёти миллӣ давраи мушкилу ҳассосеро Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма гирифтанд, ки мо инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонем. Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали ба даст омадани истиқлоли кишвар кӯшиш намуданд, то вазъи иқтисодии мамлакатро ба эътидол оварда, пастравии сатҳи истеҳсолотро боз доранд ва иқтисодиёти кишварро аз вазъи номусоид берун оранд. Бо гузашти солҳо таърих собит намуд, ки маҳз бо шарофати хизматҳои бузурги Сарвари хирадманд Эмомалӣ Раҳмон ва хиради бузурги сиёсии ӯ Тоҷикистон ба як иқтидори иқтисодию истеҳсолӣ табдил ёфт. Дар муддати начандон тӯлонӣ Тоҷикистон ба рушди босуботи иқтисодӣ муваффақ гашт. Тавре аз таҳлили олимони иқтисоддон бармеояд, бахусус баъди ба ду даҳсолаи охир вазъи макроиқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба эътидол оварда шуда, иқтисодиёти ҷумҳурӣ рӯ ба рақамикунонӣ ниҳода истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва пешбарандаи барномаю нақшаҳои сохти дунявию демократии ҳокимият буда, гуногуншаклии иқтисодиёт ва ба роҳ мондани моликияти хусусӣ, дар заминаи он тараққӣ додани соҳибкории хурду миёнаро ҳадафи асосии сиёсати иқтисодии худ қарор додааст. Махсусан, дар моддаи 12-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани шаклҳои гуногуни иқтисод инъикос гардида, дар баробари вуҷуд доштани моликияти давлатӣ, рушди иқтисоди бозоргонӣ ва моликияти хусусӣ кафолат дода мешавад [2].

Такмил ва ташкили сиёсати иқтисодии миллӣ асосан, дар замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ оғоз гардида, дар саромади он ҳадаф ва стратегияҳои тарҳрезинамудаи Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Сароғози ин ҳадафҳои Пешвои миллат маҳз дар Паёми ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикситон таҷассум меёбад. Барои тақвияти андешаҳои мазкур, метавон нуқтаи назари доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Ятимов С.С. мисол овард, ки қайд намудаанд: «Дар ин ҳуҷҷати барномавӣ тамоми соҳаҳои давлатдорӣ – сиёсат, иҷтимоиёт, илм, маориф, фарҳанг, ҳифзи манфиатҳои давлат дар робита ба вазъ ва тавоноии иқтисодии мамлакат равшан тавзеҳ дода шудаанд» [8, 6]. Аз ин хотир, яке аз масъалаҳои асосие, ки мақсадҳои умдаи сохтмони давлатдориро марҳила ба марҳила ба танзим медарорад, тарҳрезии стратегии соҳаҳои муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат вобаста ба талаботи рӯзмарраи ҷомеа, дар назар дошта шудааст.

Дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондани сиёсати иқтисодӣ бо назардошти рушди ҳамарӯзаи кишвар, вазъияти минтақа ва ҷаҳон, инчунин мавқеи ҷуғрофӣ аҳаммияти ба худ хос дошта, ҳатто нисбат ба кишварҳои ҳамсоя фарқ мекунад. Яке аз хусусиятҳои фарққунанда, ин пас аз ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисоди миллии хешро аз сифр оғоз намудааст. Кишвар бевосита, аз як кишвари бештар аграрӣ марҳила ба марҳила ба саноатикунонӣ қадам гузошт. Пеш аз ҳама дар ин давра, дар мадди аввал назарҳо барои раҳоӣ аз фақру бенавоӣ ва сарҷамъ кардани мардуми гурезашуда, равона гардида буд. Зеро, яке аз масъалаҳои ниҳоят душворе, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он кишвар бояд барқарор мекард, ба даст овардани боварии мардум ва таҳкими ин эътимод нисбат ба давлати ҷавон буд. Бешубҳа, чунин самтгирӣ дар устувор кардани шохаҳои иқтисодӣ таҷассум мееёфт. Дар он вазъият, ки мамлакатро ба якборагӣ тағйироти куллӣ фаро гирифта буд, насли соҳибандешаи он замонро хаёлоти ҳанӯз ҳам баргаштан ба замони Шӯравӣ фаро мегирифт. Он андешае, ки худи тоҷикон низ метавонанд бо истифода аз таҷрибаи давлатдории ҳазорсолаи хеш давлати миллиро эҳё созанд, дар сар надоштанд [8, 10]. Мустаҳкам сохтани иқтисодиёт ва мардумро аз гуруснагӣ раҳонидан, дар он замон кори саҳлу осон набуд. Таъмини амнияти мардум аз ҷумлаи мушкилоти давлатдории навин дониста мешуд. Аз ин хотир, масъалаҳои зерин яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб мерафт. Маҳз амалисозии дастуру супоришҳои ояндабинонаи Пешвои миллат баҳри эҳё кардани сулҳу субот ва таъмини некуаҳволии халқ имкон фароҳам сохт. Дар чунин як раванди шиддатёбии вазъи иқтисодӣ, ки аҳолии мамлакат аз нарасидани маҳсулоти аввалия азият мекашид, барои танзими ноустувории иҷтимоӣ, бо дастури Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сокинон заминҳои президентӣ тақсим карда шуд [6, 57].

Пешвои миллат авзои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро аз замони оғози истиқлол ба назар гирифта роҳҳои ҳалли расидан ба рушди ҷумҳуриро омухта, ба он хулоса омад, ки бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирии сатҳи бенавоии мардум 75 ҳазор гектар замин ҳамчун заминҳои президентӣ ҷудо карда шаванд [7].

Дар назарияи иқтисод ва афкори иқтисоди сиёсӣ, барои раҳоӣ бахшидани ҷомеа аз буҳрон, банақшагирӣ ва муайян кардани масъалаҳои сарбастаи он ниҳоят муҳим аст. Дар сурати маълум сохтани мушкилоти асосии самти иқтисодӣ, роҳҳои ҳалли буҳрон ошкор

мегардад. Дар акси ҳол он метавонад бар болои шиддати парокандагии иқтисодӣ, носозгориҳои иҷтимоиро низ ба вуҷуд оварад. Эътимоди мардумро аз сохторҳои давлатӣ дур созад. Бар замми ин, ба даст овардани боварии сокинон ва сафарбар намудан ба мақсадҳои ояндаи миллӣ ниҳоят иқдоми душвор ва нозук мебошад. Самтгирӣ дар ин радиф ҷузъи таркибии амнияти миллӣ ба шумор рафта, ҳифз ва ҳолати ҳимояшавандагии он маҳаки асосии сохторҳои марбута мебошад. Дар таркиббандии мафҳуми амният маънои амнияти иқтисодӣ дар чунин шакл фаҳмида мешавад: «...вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд» [8, 148]. Таъмини бехатарии иқтисоди миллӣ аз беҳтар кардани соҳаҳои саноатию молиявӣ, кишоварзию боҷсупорӣ вобастагӣ дошта, дар ин замина инкишофи некуаҳволии мардум ва назорати мақсадноки самтҳои марбута муҳим мебошад.

Пӯшида нест, ки таҳкими амнияти иқтисодии кишвар аз чораандешии стратегияҳо ва барномаҳои мушаххаси миёнамуҳлату дарозмуддат сарчашма гирифта, дар татбиқи адолати иҷтимоии шаҳрвандон мақоми барҷаста дорад. Барои кишвари мо ду даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ, ба мустаҳкам сохтани пояҳои давлатдорӣ бахшида шуда, оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бартараф карда шуд. Инчунин, кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон, донишманд ва ҳимоятгари манфиатҳои миллӣ тарбия гардиданд. Шуруъ аз даҳсолаи сеюми замони соҳибистиқлолӣ роҳи инкишофи иқтисодии кишвар бо суръат авҷ гирифт.

Дар ин самт барномаҳои мушаххаси стратегӣ ба таври саривақтӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ қадамҳои нахустини расидан ба истиқлоли комил ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш стратегияи нави инкишофи мамлакат саноатикунонии босуръатро эълон намуданд, ки тайи панҷ соли минбаъда Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари саноатию аграрӣ табдил дода шуда, аҳолии кишвар бо ҷойҳои нави корӣ таъмин мегарданд. Саҳми бахши хусусӣ дар ин давра бештар ба инобат гирифта мешавад, ки дар соли 2019 он ба 70 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ омада расида буд. Яъне, бо назардошти давраи миёнамуҳлати саноатикунонии босуръати кишвар, дар 7 соли оянда суръати афзоиши воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ солона то 7-8 фоиз баланд бардошта шуда, ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 45 фоиз зиёд ва сатҳи камбизоатӣ то 18 фоиз кам карда мешавад [5, 5].

Ҳамаи мақсадҳои дар боло зикргардида, ҳадафҳои олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистонро дар бар мегиранд, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо аз оғози амалишавӣ бо назардошти таҳаввулоти минтақа ва ҷаҳон давра ба давра мураттаб мегарданд. Ин вазифаҳои стратегии рушд бояд дар 15 соли оянда ҳалли худро пайдо намоянд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар асоси дастурҳоие, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст. Ин ҳуҷҷат бо ба инобат гирифтани тағйиротҳои сиёсию иқтисодии солҳои охир дар ҷаҳон бавуқуъпайваста тартиб дода шуда, уҳдадориҳои байналмилалии кишварро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба Ҳадафҳои рушди устувор, ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ гардидаанд, дар назар мегирад.

Яъне, диққати асосӣ дар Ҳадафҳои рушди устувор ба консепсияи инкишофи самараноки инсон бахшида мешавад. Аз ин хотир, баҳри пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, тағйир додани моделҳои ноустувор ва таҳкими навъҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳимми тараққиёти фазои ҳаётии инсон дохил мешавад [4].

Он чизе ки ба афзалиятҳои асосии рушди кишвар дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 нишон дода мешаванд инҳо мебошанд:

1. Маориф;
2. Тандурустӣ;
3. Шуғл;
4. Нобаробарӣ (нигоҳ доштани рақобати озоди иқтисодӣ);
5. Мубориза бар зидди коррупсия;
6. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо;
7. Идоракунии самаранок;
8. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
9. Пешгирии низои эҳтимолӣ;
10. Амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ.

Дар назар доштан зарур аст, ки дар амалисозии чунин афзалиятҳо ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва мақомотҳои масъули идоракунии давлатӣ, соҳаи тиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим доранд [9, 158].

Дигар масъалаи марбут ба иқтисоди миллӣ баҳри ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва давлат ин дипломатияи иқтисодӣ мебошад, ки дар асоси дигаргуниҳои босуръати геоиқтисодии замони муосир ва равандҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ боис ба авлавият пайдо кардани он гардидааст. Истифодаи самаранок ва муассири паҳлуҳои дипломатияи мазкур, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллию давлатӣ яке аз мақсадҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон дониста мешавад. Мақсади асосии дипломатияи иқтисодӣ низ дар он таҷассум меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва ширкатҳои калони молиявию иқтисодӣ ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ монда, модели нави иқтисодии ҷавобгу ба талаботи ҷаҳониро дар кишвар ташкил диҳад. Ғайр аз ин, маҳсулот ва молҳои рақобатпазирро бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон истеҳсол намуда, содирот намояд. Дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бошад, рӯз аз рӯз баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва баланд бардоштани генофонди миллӣ барномаҳо рӯи кор бароварда шудаанд.

Нақши сиёсати иқтисодӣ дар таъмини амнияти миллии кишвар зарурӣ дониста шуда, он ба ҳар як соҳа аҳаммияти мутақобила дорад. Ҳамчунин, дар Паёми худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16-уми декабри соли 2025 оид ба рушди соҳаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар 34 соли истиқлолият чунин иброз намуда буданд: «...бояд он молу маҳсулотк, ки дар дохили кишвар кишвар истеҳсол мешаванд ҷавобгу ба талабот ва меъёрҳои миллию байналмилалӣ бошанд ва бо молҳои воридотӣ рақобатпазир бошанд. Бинобар ин, соҳаҳои саноатию иқтисодӣ ва молиявии кишварро зарур аст, ки истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти ватаниро ба роҳ монанд ва сатҳи воридотро коҳиш диҳанд» [6]. Чунин мисолҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба афзоиши маҳсулоти ватанӣ ва рушди соҳаи иқтисодӣ зиёд мебошад.

Хулоса, рушди сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иқтисодию фарҳангӣ дар як радиф қарор гирифта, ҳар яке бе таъсироти ҳамдигар, дар ҷомеа мавқеи хос пайдо карда наметавонанд. Дар сурати фалаҷ гардидани муносибатҳои иқтисодии ҷомеа таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти хоҳад расид. Бинобар ин, таъмини амнияти иқтисодӣ иқтидори моддию маънавии кишварро устувор намуда, рушд кардани он, ба бартараф кардани мушкилоти ҷойдоштаи сокинони мамлакат заминаи муосид фароҳам месозад.

## АДАБИЁТ:


1. Зокиров, Г.Н, Сиёсатшиносӣ (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои сиёсии мактабҳои олӣ). Ҷ. I. Душанбе: «Эр-граф», 2019. 648 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Шарқи озод», 2026. – 36 с.
3. Маркс. К.К, Критике политической экономии. // К.Маркс, Ф. Энгельс. Соч. ТЛЗ.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021//

Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [захираи электронӣ]: URL:https://president.tj/event/missives/24850 (санаи муроҷиат: 29. 05. 2025).
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 26 декабри 2019. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 48 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 16 декабри 2025. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 45 с.
7. Раҳимзода, Р.Ҳ, Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Эр-граф», 2025. – 484 с.
8. Сайидзода, З.Ш., Давлатзода П., Даминова А.И, Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с.
9. Ятимов, С.С, Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – 168 с.

УДК: 327.019.5

# САФЕДСОЗИИ «БОСМАЧИГАРӢ» ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ ИДЕОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОТОВ И.И.**
*Аспиранти Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф сафедсозии «босмачигарӣ»-ро ҳамчун таҳдид ба амнияти идеологии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сафедсозии «босмачигарӣ» як зуҳуроти номатлубест, ки ба ягонагии миллати мо таъсири манфӣ расонида, ба пояҳои худшиносию худогоҳии мардуми тоҷик ҳамчун таҳдиди идеологӣ таъсир мерасонанд.*

**Калидвожаҳо:** *сафедсозии «босмачигарӣ», «босмачигарӣ», мафкураи асримиёнагӣ, тундгароии динӣ, ифротишавии ҷомеа, экстремизм, равияҳои динӣ- иртиҷоӣ, давлати миллӣ, терроризм, таҳдиди идеологӣ, Иттифоқи Советӣ.*

# ОПРАВДАНИЕ «БАСМАЧЕСТВА» КАК УГРОЗА ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**БАРОТОВ И.И.**
*Аспирант Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор рассматривает оправдание «басмачества» как угрозу идеологической безопасности Таджикистана. По мнению автора, в период независимости Таджикистана «оправдание басмачества» является нежелательным явлением, которое как идеологическая угроза негативно влияет на единство нашей нации, затрагивает основы самосознания и самопознания таджикского народа.*

**Ключевые слова:** *оправдание «басмачества», «басмачество», средневековая идеология, религиозный экстремизм, радикализация общества, экстремизм, религиозно-экстремистские течения, национальное государство, терроризм, идеологическая угроза, Советский Союз.*

# JUSTIFICATION OF «BASMACHI» AS A THREAT OF IDEOLOGICAL SECURITY OF TAJIKISTAN

**BAROTOV I.I.**
*Postgraduate student of the Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author examines the justification of «basmachi» as an ideological threat of security of Tajikistan. According to the author, during the period of independence of Tajikistan, the justification of «basmachi» is an undesirable phenomenon that negatively impacts the unity of our nation and affects the foundations of self-awareness and self-knowledge of the Tajik people as an ideological threat.*

**Key words:** *justification of «basmachi», «basmachi», medieval ideology, religious extremism, radicalization of society, extremism, religious-extremist movements, nation state, terrorism, ideological threat, Soviet Union.*

Мавриди тазаккур аст, ки даҳсолаҳои охир муҳаққиқону таърихнигорон дар фазои илмии Тоҷикистон роҷеъ ба исботи ҳақиқати таърихӣ нисбат ба масъалаи «босмачигарӣ» баҳсу мунозираҳои зиёде доранд. Як гурӯҳи олимон фаъолияти ин гурӯҳи тороҷгарро пурра маҳкум менамоянд. Аммо гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд таърихи замони Шуравиро камрангу беаҳаммият қаламдод намуда, сафедсозии баъзе паҳлӯҳои зуҳуроти «босмачигарӣ»-ро тантанаи адолати таърихӣ медонанд.

Албатта, душманони миллати тоҷик дар ҳама шароити таърихӣ эҳсоси диниро дар раъси фаъолиятҳои густардаи зиддимиллӣ-тахрибии худ бар зидди давлатдории миллии ниёгон қарор дода, тавассути он ба сангари ормонҳои ҳазорсолаи миллатамон борҳо шабохун задаанд. Доираҳои манфиатдор омили мазкурро ҳамчун абзори заиф сохтани истиқлоли сиёсии Сосониёну Сомониён ва дигарон мавриди истифодаи мақсаднок қарор додаанд. Ин аст, ки миллати тоҷикро аз назари идеологӣ ҳамеша таҳдидҳои маҳву парокандашавӣ домангир буд.

Дар марҳилаи ҳассоси 100 соли охир, шуруъ аз ташкили ҶМШС Тоҷикистон то лаҳзаи ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ фаъолияти душманони миллати тоҷик дар ҷабҳаҳои илмӣ, адабӣ, идеологӣ ва сиёсӣ аз нав авҷ гирифта буд. Дар ин давраи пурпечутоби таърихӣ ҷараёни «босмачигарӣ» дар шакли гурӯҳҳои гуногуни иртиҷоӣ фаъолияти террористӣ, қатлу куштори бераҳмона, ҷангу хунрезӣ, ғоратгарӣ ва таҷовуз ба номусро бар зидди таҳкими арзишҳои давлатдории тоҷикон амалӣ месохт. Ҳатто «омад-омади босмачиён ба сари духтардорони қишлоқ гӯё кӯҳро мегузошт. Зеро босмачиён аз онҳо ҳам мол мебурданду ҳам ҷон» [9, 14]. Худи мафҳуми «босмачӣ» аз калимаи туркии «босмоқ» гирифта шуда, маънояш «ҳамла кардан», «ҳуҷум кардан» ва «ба яғмо бурдан» мебошад [5, 3].

Дар натиҷаи бедодгариҳои гурӯҳҳои Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Дониёрбӣ, Ашуртуқсабой, Давлатмандбий, Туқайсарӣ, Эргаш, Лаҳадмахсум, Холбутта, Асрорхон, Ҳомид, Мадаминбек, Раҳмонқул, Эшони Султон, Кӯри Шермат, ки онҳо собиқ дуздон ва роҳзанҳо буданд, танҳо «солҳои 1921 – 1922, 50 ҳазор хоҷагӣ ё худ 200 ҳазор одам, ки аз чаҳор як қисми аҳолии Бухорои Шарқиро ташкил мекард, аз дарёи Панҷ гузашта ба Афғонистон рафтанд, дар ноҳияҳои ҷанубу марказ 49 қишлоқҳои беодам ва вайрону валангор сабти ном шуда буд» [6]. Хусусан, аз ҷониби Фузайл Махсум ба таври ваҳшиёна ба қатл расидани аввалин муаллимаҳои ҳоитӣ Оламби Гадоева, Сайрамби Абдуллоева ва Маълумби Косимова, ки барои маҳви бесаводӣ ва рушди маънавию маърифатии Тоҷикистон фаъолияти таълимӣ-педагогӣ менамуданд, моҳияти чеҳраи зиддимиллию илмситезии босмачиҳоро ҳамчун рамзи ҷаҳолат нишон медиҳад.

Устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Дорюш Раҳимзода ва дигарон дар асарҳои худ ба муқобили бедодгариҳои «босмачӣ»-ҳо дар ватанашон садои эътироз баланд намудаанд.

Қудратҳои пуштибони «босмачиҳо» силоҳу аслиҳа, мафкура ва ҳама гуна лавозимоти зарурирo барои аз нав барқарор сохтани тартиботи кӯҳнаи амирӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа таъмин менамуданд. Собиқадори мақомоти амнияти давлатӣ А.Н. Валишев, ки амалиёти боздошт намудани Иброҳимбекро роҳбарӣ мекард, дар ёддоштҳои худ вобаста ба фаъолияти тахрибии «босмачиҳо» бар зидди сохти нави давлатдории Тоҷикистон, бедодгарию мардумозорӣ, алоқамандӣ бо амири сарнагуншудаи Бухоро, хоҷагони хориҷӣ, дастаи мусаллаҳи гумоштаҳои хориҷӣ дар минтақа, марказҳои зиддишуравӣ, фаъолияти зархаридон ва миссионерҳои кишварҳои хориҷӣ дар Бухорои Шарқӣ маълумоти арзишманд пешниҳод намудааст [2].

Агар ҳаракати «босмачигарӣ» пирӯз мешуд, оё тоҷикон метавонистанд дар заминаи идеологияи иртиҷоӣ-динии ин гурӯҳи роҳзану торочгар соҳиби давлати миллӣ ва истиқлоли сиёсӣ бигарданд?

Посух додан аз мавқеи мазкур як бори дигар аҳаммияти «инқилоби октябр» ва нақши мубориэаи истиқлолхоҳии фарзонафарзандони миллати тоҷик, аз қабили устод Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Саидризо Ализода ва дигаронро бар зидди ҳаводис ва ҷараёнҳои миллаткуши таърихамон, ки минбаъд ба шарофати он ба истиқлолияти сиёсӣ дастёб гардидем, ёдрас менамояд. Дар сурати ғолиб омадани «босмачиҳо» назар ба тоҷикон ба сари қудрати сиёсӣ омадани ақалиятҳои ғайримиллии мансуб ба идеологияи иртиҷоӣ-зиддимиллии мардуми мо ва амири сарнагуншуда ба ҳақиқат наздик буд. Ва ё Анварпошо ва Салимпошо барои соҳибдавлат намудани

тоҷикон ба Бухорои Шарқӣ омада буданд? Дар акси ҳол миллати тоҷик тавассути мафкураи асримиёнагии тоҷикбадбин ва олуда бо равияҳои идеологӣ-иртиҷоии зиддимиллӣ аз тахти саодату некбахтӣ бар хоки факру нотавонӣ фуруд рафта, дар хокбоди таърих нопадид мегардид.

Ин муборизаро гурӯҳҳои нави иртиҷой-радикалӣ дар вақту фазои нави сиёсӣ бо тарзу усули нави муборизаи сиёсӣ бар зидди сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода истодаанд. Мехоҳанд миллати куҳанбунёди тоҷикро, ки дорои таърихи 6 ҳазорсолаи давлатдорӣ мебошад, дар либоси фарҳанги бегона намоён созанд. Онҳо дар гуфтор ва амалу кирдори хеш «босмачӣ»-ро тобиши озодихоҳ доданӣ мешаванд. Тавре профессор С.С. Ятимов иброз медоранд: «Нуқтаи ниҳоии буҳрони ақидатии аввали солҳои навадум пуштибонӣ аз назарияи «босмачигарӣ» ва хомӯшии ризоятмандонаи «мағзи миллат»–зиёиён буд. Ҳамагӣ бо гузашти чанд моҳ, ҷомеаи тоҷик аз назария ба амалияи он – ҷиҳодгаройӣ рӯ ба рӯ гашт. Акси садои ҷаҳонбинии зиддимиллӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз ҳамчун шабаҳ баръало ба чашм мехӯрад. Ва ба гӯшҳо мерасад» [10].

Дарвоқеъ, муаллиф хеле нуктасанҷона ва мантиқан дуруст ин масъаларо баён намудааст. Зеро ҷиҳодгароии ноошноёни миллати тоҷик, ки дар фаъолияти ТЭТ ҲНИ зоҳир мегашт, сарчашмаи асосии худро аз ҷараёни «босмачигарӣ» мерос гирифта буданд, ки дигар раҳму шафқат барои онҳо умуман вуҷуд надошт, ҳамаро вожгун карда, на миллатро мешинохтанду на дину мазҳабро ягона мақсади террористони наҳзатӣ мубориза барои ба даст овардани ҳокимият буд. Сафедсозии «босмачигарӣ», ки аз ҷониби қувваҳои зиддиконститутсионӣ тарғибу ташвиқ мешавад, як навъ мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти иттилоотию идеологӣ буда, дар ниҳоят метавонад замина барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ гардад. Назария ва амалияи «босмачигарии нав» моҳияти дигар дошта наметавонад. Дарвоқеъ, муаллиф ин ҳақиқати баҳснопазир ва раднашавандаро дар китоби «Ёддоштҳо»-и мондагори худ чунин фармудаанд: «Сиёсати онҳо аз зарурати ҷиҳод, «поксозӣ»-и мардум аз таъсири мактабҳои дунявӣ, таърифу тавсифи босмачигарӣ, зарурати ба намоиш гузоштани садоқат ба назария ва амалияи ин ҳаракати зиддимиллӣ ва бозгашт ба шароити зиндагии асримиёнагӣ буд» [13].

Доираҳои манфиатдоре, ки аз ҷойгир сохтани ақидаи пучи «босмачӣ» дар зеҳну тафаккури мардуми тоҷик манфиатҷӯӣ менамоянд, мақсади заиф сохтани рӯҳи миллиро дар ин самт пайгир мебошанд. Маҳз дар ин замина ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум аз назари мароми мақсаднокӣ, идея, мафкура ва фоҷеанокӣ бо «босмачигарӣ» ташбеҳи мантиқӣ дорад.

Дар баробари ин, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятие, ки тӯли солҳо дар ВМКБ бар зидди сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истодагарӣ намуда, мардуми маҳаллиро таллаву тороҷ менамуданд, ин як шакли нави ҳаракати «босмачигарӣ» буд. Албатта, зеҳнҳои бедори ҷомеа аз ин ҳақиқат огоҳ мебошанд, ки чиқадар нобасомониҳоро ба бор овarданд.

Вобаста ба ин, Устод С. Айнӣ барҳақ фармудаанд: «...мо босмачиёнро ки монанди мор намоён буданд, нест кардем, аммо он гурӯҳ ва синфе, ки босмачиён намояндагони онҳо буданд, ҳанӯз ҳастанд, монанди каждуми таги бурё бе он ки ба назари мо худро рӯирост нишон диҳанд, заҳр мезананд, барои ҳар гуна пешрафти мо монеъ мешаванд. Мо бояд ин каждумони таги бурёро тамоман нест кунем то ки... аз сари нав сохтани мамлакат ба мо муяссар шавад» [1, 426]. Дарвоқеъ, устоди зиндаёд моҳияти масъалаи «босмачигарӣ»-ро хеле баръало шарҳу тавзеҳ додааст. Имрӯз ҳам фарзандону набераҳои онҳо кӯшиши зинда кардани номи онҳоро доранд, аммо мардуми мо хиёнатҳои босмачиҳоро ҳеҷ вақт фаромуш нахоҳанд кард. Босмачиҳо қотилони миллати тоҷик буданд ва умуман ин шеваи бегона аст на тоҷикӣ.

Аммо миллати тоҷик босмачии навро, ки имрӯз асоси таблиғоти нерӯҳои ифротгароии динӣ, ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва бадхоҳони давлати

миллиамон гардида истодааст, дар симои кӣ ҷустуҷӯ намояд? – Имрӯз аксаран зиёиёне, ки чароғ, сармояи зеҳнию маънавӣ ва роҳнамои мардуми кишваранд, ҷунбиши бедорӣ ва миллиеро дар ин самт ба миён оварда, пайомадҳои ногувори ин мафкураи ба сохти конститутсионӣ зараровaрро ошкор намудаанд.

Вале дар шароити имрӯза нуқтаи назари муҳаққиқон ва таърихшиносони тоҷик аз назари моҳият ва хусусиятҳои фарқкунандаи худ нисбат ба ҳаракати «босмачигарӣ» мутафовит мебошад. Баъзе олимон ҷараёни мазкурро аз рӯйи иштирокашон дар ҳаракати зиддишӯравӣ, баъзеи дигарашон аз мавқеи рақобатҳои геосиёсию стратегии абарқудратҳои вақт бар зидди Иттифоқи Советӣ ва гурӯҳи дигар бошад аз рӯйи мақсадҳои зоҳирию ботинии сарваронашон баҳогузорӣ намудаанд.

Ба андешаи сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон: «...босмачигарӣ дар ҳеҷ давру замон пешаи тоҷикӣ набуд, ин зуҳуроти туркона ва шеваи мардумони саҳронишинест, ки мақсади асосии онҳо ғоратгарӣ, мардумозорӣ ва таллаву тороҷ намудан буд... Имрӯз нафароне, ки ҷараёни босмачигариро ҳимоя ва онҳоро қаҳрамони миллат меҳисобанд, аксарияташон фарзандон ва наберагони ҳамон босмачиҳо мебошанд, ки аз раванди дигаргуниҳои ҷомеа истифода намуда, мехоҳанд бисёр далелҳои таърихиро рӯйпӯш намуда, авлоди мардумозорашонро дар масири таърих сафед намоянд. Вале хотираи таърихии миллат ин бузургтарин дорандагиест, ки дар он ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нахоҳад гашт» [4, 13]. Воқеан, муаллиф симои манфури босмачиҳоро хеле мӯшикофона тасвир намуда, мақсаду мароми онҳоро ба пуррагӣ нишон дода тавонистааст. Таърихшиносон А. Раҳматуллоев ва С. Мухторов иброз намудаанд, ки: «Босмачигарӣ ин баромади ярокноки синфҳои сарнагуншудаи феодалӣ ва буржуазӣ барои барқарор намудани сохти мудҳиши истисморчигӣ бар зидди Ҳукумати Советӣ буд. Дастаҳои босмачиён ҳамоно баъди ғалабаи Инқилоби октябр ташкил ёфтанд. Ташкилотчиёни «босмачигарӣ» миллатчиёни буржуазӣ, бой ва муллоҳо буданд, ки зери шиори пантуркистӣ ва панисломӣ баромад мекарданд. Онҳо бо роҳи фиреб ҷанги мусулмонон бар зидди кофарҳо – «ғазовот», инчунин бо даҳшату зуроварӣ баъзе деҳқонони гумроҳро низ ба тарафи худ кашида буданд. Аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ то ба охир босмачиён аз империалистони хориҷӣ ва контрреволютсионерони рус пул, яроқ ва дигар ёрию мадад мегирифтанд» [7, 22]. Дар ин маврид И. Усмонов қайд менамояд, ки: «...босмачигарӣ ҳаракати зиддимиллӣ, зиддитоҷикӣ буд. Тавассути пул, мол ва пуштибонии маънавии бегонагон – душманони миллати тоҷик ташкил шуда буд. Ҳоло ҳам айнан ҳамин тавр аст... Оне, ки наҳзатиҳо босмачигариро тарғиб мекунанд, барои мардум айни муддаост. Хуб аст. Зеро акнун худи онҳо бо забони хеш ниҳод, ҷаҳонбинӣ, маънавиёти худро фош мекунанд. Он коре, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ карданд, айнан як намуди ҳаракати босмачигарӣ дар шароити нав буд. Ҳамон қатл, ғорат, одамрабоӣ ва ғайра» [8].

Албатта, ноошноёни миллат, ки дар муқобили манфиатҳои миллии кишвар қарор гирифта, ин ҳақиқати таърихиро пинҳон месозанд, аз назари эҳсоси душманӣ, ҳастӣ ва таъминоти буду боши худ наметавонанд ба доираҳое, ки 100 сол пеш пушту паноҳи босмачиҳо буд, хиёнат намоянд. Моҳияти мавқеи дур аз дурандешӣ ва ба афзалиятҳои давлатдории миллӣ зараровари онҳо дар ҳамин хулоса мешавад.

Ба андешаи мо «босмачигарӣ» яке аз абзорҳои амалӣ намудани манфиатҳои геосиёсии қудратҳои бузурги сиёсати ҷаҳонии вақт буд, ки мубориза онҳо дар муқобили Иттифоқи Советӣ ва давлати навтаъсиси миллии тоҷикон сурат гирифта, асолати миллию фарҳангӣ, тамаддунӣ ва ҳастии миллати тоҷикро дар қаламрави таърихии худ инкор менамуд ва мехост онҳоро аз назари идеявӣ тобеи мафкураи динӣ ва ҷараёни миллӣ-идеологии таърихан маълуми тоҷикситез намоянд.

Ин равияи иртиҷоӣ ба масъалаҳои ватанхоҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллати тоҷик ҳеҷ робитае надошт. Аз босмачиҳо интизори бунёди давлати миллӣ доштан барои миллати тоҷик андешаи хому бемантиқ ва ботил мебошад. Мавқеъгирии баъзе кишварҳои минтақа вобаста ба ин моҳияти дигар дорад. Агар омӯхтани таърих омили

асосии тақвияти хиради сиёсӣ бошад, пас аз нуқтаи назари таърихнигории миллӣ сафедпиндорӣ ва ҳақ баровардани равияҳои бегона ва иртиҷоӣ-динии «босмачигарӣ» метавонад фаъолияти озодихоҳӣ ва истиқлолталабии шахсиятҳоеро, ки дар саргаҳи давлатсозии тоҷикон қарор доштанд, зери суол барад. Аз куҷо об хӯрдани решаи ин масъала норӯшан нест.

Ҳар андешае, ки вобаста ба сафедсозии «босмачигарӣ», ифротгароӣ ва таассуби динӣ дар зеҳну тафаккури ҷомеа шакл мегирад, дер ё зуд ба афкори ҷомеа ва рафтори иҷтимоӣ аз нигоҳи ташаккули легитимияти ҳокимияти сиёсӣ таъсири манфии идеологӣ мерасонад. Ба андешаи мо зуҳуроти сафедсозии «босмачигарӣ» дар муҳити фикрию иҷтимоии ҷомеа чунин таҳдидҳоро ба амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бор меорад:

1. Омили мазкур ифротишавии ҷомеаро ба нуқтаи фоҷеавии худ расонида, метавонад тавассути сиёсисозии дин дар муҳити ҷомеа нерӯҳои алтернативии сиёсӣ-диниро ба миён оварад. Аз нигоҳи рушди давлатдории миллӣ-дунявӣ пешгирӣ намудани тамоюли мазкур ногузир аст. Дар акси ҳол «мафкураи умумимиллӣ дар зери таъсири идеологияҳои иртиҷоию ғайримиллӣ ва тамоюлҳои бегонаи доираҳои хориҷии манфиатдор қарор гирифта, аввалан истиқлоли фикрӣ ва сипас истиқлоли сиёсии хешро аз даст медиҳад» [3, 68 – 81];

2. Сафедсозии «босмачигарӣ» зарфияти фикрии идеологияҳои тоҷикситезро дар роҳи халалдор сохтани ваҳдату ягонагии миллӣ тақвият медиҳад ва рисолати ҳувиятсози арзишҳои миллиро коҳиш медиҳад;

3. Сафедсозии «босмачигарӣ» идеологизатсияи ҷомеаро вобаста ба сохти конститутсионии кишвар ба маргинализм табдил медиҳад. Тафаккури умумимиллиро дар дуроҳаи (1) ташаккули давлати миллию дунявӣ ва (2) эҳёи зуҳуроти иртиҷоӣ-динӣ қарор дода, нигилизми миллиро ба омили асосии ваҳдатзудоӣ табдил медиҳад ва сабабгори фаъол шудани гурӯҳҳои маргиналӣ дар ҷомеа мегардад, ки ин метавонад ба низоъҳои сиёсӣ-дохилӣ оварда расонад. Бидуни шак «ҷаҳонбинӣ ва идеологияҳое, ки ҳамакнун мардумро ба гумроҳӣ андохтаанд, аз нигоҳи назарӣ ва таҷрибаи таърихӣ нисбат ба идеяҳои эҳёгарии миллӣ, ҳувиятсозӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ, ватанпарварӣ, равшангароӣ, таърихофаринӣ, ҷамъияти маданӣ, дунявият ва халлоқияту додхоҳӣ ҳазор сол ва зиёда аз он собиқаи бештар доранд» [12];

4. Сафедсозии «босмачигарӣ» Тоҷикистонро ба бӯҳрони идеологӣ гирифтор сохта, дар муҳити фикрию иҷтимоии ҷомеа халои идеологиро ба миён меорад. Зуҳуроти мазкур омили «исломи сиёсӣ» ва «ҳассосияти динӣ»-ро ҳамчун технологияи ба бӯҳрони сиёсӣ гирифтор намудани давлату миллати тоҷик дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор медиҳад. Дар чунин шароит боло бардоштани сатҳи маърифатнокии сиёсию идеологӣ, шуур ва маданияти сиёсии ҷомеа барои ба миллати ҳушманд табдил ёфтани тоҷикон мусоидат мекунад. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки дар даврони ҷаҳолат ифротгароию тундгароӣ ва таассуби динӣ беҳтарин роҳнамои миллатҳо мегардад. Аз ин рӯ: «бояд бо ҳар шакле ки набошад масунияти (имуннитет) идеологии миллати тоҷикро тақвият бахшид, зеро маҳз имуннитети идеологӣ метавонад ба ҷангҳои итиллоотӣ ва набардҳои идеологӣ аксуламали муносиб нишон диҳад. Густариши арзишҳое, ки боиси ташаккули имуннитети идеологӣ мегарданд, яке аз вазифаҳои асосии дастгоҳи идеологии давлат маҳсуб мегардад» [3, 68 – 81];

5. Дар хотираи таърихии миллати тоҷик мавқеи мусбат пайдо кардани «босмачигарӣ» шомилшавии ҷавононро ба ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ афзоиш дода, имиҷи фарҳангии тоҷиконро доғдор ва амнияти миллии кишварро осебпазир мегардонад. Зуҳуроти мусбатсозии унсурҳои аз нигоҳи таърихӣ-сиёсӣ ба характери миллӣ бегона на танҳо мо тоҷиконро аз худогоҳию худшиносии миллӣ ва аз асолати тамаддунӣ дар канор нигоҳ медорад, балки робитаи маънавии тоҷиконро миёни воқеияти таърихӣ ва асолати фарҳангию тамаддунӣ аз байн мебарад, яъне ба ваҳшисозии мақсадноки (одичание)

миллати соҳибтамаддун оварда мерасонад. Чунки, «Яке аз муҳимтарин омилҳои худшиносии миллӣ донистани таърихи Ватан мебошад… Барои ташаккул додани тафаккури ҷомеа илми таърих мавқеи калидӣ дорад» [11].

6. Сафедсозии «босмачигарӣ» барои аксари доираҳои минтақа ва ҷаҳон, (Шарқу Ғарб) ки аз (1) гирифтани таълимоти ғайриқонунии динии наврасону ҷавонони тоҷик, манфиатдоранд, (2) дар бораи ба яғмо бурдани арзишҳои фарҳангию тамаддунии тоҷикон барномаҳои махсус доранд, хушоянд мебошад. Зеро гароиши маънавӣ ва омодасозии идеологии мафкураи мо тоҷикон бо равияҳои иртиҷой-динӣ барои татбиқи манфиатҳои миллию фарҳангии доираҳои ба мо душман мусоидат менамояд. Ин омил барои онҳо ҳамчун абзори мақсадноки бозсозии мафҳумию идеологӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маънавию ҳувиятии минтақа хизмат менамояд, ки барои ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамо зарару зиёни ба худ хос хоҳад дошт. Сафедсозии «босмачигарӣ» як навъ тамоюли носолими илмию маърифатӣ ва сиёсию идеологӣ дар сатҳи назариявиест, ки дар заминаи мутобиқ кунонидани шуури ҷамъиятӣ ба манфиатҳои сиёсию геостратегии ташаббускорони хориҷӣ тобиши амалӣ бахшидани ин зуҳуроти зиддимиллӣ аз эҳтимол дур нест.

Мутаассифона, сафедсозии «босмачигарӣ», ифротишавии ҷомеа, иштироки шаҳрвандони тоҷик дар амалҳои байналмилалии террористӣ, шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, коҳиш ёфтани ҳувияти миллию эҳсоси ватандӯстӣ ва дигар зуҳуроти иртиҷой-мафкуравӣ аз фаъолияти ғайриқаноатбахши дастгоҳи идеологии давлат сарчашма гирифта, барои мақсаднок амалӣ гардидани диверсияи идеологии доираҳое, ки нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати душманона доранд, заминаи мусоид фароҳам меорад. Агар таърих оина бошад, пас мо аҳли зиёи кишварро зарур аст объективияти онро поку беолоиш нигоҳ дошта, дар атрофи ғояҳои муттаҳидкунандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Парчамбардори тамаддуни ориёӣ сарҷамъу муттаҳид бошем, дар ҷодаи илму фарҳанг шабу рӯз заҳмат кашем, то ин ки наслҳои имрӯзу оянда симои воқеӣ, асолати миллӣ, ҳувият, характери миллӣ, арзишҳои ҳувиятсозу ифтихорбарангез ва умумиятҳои этнополитикию этнопсихологии худро дар он дарёбанд, дар равандҳои сиёсию идеологии минтақа ва ҷаҳон мавқеи дурусти миллӣ касб намоянд. Дарвоқеъ, сафедсозии «босмачигарӣ» ва эҳёи арзишҳои ба фарҳанги миллӣ-таърихии мо бегона ба нафъи рушди давлатдории миллии мо намебошанд.

Имрӯз ҷомеаи илмии кишвар, хусусан ҷомеашиносон вазифадоранд, ки паҳлуҳои гуногуни зуҳуроти «босмачигарӣ»-ро аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои таҳкими арзишҳои давлатдории миллӣ-дунявӣ таҳқиқ намоянд, баҳои воқеӣ диҳанд, аз парокандахаёлӣ ба нуқтаи назари умумиэътирофшуда оянд, пайомадҳои барои истиқлоли сиёсӣ ногувори онро ошкор созанд ва барои тақвияти зиракии сиёсии ҷомеа ташаббускор бошанд. Чунки, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқеияти фоҷеабори гузаштаи тоҷикон муҳокимаронӣ намоем, дар шароити имрӯза низ тундгароии динӣ, ифротишавии ҷомеа, экстремизм ва дигар равияҳои динӣ-иртиҷоии бо «босмачигарӣ» шабеҳу баробарвазн таҳдиду хатарҳои пуриқтидори идеявӣ-мафкуравӣ, маънавӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ-идеологӣ ва ҳатто физикӣ-фаромиллиро ба бор овардаанд, ки сари вақт бартараф нагардидани онҳо метавонад барои рушди давлатдории миллии тоҷикон пайомадҳои ногувор дошта бошад.

Ҳамин тавр, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз сафедсозии «босмачигарӣ» як зуҳуроти номатлубест, ки ба ягонагии миллати мо таъсири манфӣ расонида, ба пояҳои худшиносию худогоҳии мардуми тоҷик ҳамчун таҳдиди мафкуравӣ таъсир мерасонанд. Зеро то ҳанӯз фарзандону наберагони мардуми азияткашидаи тоҷик, ки аз дасти босмачиҳо азоб дидаанд ва дар зиндагии мо имрӯз ҳузур доранд, ҳеҷ вақт босмачиҳоро бахшида наметавонанд.

Тарафдорону фарзандону наберагони собиқ босмачиҳоро мебояд, ки дигар «коҳи кӯҳнаро бод накунанд, ки он ба гирдоб табдил хоҳад ёфт».

**АДАБИЁТ:**

1. Айнӣ С. Дохунда. Нашриёти давлатии Тоҷикистон Сталинобод. 1960.-С. 426.-476 с.
2. Валишев А.Н. Чекистские были. Лит. обработка Л.И. Бурханова. – Душанбе. Ирфон, –1988. – 400 с.
3. Баротов И.И. Таъсири набардҳои идеологӣ ба имиҷи байналмилалии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2023. № 1 (81). С. 68 – 81.
4. Маҳмадов А.Н. Наврӯзнома. Душанбе «Империал-Групп», -2015, – 28 с.
5. Поляков Ю.А., Чугунов А.И. Конец басмачества, Издательство «Наука», – 185с.
6. Раҳим Ҷалил. Одамони ҷовид. Душанбе, «Ирфон», – 1979, – 448 с.
7. Раҳматуллоев А. Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони советӣ. Нашриёти «Маориф», – 1989, – 320 с.
8. Усмонов И. Ба таърих бо чашми хирад бингарем. Ё чаро ҳаракати босмачигарӣ расонаӣ шуд? // [сарчашмаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2019/02/ba-tarih-bo-chashmi-hirad-biingarem-yo-charo-arakati-bosmachigar-rasona-shud/ (санаи муроҷиат: 08.11.2025).
9. У истоков истории. К 130-летию со дня рождения Нусратулло Махсума. Под общей редакцией академика Р.М. Масов. – Душанбе, “Mega - basim” ,2011. – стр. 528
10. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) // [сарчашмаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2023/01/tavono-buvad-ar-k-dono-buvad-andesha-o-peromuni-payomi-peshvoi-millat/ (санаи муроҷиат: 05.11.2025.).
11. Ятимов С.С. Бозёфт ва тадқиқоти археологӣ-шакли инъикоси воқеияти таърихӣ (Т.Г. Филимонова, Х.Ю. Муҳиддинов, Х. Ғаффоров “Ёдгориҳои бостонии Фархорзамин”. Душанбе, 2023) // Илм ва ҷамеа. 2023, № 4 (34). С. 146-157.
12. Ятимов С.С. Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ // [сарчашмаи электронӣ]. URL: https://jumhuriyat.tj/5847-sadriddin-ajn-va-inilobi-madan-muaddima.html(санаи муроҷиат: 07.11.2025).
13. Ятимов С.С. Ёддоштҳо. Қисми II. Хуҷанд «Ношир», –2025. –С. –246. –704 с.

*УДК: 327*

# ТОҶИКИСТОН ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

**АСЛАМЗОДА Н.**
*Ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Масъалаи инкишофи геополитикии давлат ва ҳимояи манфиатҳои он дар шароити муосири инкишоф муҳим ба ҳисоб меравад. Мақола ба яке аз масъалаҳои актуалии инкишофи геополитикии Тоҷикистон дар низоми геополитикии минтақа ва зарурати ҳимояи манфиатҳои геополитикии он бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо далелҳо зарурати ҳимояи манфиатҳои геополитикиро барои Тоҷикистон асоснок кунад.*

*Дар мақола масъалаҳои нақши геополитика дар инкишофи давлат, аз ҷумла давлати Тоҷикистон, моҳияти манфиатҳои геополитикӣ, муҳиммияти ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ барои Тоҷикистон ва омилҳое, ки манфиатҳои геополитикии Тоҷикистонро муайян мекунанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Тоҷикистон, геополитика, манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои геополитикӣ, детерменизми географӣ, тамаддун, бархӯрдҳои сиёсӣ, Осиёи Марказӣ, бехатарӣ, амнияти миллӣ, рушди уствор, қудрати геополитикӣ, фазои сиёсӣ.*

# ТАДЖИКИСТАН И ЗАЩИТА ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ИНТЕРЕСОВ

**АСЛАМЗОДА Н.**
*Ассистент кафедры политологии Таджикий Национального университет*

*Вопрос геополитического развития государства и защиты его интересов считается важным в современных условиях развития. Статья посвящена одному из важных вопросов геополитического развития Таджикистана в геополитической системе региона и защите его геополитических интересов. Автор попытался аргументированно обосновать необходимость защиты геополитических интересов Таджикистана.*

*В статье рассмотрена роль геополитики в развитии государства, в том числе государства Таджикистан, сущности геополитических интересов, важности защиты геополитических интересов для Таджикистана и факторов, определяющих геополитические интересы Таджикистана.*

**Ключевые слова:** *Таджикистан, геополитика, национальные интересы, геополитические интересы, географический детерминизм, цивилизация, политические конфликты, Центральная Азия, безопасность, национальная безопасность, устойчивое развитие, геополитическая сила, политическое пространство.*

# TAJIKISTAN AND PROTECTION OF GEOPOLITICAL INTERESTS?

**ASLAMZODA N.**
*Assistant of the Department of Political Science of the Tajik National University*

*The issue of the geopolitical development of the state and the protection of its interests is considered important in modern development conditions. The article is devoted to one of the important issues of the geopolitical development of Tajikistan in the geopolitical system of the region and the protection of its geopolitical interests. The author tried to substantiate the need to protect the geopolitical interests of Tajikistan.*

*The article discusses the role of geopolitics in the development of the state, including the state of Tajikistan, the essence of geopolitical interests, the importance of protecting geopolitical interests for Tajikistan and the factors that determine the geopolitical interests of Tajikistan.*

**Key words:** *Tajikistan, geopolitics, national interests, geopolitical interests, geographical determinism, civilization, political conflicts, Central Asia, security, national security, sustainable development, geopolitical power, political space.*

*«...бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дар дунёи имрӯза, вазъи нобасомон..., ...яроқнокшавии бошитоб ва оғози дигарбораи «ҷанги сард»..., ...моро водор менамояд, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, пеш аз ҳама, ҳифзи амният..., ...ҳарчи бештар ва фаъолона саҳм гузорем».*

***Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***

***Муқаддима.*** Кудрати миллатҳо бо зарфиятҳои ҷуғрофӣ андозагирӣ мешавад. Аммо ин баҳодиҳии ниҳоӣ нест. Намунаи миллатҳое бисёранд, ки соҳиби зарфиятҳои ҷуғрофӣ ҳастанд, вале соҳиби қудрат ва неруи таъсир нестанд. Соҳиби қудрат ва нерӯи таъсир дар ин баробар аз қудрати «мағзӣ»-и як миллат вобаста мебошад. Миллате, ки дарки арзишии қудрати геополитикиро аз ҳар навъ арзиш боло мегузорад ва назорати фазоро аз диди таҳкимбахшии қудрати давлатӣ муайян мекунад, баранда аст. Баръакси ин, дар шароити руёруии манфиатҳо ва «бозиҳо»-и геополитикӣ будани як миллат ва ихтиёрдории ҷуғрофие, ки таърихан ба худи ӯ рабт дорад, ғайриимкон мегардад.

Низоми мураккаби олами мутамаддин ва раванду ҳодисаҳои ба ҳам зид, дар қолаби оштинопазирона шакл гирифтани муносибатҳо ва бархӯрдҳои идеологӣ, тамаддунӣ, ба амал омадани моҷароҳо аз баҳри ихтиёрдорӣ кардани ҳудудҳои ҷуғрофӣ, тақвияти ҳукмронӣ, таҳким ва густариши зарфиятҳои ҳарбиву иқтисодӣ заруратро ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, алалхусус ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ ба вуҷуд меоваранд.

Давлати муосир дар ростои хатар ва нобавориҳои сиёсати ҷаҳон ва «муфлисшавӣ»-и асосҳо, принсипҳо ва стандартҳои сиёсиву ҳуқуқии ҷаҳонӣ қарор дорад. Низоми бунёдёфтаи муносибатҳои байналмилалӣ ба поёни худ расидааст. Гӯё манзараи таърихӣ такрор мешавад. Қонунияти «гардишгарии таърихӣ» асоси воқеӣ пайдо мекунад. Назорати фазо – фазои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тамаддунӣ, иттилоотӣ, зеҳнӣ, ҳавоӣ, кайҳонӣ ва ғ. даъвои на танҳо давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, балки давлатҳои рӯ ба инкишофи минтақавӣ ва субминтақавиро низ ташкил медиҳад. Тамоюлҳои сиёсӣ, ки метавонанд ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тамомияти арзии давлат, сохтори конститутсионии он, тамаддун ва фарҳанг, ҳувияти миллӣ, субот ва оромии ҷомеа таҳдид ва хатар бошанд, тақвият ёфта истодаанд. Онҳо «буҳрони давлати миллӣ»-ро метавонанд ба вуҷуд оваранд. Дар чунин шароит ҳимояи манфиатҳои геополикӣ барои инкишофи давлат ва тақвияти қудрати сиёсии он аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

***Қисмати асосӣ.*** Посух ба саволи «Оё Тоҷикистон ба ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ ниёз дорад?» чандон мураккаб нест. Онро метавон бо як калима ё ибораи хурд «бале, ниёз дорад» посух гардонид. Аммо дар доираи илмӣ баррасӣ гардидани чунин навъ саволҳо ҷавоби сарсарӣ ва сатҳиро талаб надорад. Посухи илмӣ гардонидан ба саволи зикргардида маънои аз назари стратегӣ, доктринавию консепсиявӣ дар доираи назарияҳои геополитикӣ – детерменизми географӣ, консепсияи тамаддун ва назарияи ҳарбию қудратии геополитикӣ баррасӣ намудани онро дар назар дорад. Вазни илмӣ ва зарурати амалии масъаларо андешаҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки чунин иброз доштаанд: «...бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дар дунёи имрӯза, вазъи нобасомон..., ...яроқнокшавии бошитоб ва оғози дигарбораи «ҷанги сард»..., ...моро водор менамояд, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, пеш аз ҳама, ҳифзи амният..., ...ҳарчи бештар ва фаъолона саҳм гузорем», муайян мекунад.

Чунин навъ саволро Г. Киссинҷер дар соли 2001 унвони яке аз асарҳояш «Оё Амрико ба сиёсати хориҷӣ ниёз дорад?» («Нужна ли Америке внешняя политика» [5]) гузошта буд. Ӯ думболи ҷустани ҷавоби саволи гузошташудааш дар асар нагаштааст, балки будан ва қудрати Амрикоро дар оғози ҳазорсолаи нав, мавқеи онро дар олами зуд-зуд тағйирёбандаи сиёсиву геополитикӣ ҳамчун қудрати геополитикӣ ва гегемонизми ҷаҳонӣ муайян кардан хостааст.

Аз ҳамин хотир, моҳияти унвони саволӣ гузоштани таҳлили мазкурро мо дар муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи Тоҷикистон ҳамчун давлати «... қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон...» [6], «...давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона...» [6, м. 1], тақсимнашаванда ва дахлнопазир будани сарҳади он [6, м. 7], давлате, ки «...вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд» [6, м. 11], давлате, ки дар он «ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст» [6, м. 43], давлати тозаистиқлоле, ки таҳияи доктринаҳо ва андешаҳои мушаххаси инкишоф аҳаммияти муҳим бояд пайдо кунанд [3, 3], давлате, ки дар ростои «...бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дар дунёи имрӯза, вазъи нобасомон..., ...яроқнокшавии бошитоб ва оғози дигарбораи «ҷанги сард...» [8] қарор дорад, давлате, ки зарурати ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти қудрати геополитикӣ ва баланд бардоштани рушду инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии он аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, ошкор менамоем.

***<u>Нақши геополитика дар инкишофи давлат.</u>*** Асосан геополитика ба ду маъно фаҳмида мешавад: аввал ин ки геополитика низоми махсуси илмӣ ва баъдан геополитика як воқеияти инкишофи сиёсӣ – сиёсати махсуси давлат, ки дар заминаи баъэтиборгирии мавқеи ҷуғрофӣ, зарфиятҳои табиӣ, тамаддуниву иҷтимоӣ ва стратегӣ ба амал бароварда мешавад.

Омилҳои ҷуғрофӣ дер боз дар назари мутафаккирон ва донишмандоне, ки орзуи абарқудрат ва дар сатҳи инкишофи мутаносиб дидани давлати худро мекарданд, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намуда буд. Дар асарҳои як қатор мутафаккирони даврахои гуногун назаре бартарият дошт, ки мувофиқи он маҳз мавқеи ҷуғрофӣ ба фарҳанг, иқтисод ва ҳатто ба навъи сохти сиёсии давлат таъсири назаррас мерасонад. Муносибати байни «хок ва хун», фазо ва қудрат, ҷуғрофия ва сиёсатро олимони қадим қайд карда буданд. Мутафаккирони қадим, аз ҷумла Полибий, Фукидид, Арасту, Ситсерон назарияҳои таъсири муҳити атрофро ба таърихи сиёсӣ баён кардаанд [2, 20].

Ш.Л. Монтеске таърихи ҳар як давлатро, нововбаста аз шакли сиёсиаш аз шароити мушаххаси ҷуғрофӣ ва қонуниятҳои тағйирнопазири он вобаста медонад. Бузургии давлатҳо ва миллатҳо ҳам дар ҷуғрофиёи стратегӣ доштани онҳо инъикос мегардад. Дар охири асри XX сирф ба омили ҷуғрофӣ такя намудан дар ташаккули геополитика он қадар аҳаммиятнок эътироф намегардид. Нақши геополитикаро на танҳо дар ба эътибор гирифтани назарияи детерменизми географӣ, балки дар асоси ба эътибор гирифтани назоратнамоии «фазои бузург» – инфосфера, идеосфера ва фазои тамаддунӣ низ афзалтар мешумориданд. Геополитикаи муосир дар инкишофи давлат вобаста ба баланд бардоштани қудрати ҳарбӣ, иттилоотӣ, ҳавоӣ, кайҳонӣ, тамадддуниву идеологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, таъсиргузор гардид.

Барои Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва субъекти муносибатҳои глобалӣ аҳаммияти геополитика аввалиндараҷа арёзбӣ мегардад. Тоҷикистон дорои зарфиятҳои бештари геополитикӣ мебошад. Он дар ҷуғрофиёе ҷойгир аст, ки ҳам аз нигоҳи детерменизми географӣ, ҳам аз диди консепсияи тамаддун ва ҳам аз нигоҳи доктринаи «Дили олами Евразиягӣ» афзалият дорад. Тоҷикистон қисман пайвандгари ду тамаддун: ислом ва будӣ-конфутсиягӣ, пайвандгари роҳи тиҷоратии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, «... Ҳамсоягӣ, аз як тараф, бо кишвари ҷангзадаи Афғонистон ва аз тарафи дигар, бо давлатҳои ҳавзаи тамаддунии дигар барои он осон нест. Чунин ҳолат Тоҷикистонро ба бархӯрдҳои геополитикӣ, бухронҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ шояд наздиктар кунад. Аз ҳамин хотир, зарурати тарҳрезӣ намудани доктринаҳои таҳкими заминаҳои низомию қудратӣ ва таъмини амният бештар мегардад» [1, 212].

«Оғози асри нав муқовимати шадиди тамаддунҳо, бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, тақсимоти нави бозорҳои ҷаҳонӣ, манбаъҳои ашёи хому сарватҳои табиӣ ва афзудани фарқият миёни кишварҳои бою камбағалро боз ҳам тезу тунд намуд. Ин муқовимату мухолифатҳои шадид бо ҷараёни диалектикии ҳаёт созгор нестанд. Раванди

инкишофи зиндагӣ ҷомеаи башариро маҷбур месозад, ки дер ё зуд ба низоъҳои мусаллаҳона ва мухолифатҳои низомӣ хотима бахшида, ҳамаи имкониятҳоро барои кашфиётҳои тоза ва таҳкими сулҳу суботи сайёра сафарбар намояд» [7]. Ин ҳолат афзалияти нақш ва таъсири геополитикаро дар рушд ва инкишофи давлати Тоҷикистон баланд арзёбӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, нақши геополитикаро бо дарназардошти ҷиҳатҳои зерин метавонем дар инкишофи Тоҷикистон муайян намоем:

– геополитика метавонад бо ба эътибор гирифтани зарфиятҳои ҷуғрофӣ омили асосии бунёди тарҳҳо ва доктринаҳои инкишофи Тоҷикистон гардад;

– геополитика зарурати сиёсати автаркӣ (худкифоягӣ)-ро барои давлати азизи мо асоснок менамояд ва асосҳои истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоии онро тарҳрезӣ менамояд;

– геополитика барои назорати фазо, аз ҷумла фазои энергетикии минтақа имконияти бевоситаро ба давлат медиҳад;

– он тақвияти заминаҳои низомию қудратии давлатро баҳри ҳимояи якпорчагии Тоҷикистон ҳатмӣ мегардонад;

– ба давлат зарурати назорати фазои иттилоотӣ ва ғоявии миллиро зарур мешуморад;

– экспансияи иттилоотӣ ва робита бо диаспораҳои миллиро муҳим арзёбӣ мекунад;

– геополитика зарурати рушди иқтисоди миллиро ҳатмӣ эътироф намуда, баҳри ба кишвари истеҳсолӣ мубаддал шудани Тоҷикистон мусоидат мекунад ва ғайра.

***<u>Моҳияти манфиатҳои геополит</u>***<u>**икӣ**</u>. Пеш аз оне ки зарурати давлат ба ҳимояи манфиатҳои геополитикиро муайян кунем, ба моҳияти манфиатҳои геополитикӣ сарфаҳм рафтан лозим меояд. Манфиатҳои геополитикӣ талаботҳои бо ҳадафҳои стратегӣ мутобиққардашудае мебошанд, ки давлат дар доираи ҳадафҳои рушди геополитикӣ ва миллӣ амалӣ менамояд. Онҳоро манфиатҳои миллӣ муайян мекунанд ва ҳифзи тамомияти арзӣ, дастрасӣ ба захираҳо, тавсеаи нуфуз ва назорат бар «фазо»-ро дар бар мегиранд. Манфиатҳои геополитикӣ дар ташаккули сиёсати давлат, махсусан сиёсати хориҷии он нақши муҳим доранд ва муносибатҳои онро бо дигар субъектҳои низоми байналмилалӣ муайян мекунанд.

Аҳаммияти манфиатҳои геополитикӣ на танҳо аз таъсири эҳтимолии хатар ва таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ва рушди иқтидори давлат, балки бо нуфуз ва мақоми он дар арсаи байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дараҷаи ҳимояшавандагии манфиатҳои геополитикӣ метавонанд мавқеи давлатро дар иерархияи субминтақавӣ, минтақавӣ ва глобалии қудрат, қобилияти таъсир расонидан ба қабули қарорҳоро муайян кунанд, яъне қобилият ба ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ эътирофнамоиро тақвият мебахшад.

Манфиатҳои геополитикӣ барои сиёсати давлатӣ ва ташаккули қудрати сиёсии он дар низоми нави ҷаҳонӣ аҳаммияти бузург доранд. Онҳоро омилҳои зиёде, аз қабили ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, дастрасӣ ба захираҳо, мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегӣ муайян мекунанд. Манфиатҳои геополитикӣ метавонанд бо назорат аз болои захираҳо ва асосҳои қудрати сиёсӣ, ҳудудҳо, таъсир ба минтақаҳо ё сарҳадҳо, инчунин бо фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт ва таъмини бехатарии миллӣ ва рушди устувор алоқаманд бошанд.

Намунаи классикии манфиатҳои геополитикӣ хоҳиш ва кӯшиши давлат барои назорат кардани масирҳо ва захираҳои табиӣ – стратегӣ мебошад. Масалан, ИМА ва Чин дар минтақаи Уқёнуси Ором манфиатҳои геополитикӣ доранд, зеро он як дарвозаи муҳимми тиҷоратӣ ва иқтисодӣ мебошад. Тоҷикистон дар минтақа ва ҳудудҳое, ки бо сокинони онҷо умумияти тамаддунӣ ва фарҳангӣ дорад, манфиатҳои геополитикӣ дорад, ки бояд ҳимоя гардад.

Дар муноқишаҳои минтақавӣ, дохилидавлатии давлатҳои ҳамсоя ва муносибатҳои байналмилалӣ низ манфиатҳои геополитикӣ нақши муҳим доранд. Муноқишаҳои байни давлатҳо метавонанд аз сабаби зиддиятҳои манфиатҳои геополитикӣ ва даъво ба қаламравҳои муайян ба миён оянд. Масалан, муноқишаҳои минтақавӣ дар Ховари

Миёна аз баҳсҳо бар сари назорати захираҳои табиӣ ва таъсир бар минтақа сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, дарк ва таҳлили манфиатҳои геополитикии давлатҳо ва субъектҳои асосӣ воситаи муҳимми муайян кардани сенарияҳои эҳтимолии рушди ҳодисаҳо ва пешгӯии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

К.В. Сивков дар кори илмии худ манфиатҳои геополитикиро ҳамчун шартҳои зарурии инкишофи давлат дар доираи муносибатҳои иқтисодию сиёсии байналхалқӣ тавсиф мекунад [9, 177].

Сохтори манфиатҳои геополитикӣ аз се сатҳ иборат аст:

– рушди мутамаддини давлат дар доираи сиёсати муваффақи миллӣ ва байналмилалӣ;

– мавқеъгирии геополитикии давлат, ҷойгиркунии қувваҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, иштирок дар иттиҳодияҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, низомӣ ва тамаддунӣ;

– доираи таъсири давлат ба манфиатҳои геополитикии дигар давлатҳо ва эҷоди таносуби қувваҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа ва арсаи байналмилалӣ.

Муҳимтарин унсурҳо ва омилҳои сохтории манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон ин бартарияти фарҳангӣ, тамаддунӣ, мустақилияти сиёсӣ ва соҳибихтиёрӣ аз болои зарфиятҳои ҷуғрофӣ ва демографӣ дар худудҳои алоҳидаи минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон мебошад. Ин омилҳо ба қудрати геополитикии давлат, маданияти он, тамаддун ва иқтисоду сиёсати он бевосита таъсир мерасонанд. Ҳама манфиатҳои давлати Тоҷикистон, ки бо чунин густариш алоқаманданд, сирф хусусияти геополитикӣ доранд.

***<u>Муҳиммияти манфиатҳои геополитикӣ барои Тоҷикистон.</u>*** Муҳиммияти манфиатҳои геополитикиро барои Тоҷикистон дар боло ишора кардем ва ҳоло бошад, бо далелҳое, ки ин манфиатҳо асос ёфтаанд ишора мекунем:

1. Манфиатҳои геополитикӣ барои давлати Тоҷикистон аҳаммияти бузург доранд, зеро онҳо ба амнияти ҳудудӣ, нуфуз ва қудрати сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва мавқеи минтақавию байналхалқии он алоқаманданд. Онҳо ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои Тоҷикистон, ҳамкории он бо дигар кишварҳо ва ташаккули сиёсати хориҷии онро муайян мекунанд;

2. Тоҷикистон кӯшиш карда истодааст, ки манфиатҳои геополитикиро тавассути амалҳои гуногун, аз қабили таҳияи ҳадафҳои стратегӣ, бунёди механизмҳои тавлиди энергия, саноатикунонии босуръат ба хотири нуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ пайдо намудан, бастани шартномаҳои байналмилалӣ, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ, таҳким ва такмили асосҳои ҳарбиву қудратии давлат ба хотири ҳифзи якпорчагии давлати Тоҷикистон таъмин кунад. Дар ин росто зарурат ба васеъ намудани доираи нуфузи иқтисодӣ ва сиёсӣ пеш омада, манфиатҳои миллии худро дар сатҳи доктринавии геополитикӣ ҳифз намудан муҳим мебошад, ки сухан дар бораи назорати ҳудудҳои аз нигоҳи стратегӣ муҳим, захираҳо ва роҳҳои асосии инкишофи иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ меравад;

3. Барои Тоҷикистон манфиатҳои геополитикӣ дар соҳаи иқтисодӣ низ муҳиманд. Барои дастрасӣ ба захираҳо, бозорҳо ва масирҳои нақлиёте, ки ба давлат бартарии рақобатӣ медиҳанд, кӯшишҳо анҷом дода шавад. Тоҷикистон метавонад дар заминаи назорат ва истифодаи бомуваффақонаи захираҳои энергетикӣ, маъданҳо, замин ва роҳҳо қудрати геополитикии минтақавӣ ва мегаминтақавӣ гардад;

4. Манфиатҳои геополитикӣ инчунин ба таъсири сиёсӣ ва амният алоқаманданд. Тоҷикистон барои ҳифзи манфиатҳои худ ва таъмини амнияти онҳо ба созмон додани иттифоқҳо, шарикиҳо ва ҳамгироиҳои низомиву қудратӣ, ки дар доираҳои самаранокӣ ба амал бароварда мешаванд, кӯшиш намояд. Масалан, «Давлатҳо, асосан дар шароити муосири мусаллаҳшавӣ ва мустаҳкам намудани заминаҳои низомию қудратии таъмини амният ва истиқлолият интегратсияи низомию қудратӣ ва ҳамкориҳои мудофиавиро дар заминаи пайвастагиҳои идеологӣ, миллию фарҳангӣ ва тамаддунӣ ба эътибор гирифта истодаанд. Масалан, кӯшиши баъзе давлатҳо барои таъсиси иттиҳодияи ҳарбии байнидавлатӣ ба хотири нуфуз пайдо кардани қудрати сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон вобаста ба алоқаҳои миллию нажодӣ ва фарҳангӣ ба назар расида истодааст» [1, 215];

5. Манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон метавонад бо назорати фазои идеологӣ ва иттилоотӣ низ асос ёбад. Шароити рӯёрӯии идеологияҳо, ҷангҳои иттилоотӣ ва тахрибкориҳову таҳмилкориҳои мафкуравӣ баҳси назорати фазои иттилоотӣ ва идеологиро муҳим мешуморад. Идеяи асосии усулҳои ғайриҳарбии мубориза барои фазои коинот аз «бор» кардани симои барномарезишавандаи ҷаҳон ва ба ҳамин, тобеъ гардонидани тамоми системаи назорати иттилоотии он вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, таъсири иттилоотӣ-кибернетикӣ метавонад иқтидори асосии геополитикии давлат – тафаккури миллӣ, фарҳанг, маънавиёти мардумро тағйир диҳад. Ва қудратҳои бузургтари таъсиррасонро неруи геополитикӣ бахшад.

6. Манфиатҳои геополитикӣ барои Тоҷикистон асоси ташаккули стратегия ва сиёсати давлатӣ мебошанд. Қудрати геополитикӣ имкониятро барои таъсир расонидан ба «фазои бузург», ба дигар давлатҳо, раванди тараққиёти иқтисодии минтақавӣ ва глобалӣ, устувории сиёсӣ ва рушди байналхалқӣ фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи стратегияи муассири геополитикӣ барои Тоҷикистон, ки кӯшиши манфиатҳои худро таъмин карданро дорад ва ба ҳадафҳои худ дар арсаи байналмилалӣ ноил гардад, вазифаи муҳим аст.

Яке аз омилҳои асосии фундаменталие, ки ба манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, равандҳои глобаликунонӣ ва ҳамгироиҳои байналмилалӣ мебошанд. Глобаликунонии сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил додани фазои ҷаҳонӣ ба як минтақаи ягонаест, ки дар он иттилоот, молҳо, хизматрасонӣ ва сармоя озодона ҳаракат мекунанд, дар он ғояҳо озодона паҳн мешаванд ва интиқолдиҳандагони онҳо озодона ҳаракат мекунанд, рушди институтҳои муосирро таъмин мекунанд ва механизмҳои ташаккули онҳоро заминагузорӣ менамоянд. «Дар натиҷаи васеъ гардидани фаъолияти ширкатхои транснатсионалӣ ва гардиши капитал тадриҷан сарҳадоти иқтисодӣ дар байни давлатҳои алоҳидаи миллӣ аз байн меравад. Институтҳо ва ташкилотҳои зиёди молиявии байналмилалӣ амал менамоянд» [4, 77].

Дар баробари ин глобаликунонии тамаддун, фарҳанг ва идеология, глобалӣ гардидани хатару таҳдидҳои террористиву экстремистӣ ва канораи иртиҷоӣ, низ бахше аз раванди глобаликунониро ташкил медиҳад, ки ба манфиатҳои геополитикии давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Тоҷикистон хатарӣ воқеӣ доранд. Таҳияи консепсияҳо ва доктринаҳои сиёсию геополитикӣ, ки гегемонизми навинро ифода мекунанд, воқеияти манзараи сиёсии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Хатарнок будани ҷаҳони глобалӣ аз натиҷаи фаъолияти худи инсон, мактабҳои илмӣ, давлатҳо, гурӯҳҳои сиёсии молиявию иқтисодии байналмилалӣ бармеояд

Муҳиммияти манфиатҳои геополитикӣ барои Тоҷикистон ин аст, ки онҳо дар ташаккули сиёсати хориҷӣ нақши муҳим доранд, стратегия ва афзалиятҳои давлатро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунанд. Бояд ба эътибор гирифт, ки манфиатҳои геополитикӣ ҳамчунин манбаи шиддат ва ихтилофҳои байни давлатҳо шуда метавонанд, вале дар баъзе мавридҳо асоси ҳамкорӣ ва инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат ва мавқеъ асосноккунии конститутсионӣ дар шароити Тоҷикистон пайдо намудааст. Масалан, дар моддаи 11 – уми Конститутсияи Тоҷикистон муқаррароти «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароям, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд» [6, м. 11] хосияти расмии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо намудаст, ки ин аз афзалияти ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дар ҳошияи он ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии субъективии Тоҷикистон дарак медиҳад.

***Омилҳое, ки манфиатҳои геополитикии Тоҷикистонро муайян мекунанд.*** Дар боло ишора намудем, ки манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон маҷмуи ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегии он мебошанд, ки тавассути мушаххас намудани стратегияи давлатӣ дар асосҳои консепсиявию доктринавӣ ба онҳо ноил мегардад. Ҳангоми муайян кардани манфиатҳои геополитикии давлат бояд омилҳои гуногун ба назар гирифта шаванд:

– ҷойгиршавии ҷуғрофӣ. Яке аз омилҳои асосии ташаккули манфиатҳои геополитикӣ ҷойгиршавии ҷуғрофии давлат мебошад. Доштани мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ метавонад ба назорат бар масирҳои муҳимми нақлиётӣ, дастрасӣ ба захираҳои табиии аҳаммияти стратегидошта ва назорат бар ҳудудҳои дорои зарфиятҳои баланди рушд мусоидат кунад;

– иқтисодӣ. Манфиатҳои геополитикии давлат метавонад ба имкониятҳои иқтисодӣ ва потенсиали рушди он вобаста бошад. Сарватҳои бойи табиие, ки дар ҳудуди давлат ҷойгир шудаанд, метавонанд объекти таваҷҷуҳи дигар кишварҳо, махсусан давлатҳои абарқудрат ва бозингарони рақобатҳои геополитикӣ бошанд. Ин ҳолат давлатро барои ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ, барои ихтиёрдорӣ намудани ин захираҳо масъул мегардонад;

– омили амниятӣ. Омили мазкур барои Тоҷикистон ҳангоми муайян ва ҳимоя кардани манфиатҳои геополитикӣ муҳим аст. Давлат метавонад барои таъмини амният, ҳифзи манфиатҳои миллӣ кӯшиш кунад, ки нуфузи худро дар як минтақаи муайян нигоҳ дорад ва ҳудудҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимро назорат кунад;

– робитаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ. Равобити таърихӣ ва фарҳангӣ инчунин метавонанд ба манфиатҳои геополитикӣ таъсир расонанд. Тоҷикистон метавонад барои нигоҳ доштани робита бо кишварҳо ё минтақаҳои муайян дар асоси таърих, фарҳанг ва забони муштарак кӯшиш кунанд. Нуфузи таърихӣ-тамаддунии худро таҳким бахшад. Маълум аст, ки талошҳои пайваста ҳамгироёнаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба ҳамин самт равона гардидааст;

– рақобатҳои геополитикӣ. Рақобат байни давлатҳо ва қувваҳои сиёсӣ аз баҳри ихтиёрдорӣ ва назорати фазои Осиёи Марказӣ низ дар муайян кардани манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд. Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки мавқеи худро нисбат ба давлатҳои рақобаткунанда баҳри назорати геополитикаи минтақа аз диди статегӣ муайян кунад, пайдоиши рақибони навро ба инобат мегирад. Дар доираи манфиатҳо амал кардан афзалияти стратегӣ дар шароити муосири инкишофи геополитикии минтақа ва олам пайдо намудааст. Бо ҳамин далел, Тоҷикистон ба консепсия ва тарҳи ҳамзистии осоиштаи низоми муносибатҳо ва рақобатҳои байналмилалии геополитикӣ такя мекунад ва ҷонибдори сулҳ ва амнияти минтақа ва ҷаҳон мебошад;

– қудрати назоратнамоии фазои иттилоотӣ. Геополитикаи ҷадид ба назорати сиёсии «фазои бузург», ки дар он бо прогресси илмиву техникӣ аҳаммияти назорати фазои иттилоотӣ афзудааст, таҳким меёбад. Тоҷикистон бо якчанд далел метавонад таҳкимбахшии қудрати сиёсии худро дар нисбати назорати фазои иттилоотӣ ба амал барорад: а) тақвият ва тавсеаи хатарҳои терроризм ва экстремизми шабакавӣ, б) шиддати тарҳҳои нави мубориза сиёсии рақибони ифротӣ бо истифодаи усули сафарбарнамоии иттилоотӣ ва таҳрики оммавӣ бар зидди ҳукуматҳои миллӣ, в) бархӯрди тамаддунҳо, фарҳангҳо ва омезишёбии фарҳангӣ, г) шиддат гирифтани бегонашавии миллӣ ва тамаддунӣ (манқуртшавӣ), д) ҳуҷумҳои киберӣ ва зарурати мустаҳкамии артиши киберӣ ва ғ.

***Хулоса.*** Метавон гуфт, ки «фазои бузург» асоси давлат ва бунёди қудрати он ба ҳисоб меравад. Дар асоси таъкидҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат: «Дар ҷараёни глобализатсия ва бархӯрдҳои шадиди геополитикии ҷаҳони имрӯза оини давлату давлатдории миллии хешро нигоҳ дошта тавонистан, истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатро зина ба зина устувор намудан масъулияти таърихии наслҳои имрӯзаву оянда аст», ки ифодаи пурталотумии ҷаҳони глобалӣ, бархӯрди таммаддунҳо, зиддиятҳои геополитикӣ аст, зарурати ҳимояи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб мекунад [8].

Таҳияи мақолаи мазкур ба эҳсоси фарзандӣ ва шаҳрвандӣ бо орзуе дар нисбати Тоҷикистон ҳамчун давлати дорои нуфузи геополитикии минтақавӣ ва мегаминтақавӣ асос ёфтаст, мебошад. Рушди Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои қудрати сиёсии он аз мушаххассозӣ, дарк ва ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ вобастагии калон дорад. Барои

давлати мо ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ ҳамчун як воҳиди ҳудудӣ – сиёсӣ ва ҳамчун як ҷомеаи муайяни фарҳангиву таърихӣ ва тамаддунӣ муҳим аст. Барои Тоҷикистон манфиатҳои геополитикӣ омили асосии муайянкунандаи вазъият дар сиёсати ҷаҳонӣ ва рақобати геополитикии байни давлатҳо бояд дарк карда шавад. Дарк ва таҳлили онҳо ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳои инкишофи воқеияти миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқиро амиқтар фаҳмем ва оқибатҳои эҳтимолии онҳоро пешгӯйӣ кунем.

**АДАБИЁТ:**


1. Асламзода Н. Таҳкими заминаҳои низомию қудратӣ – омили асосии таъмини амният ва истиқлолияти Тоҷикистон // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (12-уми майи соли 2021). –Душанбе, 2021. – С. 210-219.
2. Вялых В.В., Лазаров С. А. Политический аспект концепции географического детерминизма // Дискуссия. Журнал научных публикаций. № 2 (54) – Февраль 2015. – С. 20 – 24.
3. Зокиров Г.Н. «Хуросони Бузург» (Доктринаи геополитикӣ). – Душанбе: «Империал – Групп», 2021. – 160 с.
4. Зокиров Г.Н. Геополитика. – Душанбе: «Эҷод», 2009. – 324 с.
5. Киссинджер Г. "Нужна ли Америке внешняя политика?" Пер. с англ. под ред. В.Л. Иноземцева. - М.: Научно-издательский центр "Ладомир", 2002, - 352 с.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 101 с.
7. Паёми табрикӣ ба шарафи 57-солагии Иди Ғалаба бар фашизм. [Захираи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6672 (санаи муроҷиат: 05.11.2024 с.)
8. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 31-солагии истиқлоли давлатӣ (08.09.2022 07:00, шаҳри Душанбе) [Захираи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/29081 (санаи муроҷиат: 05.11.2024 с.)
9. Сивков К.В. Геополитические интересы России в XXI веке // Управление мегаполисом. 2008. № 2. – С. 176-183.

УДК 911.3:32

## ГЕОПОЛИТИКАИ ОБ

**НАЗРИЕВ К.**
*Муовини сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллиф талош намудааст, то масъалаи марбут ба геополитикии обро вобаста ба воқеияти кунунии олам дар заминаи таълимотҳои геополитикӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар навбати аввал ҷойгоҳи об дар дунёи сиёсат баррасӣ гардида, омили обӣ – гидрофактор дар ташаккули раванду тамоюлҳо дида баромада мешавад. Муаллиф масъалаи детерменизми географиро дар меҳвари таҳлил қарор дода, ҷойгоҳи обро дар ташаккули тамаддунҳои бостонӣ исбот менамояд. Махсусан таваҷҷуҳи асосӣ ба талласократия равона гардида, назорати фазои обӣ аз ҷониби абарқудратҳо дар гузаштаи таърихӣ ва шароити муосир арзёбӣ мегардад. Ҷойгоҳи Тоҷикистон дар масъалаи марбут ба об ва диломатияи об вобаста ба воқеияти кунунӣ таҳлил шуда, дастовардҳои сиёсати хориҷии кишвар дар робита ба истифодаи самараноки захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ гардиданд.*

**Калидвожаҳо**: *геополитикаи об, дипломатияи об, детерменизми географӣ, гидрофактор, захираҳои об, назорати фазои обӣ, талассократия, нерӯҳои дарёӣ.*

## ГЕОПОЛИТИКА ВОДЫ

**НАЗРИЕВ К.**
*Заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан*

*В данной статье автор пытается рассмотреть геополитику воды в контексте современной глобальной реальности, опираясь на геополитические и политические доктрины. В первую очередь, автор исследует место воды в мире политики и роль водного фактора — гидрофактора — в формировании процессов и тенденций. Автор фокусируется на географическом детерминизме, демонстрируя роль воды в формировании древних цивилизаций. В частности, автор рассматривает талассократию, оценивая контроль над водными ресурсами со стороны сверхдержав в историческом прошлом и современном контексте. Позиция Таджикистана в отношении воды и водной дипломатии анализируется в контексте современной реальности, а также оцениваются достижения страны во внешней политике в области эффективного использования водных ресурсов в регионе и в глобальном масштабе.*

**Ключевые слова:** *геополитика воды, дипломатия воды, географический детерминизм, гидрофактор, водные ресурсы, контроль над водными ресурсами, талассократия, речные силы.*

## THE GEOPOLITICS OF WATER

**NAZRIEV K.**
*Deputy Head of the Department for Analysis and Forecasting of Domestic Policy of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan*

*In this article, the author examines the geopolitics of water in the context of contemporary global reality, onuebases of geopolitical and political doctrines. Primarily, the author examines the place of water in the world of politics and the role of the water factor—the hydrofactor—in shaping processes and trends. The author focuses on geographical determinism, demonstrating the role of water in the formation of ancient civilizations. In partiular, the author examines thalassocracy, assessing the control of water resources by superpowers in the historical past and the contemporary context. Tajikistan's position on water and water diplomacy is analyzed in the context of*

*contemporary reality, and the country's foreign policy achievements in the area of efficient water resource use in the region and globally are assessed.*

**Keywords:** *geopolitic of water, water diplomacy, geographical determinism, hydrofactor, water resources, water control, thalassocracy, river forces.*

**Муҳиммияти об: гидрополитика**

Об ба таври суннатӣ яке аз муҳимтарин захираҳо ҳисобида мешавад, ки дастрасии кофӣ бояд ба он таъмин карда шавад. Он мустақиман бо амнияти озуқаворӣ, бахусус кишоварзӣ алоқаманд буда, ба ҳама намудҳои саноат (зеро об барои доираи васеи давраҳои истеҳсолӣ, аз эҳоди нимноқилҳо то кори таҷҳизоти стандартӣ зарур аст) ва ба истеҳсоли нерӯи барқ таъсир мерасонад.

Агар мушкилот дар дастрасӣ ба манбаъҳои об ба миён ояд, ин ба таври худкор ба оқибатҳои манфӣ, аз қабили муҳоҷират, эпидемияҳо, коҳиши вазъи иқтисодӣ ва низоъ оварда мерасонад. Дар ин робита, мафҳуми гегемонияи об дар заминаи соҳибихтиёрии давлатӣ (ё аниқтараш, робитаи байни давлатҳои гуногун ва манфиатҳои миллии онҳо) пайдо шудааст. Гидрогегемония гегемония дар сатҳи ҳавзаи дарё аст, ки тавассути стратегияҳои идоракунии захираҳои об, аз қабили ҷалби захираҳо, ҳамгирoӣ ва маҳдуд кардани онҳо ба даст оварда мешавад.

Об ба нафти нави асри XXI – ба захираи стратегӣ табдил ёфтааст, ки метавонад ҳам давлатҳоро муттаҳид кунад ва ҳам низоъҳоро ба вуҷуд орад. Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ торафт бештар дар маркази «тангнои обӣ » қарор мегиранд, ки дар он ҷо инфрасохтори кӯҳна, шаҳрнишинӣ ва тағирёбии иқлим таҳдиди наверо ба вуҷуд меоранд.

Бешубҳа, об дар асри XXI ба як захираи стратегӣ табдил ёфтааст. Ин на танҳо сабаби ҷанг аст, қудрати харобиовари он аллакай дар ҷанг истифода шудааст.

Низоъ байни кишварҳо ба таври возеҳ нишон дод, ки чӣ гуна обро на танҳо ҳамчун «casus belli», балки ҳамчун захираи ҳаётан муҳим низ истифода бурдан мумкин аст. Гидрополитика тадриҷан дар баробари геополитика ҷойгоҳ пайдо мекунад.

Бо доштани замин ниёз ба ҷараёни об афзоиш меёбад. Пеш аз ҳама, ҷараёни оби ширин: ҳам булӯрӣ шаффоф ва ҳам камтар шаффоф, аммо барои обёрии заминҳои кишоварзӣ мувофиқ аст. Бидуни об, амнияти озуқаворӣ таъмин карда намешавад.

Тибқи гузориши нав, ки аз ҷониби аъзоён ва шарикони СММ-Об таҳия ва аз ҷониби ЮНЕСКО нашр шудааст, 2,2 миллиард нафар то ҳол бе дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ зиндагӣ мекунанд ва 3,5 миллиард нафар ба санитарияи бехатар дастрасӣ надоранд. Ҳадафи СММ оид ба таъмини чунин дастрасӣ барои ҳама то соли 2030 ҳанӯз амалӣ нашудааст ва нигарониҳо вуҷуд доранд, ки ин нобаробарӣ метавонад минбаъд низ густариш ёбад.

Аз соли 2002 то 2021 беш аз 1,4 миллиард нафар аз хушксолӣ осеб дидаанд. То соли 2022, тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон ҳадди аққал як қисми сол бо мушкилоти шадиди об рӯбарӯ шуданд ва як чоряки онҳо бо сатҳи «ниҳоят баланди» бо мушкилоти об дучор гардиданд ва беш аз 80 фоизи захираҳои солонаи оби тозаи худро аз манбаъҳои барқароршаванда истифода мебурданд. Пешгӯӣ мешавад, ки тағйирёбии иқлим басомад ва шиддати ин ҳодисаҳоро афзоиш медиҳад ва хатари шадидеро барои суботи иҷтимоӣ эҷод мекунад.

Одри Азуле, Директори генералии ЮНЕСКО изҳороти хосе дорад: «Дар ҳар куҷое, ки зиндагӣ мекунем, ҳамаи мо то андозае ба кӯҳҳо ва пиряхҳо вобастаем. Аммо, ин бурҷҳои оби табиӣ дар зери хатар қарор доранд. Ин гузориш зарурати чораҳои зарурирo таъкид карда, нишон медиҳад, ки роҳҳои ҳалли муассиртарин равиши бисёрҷонибаро талаб мекунанд» [3].

**Об ва ташаккули тамаддунҳо: гидрофактор**

Таърихшиносон бар он ақидаанд, ки аввалин ҳакими юнонӣ, Фалеси Милетӣ, ки дар охири асри 7 то аввали асри 6 пеш аз милод зиндагӣ карда буд, бо эътиқоди коҳинони Миср ошно буд ва ба Ҳомер эҳтиром мегузошт. Ӯ ба хулосае омад, ки «Замин

дар рӯи об шино мекунад» ва «об ҷавҳари ибтидоӣ аст ва аз ин рӯ асоси моддии ҳама чизро ташкил медиҳад». Ӯ инчунин бо суханони машҳур гуфта буд: «Шумо наметавонед ду маротиба ба як дарё ворид шавед, зеро шуморо обҳои нав шуста хоҳанд кард».

Ба гуфтаи Арасту, далелҳои Фалес барои ин хулоса хеле ҷолиб буданд: ҳама мавҷудоти зинда ғизои дорои обро истеъмол мекунанд; гармӣ аз намӣ ба вуҷуд меояд ва аз ҷониби он нигоҳ дошта мешавад; тухми ҳама мавҷудоти зинда намнок аст. Ҳакими юнонӣ инчунин андешаҳои монандро дар бораи табиати дарёҳо ва чашмаҳо баён карда, бовар дошт, ки оби бахр бо шамол ба қаъри замин ворид мешавад ва сипас, зери фишори санг, ба боло мебарояд ва чашмаҳо ва дарёҳоро ғизо медиҳад.

Матнҳои муқаддаси зардуштӣ дорои ишораҳои сершумор ба об ва худоёни об мебошанд. Мувофиқи таълимоти зардуштӣ, об унсури пок, мисли оташ буд. Яке аз китобҳои муқаддаси зардуштӣ, Бундаҳишн, ки офариниш ва сохтори ҷаҳони зардуштиро тавсиф мекунад: «аввал об офарида шудааст ва аз он ҳама чиз пайдо шудааст». Об дар сохтори ҷаҳонбинии ориёӣ мақоми мушаххасе дошт: он «ҳама чизеро, ки дар зери ин замин буд, фаро мегирифт». Мувофиқи ҷуғрофияи афсонавии зардуштӣ, кӯли Ворукаша – манбаи ҳама обҳои заминӣ – дар маркази сатҳи Замин, дар наздикии кӯҳи Ҳара ҷойгир аст.

Қабилаҳои эронӣ аҳаммияти аввалиндараҷаи обро дар парастиши ҳосилхезӣ медиданд. Дар Авесто дар байни ҳафт худои олии зардуштӣ (Амеша Спента), як ҷуфти илоҳӣ вуҷуд дошт, ки аъзоёнаш рамзи об — Хаурватат (Рӯҳи об) — ва растанӣ — Амератат (Рӯҳи растаниҳо) буданд. Вазифаҳои онҳо идоракунии ҳама обҳо ва растаниҳоро дар бар мегирифтанд.

Ғайр аз ин, дар асотири эронӣ олиҳаи махсуси об ва ҳосилхезӣ - Ардвисура Анаҳита тасвир шудааст. Дар Авесто - Яшт панҷум - суруди махсус ба ӯ бахшида шудааст. Он «Абон Яшт» (Суруди обҳо) ном дорад. Дар он Ардвисура Анаҳита ҳамчун«бепоён», «баробар ба дарозии ҳамаи обҳое, ки дар ин ҷо дар рӯи замин ҷорист» тавсиф шудааст. Вай мустақиман бо ҳосилхезӣ алоқаманд аст, зеро маҳз ӯ «тухми ҳамаи шавҳаронро парвариш медиҳад» ва «бачадони ҳамаи занонро барои таваллуд омода мекунад». Дар суруди Ардвисура Анаҳита ҳамчун «духтари зебо, қавӣ ва лоғар, қоматбаланд, ростқавл ва аз зодгоҳи ашроф» тасвир шудааст.

Ба лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, Осиёи Миёна ба ҷаҳони эллинистӣ ҷалб карда шуд, ки боиси пайдоиши синтези аҷиби фарҳангҳои юнонӣ ва шарқӣ гардид. Намунаҳои ин синтез, ки бо унсури об алоқаманданд, аз ҳафриёт дар Бохтар маълуманд. Ҳамин тариқ, эҳтимол дорад, ки худои аслии бохтариён (эронӣ)-и дарёи Аму – Оксус дар юнонӣ, Вахш дар эронӣ – ба маъбади оташи Тахти-Сангин, ки дар замони Ҳахоманишиён сохта шуда буд, бахшида шуда бошад.

Об омили калидӣ дар геополитикаи тамаддунҳои бузург аст, зеро мавҷудият ва назорати он рушди кишоварзӣ, тиҷорат ва бартарии низомиро муайян мекунад. Аз нигоҳи таърихӣ, тамаддунҳо дар атрофи захираҳои об, аз қабили дарёҳо (масалан, Месопотамия ва Миср) ва роҳҳои бахрӣ пайдо ва рушд мекарданд, қудрати иқтисодӣ ва сиёсии онҳоро ташаккул медоданд. ***Геополитика меомӯзад, ки чӣ гуна назорат бар захираҳои табиӣ, аз ҷумла об, ба муносибатҳои байни давлатҳо таъсир мерасонад ва чӣ гуна захираҳои об ба объекти рақобати стратегӣ табдил меёбанд***. Вобаста ба ин ҷиҳатҳои зерин зарур ва қобили аҳаммиятанд:

1. Пайдоиши тамаддунҳо: Бузургтарин тамаддунҳои қадим дар водиҳои дарёҳо (масалан, Нил, Даҷла ва Фурот) пайдо шудаанд, ки дар он ҷо об кишоварзӣ ва афзоиши аҳолиро таъмин мекард;
2. Тиҷорат ва нақлиёт: Роҳҳои бахрӣ ва дарёҳои калон ба рагҳои асосии тиҷорат табдил ёфта, рушди иқтисодӣ ва густариши давлатро таъмин мекарданд;
3. Аҳаммияти низомӣ: Назорати захираҳои об ва роҳҳои коммуникатсионӣ барои амалиётҳои низомӣ муҳим буда, имкон медод, ки ҳаракати қӯшунҳо назорат карда шавад;

4. Геополитикаи муосир: Захираҳои об имрӯз ҳам объекти рақобати геополитикӣ боқӣ мемонанд, зеро камёбӣ ё назорати онҳо метавонад ба манбаи низоъ ва воситаи стратегии таъсир табдил ёбад.

Тамаддунҳои бузург на танҳо дар гӯшаҳои ҷаҳон дар наздикии бузургтарин дарёҳои ҷаҳон – Янсзи ва Зард (Хуанхе), Ҳинд ва Ганг, Даҷла ва Фурот ва Нил пайдо шуда, инкишоф ёфтааст. Ин як пешрафти бузурги тамаддунӣ буд, ки ҷомеаи қадим бо ҳамоҳангӣ бо унсури об ба даст овардааст. Дар робита ба мулоҳизаи мазкур Л. И. Мечников қайд менамояд: «Ғайр аз таъсири мустақими худ, шароити мураккаби табиӣ ба ҳаёти иҷтимоии инсон бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонад ва рушди ҳамбастагӣ ва кӯмаки мутақобила байни одамонро ташвиқ ё монеъ эҷод мекунад. Масалан, шаршараҳо, тундобҳо ва ҷараёнҳои рӯдхонаҳои калон (Нил, Конго, Замбези ва Норанҷӣ) - аз сабаби сохтори рӯизаминии худ ва паҳнкӯҳҳое, ки яке дар болои дигаре ҷойгиранд - кофӣ буданд, ки дохили қитъаи торикро барои таъсири фарҳангӣ ногузар гардонанд. Фарҳанги дар поёни водии Нил пайдошуда танҳо пас аз тай кардани як роҳи бузурги каҷравӣ тавассути Баҳри Миёназамин, Атлантик, Амрико, Укёнуси Ором ва  Ҳинд ба минтақа дар манбаи дарё ворид шуд» [3, 278]. «Чаҳор фарҳанги қадимии бузургтарин ҳама дар соҳилҳои дарёҳои бузург пайдо ва инкишоф ёфтаанд. Дарёи Зард ва дарёи Янсзи минтақаеро, ки тамаддуни Чин дар он пайдо ва рушд кардааст, обёрӣ мекунанд; фарҳанги ҳиндӣ ё ведӣ аз ҳавзаҳои Ҳинд ва Ганг берун намерафт; тамаддуни Ашшур-Бобил дар соҳилҳои Даҷла ва Фурот — ду хатти ҳаётбахши водии Месопотамия — пайдо шудааст; ва ниҳоят, Мисри Қадим, чунон ки Ҳеродот иддао кардааст, «тӯҳфа» ё «офариниш»-и Нил буд» [3, 180].

Нақши геополитикии дарёҳо дар рушди тамаддунҳои қадим таъмини рӯзгор, кишоварзӣ, тиҷорат ва нақлиётро дар бар гирифта, ба ташаккули аввалин давлатҳо ва марказҳои қудрат мусоидат мекарданд. Дарёҳо ғизо ва захираҳоро таъмин карда, инчунин ҳамчун марзҳои табиӣ ва роҳҳои тиҷоратӣ хидмат мекарданд ва ба муносибатҳои геополитикии байни тамаддунҳо дар водиҳои дарёҳо, ба монанди Мисри Қадим (Нил), Байнаннаҳрайн (Даҷла ва Фурот), Чини Қадим (Янсзи ва Хуанхе) ва тамаддуни водии Ҳинд (Ҳинд) таъсир мерасонданд [4].

Дарёи Биҳишт – Нил. Соҳилҳои ин дарозтарин дарё дар ҷаҳон макони се тамаддун буданд: Мисри қадим, Нубӣ ва Кушит. Қисми болоии Нил тамаддунҳои Ҳабашистон, Судони Ҷанубӣ ва Угандаро ташаккул додааст.

Мардуми Африқо дар бораи Нил бисёр қиссаҳои аҷибе офаридаанд. Машҳуртарини онҳо ривояти пайғамбар Мусо аст, ки дар сабаде, ки дар Нил шино мекард, ёфт шудааст. Мисриёни қадим Нилро ҳамчун худо парастиш мекарданд ва ҳатто «тӯйҳо»-и онро бо духтарони зинда ташкил карда, ҷашн мегирифтанд.

Дар асотири Мисри қадим, гуфта мешавад, ки дарё аз биҳишт сарчашма мегирад. То имрӯз, маросимҳои махсуси марбут ба Нил дар деҳоти Миср ва Судон ҳангоми ҷашнҳои хатна ва тӯйҳо баргузор мешаванд.

Дарёи Боғи Адан – Фурот. Яке аз бузургтарин дарёҳо дар Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва бузургтарин дарё дар нимҷазираи Араб, он қадимтарин тамаддунҳо – Ошур ва Бобилро ба вуҷуд овард. Сокинони ин кишварҳо Фуротро Мандай меномиданд. Дарёро ҳамчун худо парастиш мекарданд ва ворид шудан ба динҳои маҳаллӣ тавассути як навъ «таъмид» дар Мандайҳо сурат гирифт.

Тибқи ривоятҳои асотирӣ Фурот яке аз дарёҳое буд, ки аз Адан, боғи Адан, ки дар он Одам ва Ҳавво зиндагӣ мекарданд, ҷорӣ мешуд. Ин ривоят дар асотири исломӣ низ қайд шудааст. Дар ҳадисҳои динӣ-исломӣ Фурот ва Нил аз ҷумлаи дарёҳои биҳиштӣ хонда мешаванд.

Дарёи илоҳӣ – Ганг. Яке аз бузургтарин дарёҳои Осиё аз дашти Ганг дар шимоли Ҳиндустон ҷорӣ мешавад ва дар Бангладеш ба охир мерасад. Ганг 2510 километр дарозӣ дорад. Манбаи дарё дар Ҳимолойи Ғарбӣ ва даҳонаш дар халиҷи Бенгал аст. Ҳиндуҳо

Гангро таҷассуми худо медонанд ва дар соҳилҳои он маросимҳои гуногуни муқаддасро анҷом медиҳанд.

Тарве маълум гардид, тамаддунҳои гузашта дар соҳилҳои дарёҳо ташаккул ёфтанд. Л. Мечников ба таври барҷаста исбот мекунад, ки омили обӣ дар ташаккули рушди давлатҳову тамаддунҳо муассир аст. Вале чаро доир ба ташаккули тамаддун дар Осиё ва махсусан дар Осиёи Марказӣ, ки аз қадимулайём ду рӯдхонаи бузург ҷорӣ гардидааст, муҳаққиқ чизе намегӯяд? Магар тамаддуни ориёӣ, кишварҳои Пешдодиён, Каёниён ва хосатан давлатҳои Суғд, Бохтар дар ин ҳавза ташаккул наёфтанд? Мутассифона Л. Мечников, ки доир ба тамаддунҳои дунё бо дарназардошти гидрофактор мулоҳизаҳо ба миён меорад, дар масъалаи тамаддуни ориёӣ ва дарёи Сиру Ому тибқи «чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд» муносибат намудааст [4]. Ба тадриҷ масъалаи мазкурро дида мебароем. Доир ба масъалаи дарёҳои Ому ва Сир, ки Л. Мечников онҳоро чун Окс ва Яксарт истифода намудааст, чунин навишта дорад: «...Ин ҳавзаи дарёи бузург ва бемаҳдуд аз худи Осиёи Марказӣ хеле дуртар меравад...ҷараёни обе, ки аз нишебиҳои шимолӣ ва шимолу шарқии Ҳиндукуш, Помир ва Тян-Шон ҷорӣ мешаванд, ба ҳам пайваст шуда, ду дарёи калон ва машҳури таърихӣ ташкил медиҳанд: Окс (Амударё) ва Яксарт (Сирдарё), ки қисми зиёди дарозии худро аз пастиҳо мегузаронанд. Ҳарду дарё аз минтақаи кӯҳистонӣ баромада, хусусияти ҷараёни кӯҳии худро аз даст дода, ба минтақае ворид мешаванд, ки дар давраи сеюмӣ онро баҳри бузурги дохилӣ пӯшонида буд ва Аврупоро аз Осиё ҷудо мекард ва ҳоло хушк шудааст. Аз сабаби нишебии хеле нарми замин, оби Сирдарё ва Амударё хеле суст ҷорӣ мешаванд ва тадриҷан ба регҳои биёбон нопадид мешаванд ва аксар вақт ҳатто самти онро тағйир медиҳанд» [3, 202].

Дар мулоҳизаи дигар Л. Мечников бевосита ба ташаккули тамаддун тибқи омили обӣ дар Осиёи Марказӣ мепардозад: «Оё баландии Осиёи Марказӣ дар баробари водиҳои Окс ва Яксарт қисми қаламрави тамаддунҳои дарёӣ ҳастанд? Ҷавоб додан ба ин савол хеле душвор аст. Аз бисёр ҷиҳат, ин минтақа сазовори таърифи «*сарзамини ҷомеаҳои ибтидоии ваҳшӣ*» аст. Дар ҳақиқат, ҳатто агар мо марзҳои шимолии тамаддунҳои бузурги қадимро васеъ кунем, ҳатто агар мо Суғдиён ва Бохтарро ба минтақаи Осиёи Марказӣ дохил кунем, мо то ҳол наметавонем инкор кунем, ки ҳам баландии Осиёи Марказӣ ва ҳам пастии ҳамшафати ҷанубу ғарбӣ то ҳол танҳо ҳамчун як соҳаи зиндагии чорводорӣ ва кӯчманчӣ хизмат мекарданд. Дуруст аст, ки кӯчманчиён, ки дар ин минтақа маскан гирифтаанд, борҳо кӯшиш кардаанд, ки дар ҳаёти таърихии башарият фаъолона иштирок кунанд, аммо ҳамаи ин кӯшишҳо, ба монанди пайдоиши ногаҳонии онҳо дар таърих дар баробари Аттила, Чингизхон ва Темурланг дар асрҳои торики муҳоҷиратҳои аввал, инчунин дар асрҳои таърихи Аврупо, ҳамеша хусусияти ғоратгарии ваҳшиёна доштанд, ки бо куштори оммавӣ ҳамроҳ буд» [3, 202].

Аммо, сабабе вуҷуд дорад, ки бовар кунем, ки дар давраи муайяни таърихӣ пеш аз пайдоиши тамаддуни ориёӣ дар Панҷоб, кишвари байни кӯҳҳои Ҳиндукуш ва он ҷое, ки ҳоло баҳри Каспий аст, маркази тамаддуни худро дошт, ки мустақилона аз чор тамаддуни бузурги қадимии дар боло зикршуда ба вуҷуд омадааст. Давраи ибтидоии таърихи Бохтар дар чунон ҷудоии комил сурат гирифт, ки аз он ягон нишоне боқӣ намондааст. Аммо маълум аст, ки дар он ҷо ориёиҳои ғарбӣ ибтидои тарбияи фарҳангиро гирифтанд ва дар он ҷо дини олии Зардушт ба вуҷуд омад, ки хеле пеш аз стоикҳо ва масеҳият бори аввал баробарии ҳамаи одамонро дар рӯи Замин, бародарии онҳоро дар меҳнат ва ҳуқуқҳои баробари онҳоро ба баракатҳои сулҳ ва тамаддун эълон кард.

Аз ин рӯ, Окс ва Яксарт бояд дар байни дарёҳои фарҳангӣ-таърихӣ ҷойгоҳе дошта бошанд, аммо азбаски онҳо ба баҳри воқеии дохилӣ, ки ба уқёнус пайваст аст, роҳ надоштанд, тамаддуни онҳо тавонист танҳо ба таври ғайримустақим ба ганҷинаи умумии башарият ҳамроҳ шавад ва кудрат ва забтҳои худро ба тамаддуни пуриқтидори водии Месопотамия дод. Минтақаҳои Окс ва Яксарт то асри ҳафтуми пеш аз милод барои

таърих номаълум боқӣ монданд, вақте ки аввалин тӯдаҳои муҳоҷирон аз Бохтар, ҳамчун пешсафи артишҳои сершумори муҳоҷирони оянда, ба Форс ҳамла карданд.

Вале таърихи тамаддун дар Осиёи Миёна ва махсусан Варорӯдро ба амалкарди Аттила, Чингизхон пайваста карда, баъд онро баҳогузорӣ кардан саҳеҳ нест. Сониян, зарур ба қайд аст, ки Сир Омӯ, баъдан Окс ва Яксарт, Ҷайҳун ва Сайҳун дар таърихномаҳо сабт шуда, ташаккули давлату тамаддунҳои куҳан хоси рушди таърихии ин сарзамин буданд, ки дар он омили обӣ-дарёӣ ҷойгоҳи асосӣ дорад.

**Назорати обии Замин: талласократия (минтақаи назди соҳил)**

Бо вуҷуди он ки 70% Заминро об фаро гирифтааст, маҳз ҳамин чиз аз ҳама бештар норасоии шадидро эҳсос мекунад. Тибқи ҳисобҳои Хадамоти геологии ИМА, ҳаҷми умумии оби тоза дар Замин тақрибан 10,6 миллион километри мукаабро ташкил медиҳад. Агар он дар як ҷо ҷамъ карда шавад, он кураеро бо диаметри тақрибан 272 километр ташкил медиҳад. Аммо 99% ин об дастнорас хоҳад буд ва камтар аз 1% ин нами ҳаётбахш барои нӯшидан мувофиқ аст [6].

Аз ин рӯ, тамоми таърихи башариятро метавон ҳамчун низои рӯ ба инкишоф дар бораи захираҳои об ва тавассути он дид. Ғайр аз ин, ҳанӯз чор ҳазор сол пеш, норасоии об минтақаҳои низоеро ба вуҷуд меовард, ки беохир мешуданд. Яке аз сабабҳои ҷангҳои Шумер офатҳои табиии марбут ба ҷараёни пешгӯинашавандаи Фурот буданд, вақте ки дарё бо тағйир додани самти худ одамонро ба ҳаёт дар биёбони навтаъсис маҳкум мекард.

Мубориза барои назорати захираҳои об танҳо бо ин мисолҳо маҳдуд намешавад. Кӯчманчиён ҳамеша дар минтақаҳои хушк барои назорати об мубориза мебурданд ва қудратҳои баҳрӣ флотилияҳои бузурги мусаллаҳро ба соҳилҳои душманони худ фиристодаанд. Ин бузургтарин флотилияи Испания буд, ки аз 130 киштии вазнин иборат буд, ки бо номи Армадаи мағлубнашаванда (испанӣ: Armada Invencible) ё Армадаи Бузург ва Шукуҳмандтарин (испанӣ: Grande y Felicisima Armada) маъруф буд ва барои ҳуҷуми Англия дар давраи ҷанги Англия ва Испания (1585–1604) пешбинӣ шуда буд [4].

Пирӯзии Англия бар ин рақиби пурқудрати он ба рушди иқтисодӣ мусоидат кард ва ба он имкон дод, ки худро аз нигоҳи геополитикӣ ҳамчун "маъшуқаи баҳрҳо" муаррифӣ кунад. Тааҷҷубовар нест, ки ҳам бритониёиҳо ва ҳам рақибони геополитикии онҳо дар экспедитсияҳои минбаъдаи баҳрӣ тасвир ва номи Армадаро такрор мекарданд. Стратегия ва тактикаи баҳрӣ пайваста такмил дода мешуданд, ки ин пешрафтҳоро дар киштисозӣ ва киштиронӣ инъикос мекард. Ҳамзамон, назарияҳои бартарии геополитикии қудратҳои баҳрӣ бар қудратҳои хушкӣ пайдо шуданд (Алфред Мэҳен ва дигарон) [1].

Дар шароити муосир назорати баҳрӣ ба яке аз унсурҳои муосири назорати геополитикӣ муҳиммияти хос нисбат ба гузашта касб карда, аз ҷониби кишварҳои абарқудрат дар шаклҳои мухталиф роҳандозӣ карда мешавад. Дар саросари ҷаҳон «назорати баҳрӣ» дар ду маънои асосӣ вуҷуд дорад: бартарии низомӣ дар баҳр ва назорати хатсайрҳои баҳрии стратегӣ. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Чин ва Русия аз ҷиҳати иқтидори низомӣ пешсафанд.

Нерӯҳои баҳрии ИМА дар ҷаҳон аз рӯи киштиҳои ҳавопаймобар (11 то дар соли 2019 дар хизмат буданд) пешсафанд ва пуриқтидортарин ва бузургтарин флоти зериобии ҷаҳонро дорад, ки пурра аз киштиҳои зериобии ҳастаӣ иборат аст. Нерӯҳои баҳрии ИМА гаронтарин киштии зериобии ҳамлаи ҳастаӣ, USS South Dakota-ро бо арзиши 2,7 миллиард доллар (тибқи дигар манбаъҳо, 3,2 миллиард доллар) харидорӣ кардаанд. Киштии зериобии бисёрмақсади синфи Вирҷиния бо 12 мушаки круизии Tomohawk муҷаҳҳаз шудааст. Он дорои пӯшиши махсуси корпуси садоҷазбкунанда ва системаи ҳаракати пастсадо мебошад. Неруҳои баҳрии ИМА киштиҳои ҳавопаймобарро бо дастгоҳҳои ҳавопаймоии бесарнишин муҷаҳҳаз мекунанд.

Нерӯҳои баҳрии Русия аз ҷиҳати шумораи киштиҳо ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба таври назаррас ва шаш маротиба аз Иттиҳоди Шӯравӣ камтаранд, аммо флот бомуваффақият навсозӣ мешавад ва дорои қудрати муассири ҳастаӣ мебошад. Киштиҳои зериобии стратегӣ қувваи зарбазани он мебошанд. Дар соли 2019, Нерӯҳои баҳрӣ аз 72 киштии зериобии синфҳои гуногун иборат буданд (Иттиҳоди Шӯравӣ 250 чунин кишти дошт), аз ҷумла се киштии зериобии синфи Борей — як силсила киштиҳои зериобии мушакии стратегии насли чоруми Русия, ки панҷтои дигар дар ҳоли сохтмон ҳастанд.

Неруҳои баҳрии Чин. Ояндаи наздик метавонад ба ҳукмронии Амрико дар уқёнусҳои ҷаҳон хотима бахшад. Мувофиқи доктринаи баҳрии «оби кабуд»-и кишвар, корпоратсияи саноатии Чин Bohai Shipbuilding сохтмони бузургтарин корхонаи ҷаҳонро барои истеҳсоли оммавии киштиҳои зериобии атомии насли чорум бо истифода аз технологияҳои кам кардани садои ҳаракаткунанда ба анҷом мерасонад. Ин корхона метавонад чор киштии зериобии атомиро ҳамзамон дар ду хатти васлкунии мувозӣ ҷойгир кунад [7].

**Тоҷикистон ва дипломатияи об**

Ҳамон тавре маълум аст, дар сатҳи сиёсати давлатӣ Тоҷикистонро зарур аст, ки бо сабаби мавқеи ҷуғрофии худ дар меҳвари манфиатҳои геополитикии нерӯҳои муқтадири олам қарор гирифтааст, дар шароити мавҷуда ва дар ояндаи наздик ният дорад сиёсати ҳадафмандонаро пеш бурда, минбаъд низ стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаро думбол намояд. Ҳамзамон, чун Тоҷикистон дар қалби Осиё ҷойгир гардида, ба баҳр ва обҳои кушод дастрасӣ надорад ва ҳамчунин дорои захираҳои обии бузург дар минтақа мебошад. Ҳолати мазкур боис мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати махсусро дар ин ҷода роҳандозӣ намояд, то фарогирии манфиатҳои кишвар бошад ва ба кишварҳои поёноб осеб нарасонад.

Вобаста ба ҳолати мазкур ва махсус бавуҷудоии масъалаи гармшавии глобалии иқлим ва ҳалли масъалаи обу иқлим, таъмини дастрасӣ ба оби ошомиданӣ дар сиёсати байналмилалӣ ба меҳвари дипломатияи Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир табдил ёфтааст. Беҳуда нест, ки Дабири кулли СММ Антонио Гутерриш нақши Тоқикистонро дар ин ҷода муассир медонад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои марбут ба захираҳои об ва ҳифзи пиряххо дар ҷаҳон пешсаф аст. Тоҷикистон дар кори Созмони Милали Муттаҳид ва дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ нақшу нуфузи барҷаста дорад».

Мавқеъгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи истифодаи захираҳои обӣ ҳамчун кишвари болооб ба манфиатҳои ҳаётии кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки дар мақоми поёноб қарор доранд, эҳтиром мегузорад ва ин яке аз аслҳои сиёсати сулҳҷӯёна ва инсондӯстонаи Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар партави мавқеи усулии мазкур Тоҷикистон об ва захираҳои марбут ба обро дар ҳеҷ шароит ба сифати объекти низоъ, василаи таҳрим истифода намебарад. Матлаби мазкур дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ифодаи худро ёфтааст: «Дар ин самт, Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад» [2].

Ҳамчунин дар идома «Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обии қаламраваш ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳуқуқи комил дорад. Ин ҳуқуқи худро дар мавриди истифодаи захираҳои обӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи принсипҳои накӯҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ, ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад» [2].

Ҳамин тавр, шинохти масъалаи мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, дар рушди донишҳои геополитикии муосир ва геополитикаи миллӣ мусоидат намуда, дар чорчӯбаи мавқегирии геополитикӣ ҳифзи манфиатҳои миллиро пешниҳод менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Горшков С.Г. Морская мощь государства. 2-е изд. М.: Воениздат, 1979.
2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.
3. Ледники и горы: исчезающие «водонапорные башни» планеты усугубят глобальные кризисы (доклад // https://www.unesco.org/ru/articles/ledniki-i-gory-ischezayuschie-vodonapornye-bashni-planety-usugubyat-globalnye-krizisy-doklad (санаи вуруд: 24.12.2025)
4. Мечников Л.И. Цивилизация и великие исторические реки. Статьи. М.: Пангея, 1995.
5. Махов С.П., Созаев Э.Б. Захватить Англию! Забытые тайны непотопляемого Альбиона. М.: Вече, 2012.
6. How Much Water is There on Earth? // https://www.usgs.gov/water-science-school/science/how-much-water-there-earth# (date of access: 18.02.2026).
7. The 5 Best Navy Powers in the World for 2026, Ranked // https://www.19fortyfive.com/2025/12/the-5-best-navy-powers-in-the-world-for-2026-ranked (date of access: 18.02.2026).

УДК:321

# ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ

**ҚУРБОНОВ А. С.**

*Докторанти PhD-и Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, марҳилаи навини рушди давлатдории Тоҷикистон, махсусан дар давраҳои аввали истиқлоли сиёсӣ инъикос ёфтааст. Масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои таҳкими он вобаста ба раванду ҳодисаҳои замони муосир баррасӣ гардида, таъмини некуаҳволии ҷомеа дар маркази диққати давлат ва институтҳои дигари сиёсӣ қарор дода шудаанд. Самтгирии сиёсати давлатӣ, қабули барномаҳо ва стратегияҳои мушаххас дар замони соҳибистиқлолӣ, ки роҳи минбаъдаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро муайян мекунад, яке аз ҳадафҳои таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Нақши муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба сиёсати иҷтимоии мамлакат инъикос гардида, андешаҳои муҳаққиқони соҳа дар бобати баҳамтаъсиррасониҳо таҳлил ва муқоиса гардидаанд.*

*Ҳифзи истиқлоли сиёсии кишвар дурнамои рушду инкишофи давлатдорӣ бо назардошти таҳаввулоти солҳои охир дар минтақа ва ҷаҳон, дар замина ба Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳқиқ мегардад. Марҳилаҳои нави муносибатҳо бо тағйирёбии рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба давлатҳои миллӣ ошкор ва хулосагирӣ карда шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлоли сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, Паём, муҳоҷирати меҳнатӣ, некӯаҳволии ҷомеа, ҷаҳонишавӣ, равандҳои сиёсӣ, идеология, манфиатҳои миллӣ.*

# ТАДЖИКИСТАН НА НОВОМ ПОЛИТИЧЕСКИХ ЭТАПЕ

**КУРБОНОВ А. С.**

*Докторант PhD Института философии и политологии имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Данная статья отражает новый этап в развитии таджикской государственности, особенно в первые годы политической независимости. Рассматривается вопрос защиты национальных интересов, национальной безопасности Республики Таджикистан и путей её укрепления в связи с современными процессами и событиями, а также ставится в центр внимания государства и других политических институтов обеспечение благополучия общества. Одной из целей исследования является анализ ориентации государственной политики, принятия конкретных программ и стратегий в период независимости, определяющих дальнейший путь социально-экономического развития страны. Рассматривается роль трудовой миграции как фактора, влияющего на социальную политику страны, а также анализируются и сравниваются мнения исследователей в данной области относительно взаимодействия этих факторов.*

*В контексте ежегодных посланий Президента Республики Таджикистан Его Превосходительства Эмомали Рахмона рассматриваются вопросы защиты политической независимости страны, перспективы развития и укрепления государственности с учетом событий последних лет в регионе и мире. Выявляются новые этапы отношений в связи с растущими изменениями в международном сообществе в отношении национальных государств.*

**Ключевые слова:** *Республика Таджикистан, политическая независимость, национальные интересы, послание, трудовая миграция, социальное обеспечение, глобализация, политические процессы, идеология, национальные интересы.*

# TAJIKISTAN IN A NEW STAGE OF POLITICAL RELATIONS

**QURBONOV A. S.**
*Doctor PhD Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan*

*This article reflects a new stage in the development of Tajik statehood, especially in the early years of political independence. The issue of protecting national interests, national security of the Republic of Tajikistan and ways to strengthen it in connection with modern processes and events is discussed, and ensuring the well-being of society is placed in the center of attention of the state and other political institutions. The orientation of state policy, the adoption of specific programs and strategies during the period of independence, which determine the further path of socio-economic development of the country, is one of the objectives of the research. The role of labor migration as a factor influencing the social policy of the country is reflected, and the views of researchers in the field regarding the interactions are analyzed and compared.*

*The protection of the country's political independence, the prospects for the development and growth of statehood, taking into account the developments of recent years in the region and the world, are examined in the context of the annual messages of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon. New stages of relations with the growing changes in the international community towards nation-states are revealed.*

**Keywords:** *Republic of Tajikistan, political independence, national interests, Message, labor migration, social welfare, globalization, political processes, ideology, national interests.*

Дар замони муосир марҳалаи расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва дахлнопазир будан аз дигар давлатҳо раванди ниҳоят мураккаб ва нозук буда, аз намояндагони ҳокимияти сиёсӣ ва иштирокчиёни қабули қарор масъулияти баланди давлатдориро талаб менамояд. Зеро, истиқлоли сиёсӣ шароити инкишофи муътадили миллатро фароҳам меорад. Он дар заминаи муттаҳид гаштани миллат ба вуҷуд омада, роҳи инкишофи нави ҷомеаро муайян месозад. Ягонагии миллӣ ва дар асоси арзишҳои он идора намудани ҷомеа раванди ниҳоят ҳоссос ба ҳисоб рафта, махсусан дар замони ҷаҳонишавии муносибатҳо сохтани давлати миллӣ бо вуҷуди таърихи тулонӣ доштан, марҳилаи мураккаби давлатсозӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, раванди мазкур на дар доираи як миллати том, балки бо назардошти манфиатҳои дигар халқу гурӯҳҳои этникие, ки дар ҳудуди кишвар бо ҳам зиндагонӣ мекунанд, таҷассум меёбад [1, 94 – 95].

Айни замон, давлати миллӣ, дар мафҳуми классикиаш, таҷассуми сиёсии ҳар қавму миллате, ки дар ҳудуди муайян зиндагонӣ карда, манфиатҳои тарафайнро ба роҳ мемонанд, дар назар дошта шудааст. Аз лиҳози назариявӣ ва илмӣ мафҳуми Ватан ва миллат ин хосияти илоҳӣ ё падидаи фавқуттабиӣ нест, он маҳсули идея ва ақли солими инсонҳо мебошад. Яъне «Ватан ва Миллат зуҳуроти абстракт ва туҳфаи осмонӣ нестанд. Ватан ва Миллат воқеан натиҷаи фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва заҳмати абармардони миллат дар тӯли ҳазорсолаҳост» [12, 5]. Инсоният дар марҳилаи ташаккули тамаддуни худ дарк намуд, ки бе муттаҳид гаштан ва бунёди сохторе чун давлат ва минбаъд давлати миллӣ, ки он иродаву ормонҳои халқу миллатҳои мухталифро таҷассум менамояд, зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Идеяи миллӣ ба сифати омили сафарбарсозандаи шаҳрвандони давлат, заминаи бунёдии ваҳдати халқу миллатҳо ба ҳисоб меравад. Ба роҳ мондани идеяи миллӣ ва дар ин замина, сарҷамъ сохтани мардум пеш аз ҳама натиҷаи фаъолияти босамари аҳли зиё ва ходимони сиёсию давлатист. Айни замон, чунин шакли фаъолият, дар баробари институтҳои сиёсӣ, маҳсули ҷомеаи маданӣ низ, ба ҳисоб меравад. Агар ҳолати мазкур, баръакс сурат бигирад, динамикаи рушди давлатсозиро метавонад халалдор созад. Аз ин хотир дар раванди мураккабии авзои миллӣ, ки давраҳои буҳрониро паси сар менамояд, ба ҳам овардани як миллат, ки аз гурӯҳҳои этникии муайян таркиб ёфтаанд, душвориҳои зиёдро пеш меорад.

Мутаасифона, миллати тоҷик чунин марҳилаҳои мушкилро дар давраҳои тулонии таърихӣ сипарӣ намудааст. Бинобар ин, як марҳилаи рушди давлатдории миллати мо

хусусан дар охири асри XX барои садсолаҳои дигар мавриди ибрат аст, ки аз он ёдоварӣ менамоем. Ба хотир овардани сарчашмаи таърихи гузашта, ба маънои он аст, ки дар баробари маҳфуз доштани хотираи бойи гузаштагон, дар тинати хешу насли оянда, иқдомҳои шоистаи давлатдорию давлатсозии гузашта ва имрӯзи миллатро бедор созем. Дар замири насли ҷавон эҳсоси ифтихор аз давлатдорӣ, қадру қиммати давлати мустақили миллӣ, нангу номус ва шинохту ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишварро тарбия намоем. Ба андешаи Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Мо аз умқи таърих набояд хокистар, балки шуъла бардорем» [8, 25]. Албатта он шуълае, ки мардуми моро дар амал бар роҳи бунёди хештаншиносӣ, худогоҳӣ, муттаҳидӣ ва арҷу эҳтиром гузоштан бар дигар халқу миллатҳо бурда мерасонад.

Дар раванди дарки истиқлоли сиёсӣ ва аҳаммияти он доир ба давлатсозии миллӣ, мавриди таҳқиқ қарор додани маъхазҳои таърихӣ, дар заминаи бедор сохтани ҳувияти миллӣ сурат гирифта, он ба равандҳои созандаю солими ҷаҳони муосир пайванд мегардонад. Татбиқи он дар рушди фарҳанги миллӣ ва зинда гардонидани хотираи гузаштагон таҷассум ёфта, ҳар шаҳрванди кишварро водор месозад, ки баҳри азхуд намудани донишҳои бунёдии илмӣ ва кафолати рушду инкишофи худ талош намоянд. «Ягон миллати дунё мисли миллати тоҷик борҳо ба вартаи фаношавӣ гирифтор гардида, боз дар лаҳзаи вопасини ҷон бохтан аз нав мадор гирифтаю эҳё шуда, аз думболи ҳар шикасту инқирози чашмрас борҳо шикастпораҳояшро васл намуда, боз ба зинаи тозаи камолот нарасидааст» [8, 26]. Чунин нуқтаи назарҳо шаҳодатгари онанд, ки вобаста ба таҳаввулоти таърихӣ, миллати тоҷик борҳо таҷрибаи талхи шикасту муттаҳидиро аз сар гузаронидааст. Аз мисоли мазкур чунин бармеояд, ки мардуми моро бо вуҷуди ин ҳама ноадолатиҳои таърихӣ, маҳз хиради азалӣ ва номусу ғурури истиқлолхоҳӣ то ба имрӯз пойбарҷо гузоштааст.

Аз замоне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати воҳид шакл гирифт, на ин ки аз ҳудуди як давлати абарқудрат берун шуд, балки аз як сохтори пурқуввати идеологӣ ва мафкуравӣ раҳо гардид, ки барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон таъсири калон гузошт. Аз ин бар меояд, ки дар таърихи миллати тоҷик боз як дигаргунии иҷтимоию сиёсии хос ба вуҷуд омад. Он ба фарҳангу маънавиёт ва сиёсату рӯҳияи мардум мураккабиҳои печидаро рӯ ба рӯ сохт [5, 117 – 118]. Арзишҳои идеявию сохтории Шӯравӣ шикаст хӯрда, ҷойи онро демократикунонии ҷомеа ва идеяи бунёди давлати миллӣ гирифт. Идеологияи ягона ҳамчун унсури ба роҳ мондани синфи ҳукмрон аз байн рафта, гуногунандешӣ ва ташкили иттиҳодияи ҷамъиятию сиёсӣ таҷассуми худро дар Конститутсия ёфт [3, 6].

Аз ин хотир, роҳи минбаъдаи ташаккули истиқлоли сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чигунагӣ ва дарки арзиши истиқлол ва ҳувияти миллии ҷомеаи сиёсӣ, бахусус мардуми он вобаста аст [1, 77 – 79]. Дар таҳкими ин арзиш ва то кадом дараҷа рушд бахшидан ба институти давлатдорӣ нақши Иҷлосияи 16 – уми Шурои Олӣ барҷаста аст, ки он масири давлатдории моро иваз намуд.

Агар саволе ба миён ояд, ки чаро маҳз Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ба сифати ҳодисаи муҳимми таърихӣ рукни давлатдории моро иваз намуд? Ба ин савол чунин ҷавоб додан мумкин аст, ки пояҳои бунёдии кишвар бевосита дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ гузошта шуд. Таърих гувоҳ аст, ки фазои холии идеологии пас аз Иттиҳоди Шӯравӣ ва сиёсатҳои беасоси қувваҳои бо ном сиёсию демократихоҳи кишвар, ошкоро барои ғасби ҳокимият мубориза бурда, бо таблиғу ташвиқи хоҷагони хориҷиаашон гӯё ба муқобили идеологияи коммунистӣ мубориза мебурданд. Аммо воқеан дар вуҷуди худ нияти аз арсаи ҳокимият дур кардани роҳбарон ва амалдорони мушаххас, ки бунёдаш хосияти маҳалгароӣ буд, ба ҳисоб мерафт. Яъне, радикализми сиёсӣ ба дараҷае авҷ гирифта буд, ки дар зери шиорҳои бароварда кардани эҳтиёҷоти маънавию иҷтимоӣ ва сиёсию иқтисодӣ, мехостанд сохтори мавҷударо дар шакли комилан ифроогтароёна аз байн баранд. Ин амалҳо албатта дар кӯшиш ва талошҳои ҳизбу ҳаракатҳо ва созмону гурӯҳҳои бешумор ва ҳатто то хосияти маҳаллигирифта, таҷассум меёфт [9, 23–25]. Ҳамаи амалҳои мазкурро метавон нишона аз

бетаҷрибагӣ ва паст будани сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқии он ҳизбу ҳаракатҳои номбурда баҳо дод, ки сабабгори ба фалокат расонидани ҷомеаи тоҷикистонӣ гардидаанд. Аз лиҳози ҳуқуқӣ, чунин шакли рафтор берун аз доираи меъёрҳои Конститутсия ва санадҳои ҷомеаи демократӣ буда, ҳамчун ба сифати ғасби ғайриқонунии ҳокимият бaромад менамояд [3, 5].

Маҳз чунин омилҳо сабаб гардиданд, ки ҷомеа ба буҳрони сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ кашида шавад. Сабаби садҳо ҳазор гуреза шудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар дохил ва берун гардид [9, 23–30]. Аз он замоне, ки Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ роҳбарияти нави кишварро интихоб намуд, дар муддати начандон тӯлонӣ қарорҳо ва тасмимҳое пеш гирифта шуд, ки мазмунан аз лиҳози стратегӣ ҳалли мушкилоти даҳсолаҳоро фарогир буд. Аввалин иқдоме, ки роҳбарияти нав дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор овард, ин эҳёи сохторҳои қонунии ҳокимият, риоя ва ба низом даровардани қонун, амнияти шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоиди зисту зиндагӣ ва роҳнамун сохтани мардум ба сӯи созандагӣ ба ҳисоб мерафт [10, 4 – 5]. Зеро, мақсади асосии роҳбарияти нави ҷумҳурӣ ин ҳарчи зудтар аз байн бурдани ихтилофи ҷомеа буд, ки он дорои омилҳои зерин мебошад:

1.Хотима бахшидан ба ҳаводисе, ки ваҳшоният ва тарсу ҳаросро бар сари аҳолии ҷумҳурӣ тавассути гурӯҳу ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии иртиҷоӣ ба бор оварда буд;

2.Тадриҷан даст кашидан аз анъана ва рафторҳои таҳмилшудае, ки барои мардуми мо бегонаанд ва онҳо дар ташаккул ёфтани арзишҳои миллӣ монеа эъҷод мекарданд [10, 5 – 6].

Равандҳои сиёсӣ шаҳодатгари онанд, ки давлатҳоро аз вартаи бӯҳрони сиёсӣ кашидан бисёр душвор аст. Барои баромадан аз ҳолати сарбастагӣ марҳилаҳои тулонӣ лозим меояд. Дар вазъияти шиддат гирифтани бӯҳрон мардум боварии хешро аз ҳокимият барканда, ҷомеаро гурӯҳҳои манфиатхоҳ идора менамояд. Мусаллам аст, ки дар ҳар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ, ба ҳар халқу миллат сарваре ё роҳбари соҳибиродае рӯйи кор меояд ва он ташаббускори асосии роҳи рушди ояндаи ватани худ мегардад. Чунин мисол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мувофиқ омада метавонад. Яъне инъикоси ҳолату замон дар давраи ба сари қудрат омадани сарвари тавонои мо мушоҳида карда мешавад. Озодии инсон, ки нахуст заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд аст ва тавассути он шаклу мазмуни соҳибихтиёрии миллию давлатӣ муайян мегардад, дар баромадҳо ва мусоҳибаҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша садо медиҳад [10, 13]. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои сулҳҷӯёна ва фарҳангпарварона, дар арсаи байналмилалӣ бори дигар исбот намуд, ки мардуми тоҷик бо таърихи шашҳазорсола идомадиҳандаи мероси гузаштагони пурғановати хеш аст.

Замон ва макон шаҳодат медиҳад, ки таблиғгарон ва идеологҳои арзишҳои ҷомеа, дар ҳар давра ба як қувваи маънавӣ табдил ёфта, на танҳо онҳо мухолифатҳои иҷтимоиро инъикос менамоянд, балки таҷрибаи муайяни навини сиёсиро рӯи кор оварда, самти ҳаракати қувваҳои мухталифро тағйир медиҳанд. «...дар ҷараёни чунин дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ аввалин шуда зарбаро ба худ қабул мекунанд» [6, 40–41]. Маҳз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми мушкилот ва монеаҳоро бар дӯши худ гирифта, тақдири ояндаи миллатро тарҳрезӣ намуданд. Шуруъ аз таъсиси мансаби ҳокимияти президентӣ, қабули Конститутсия ва ташкили парлумони дупалатагӣ то эъмори ҷомеаи демократии созгор ба арзишҳои миллӣ, ин ҳама маҳсули заҳматҳои шабонарӯзии роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо халқи заҳматкаши тоҷик мебошанд. Таъсиси сохтори муназзами давлатдорӣ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гашта, башарият аз тамаддуни куҳан ва таҷрибаи ғании давлатдории мо итминон пайдо намуд.

Ба андешаи худи эъмори Сулҳу Ваҳдати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон «дар қатори мафҳумҳои муқаддаси Ватан, модар, сулҳ ва истиқлолият калимаи ваҳдат мақоми арзанда гирифт...» [4, 143]. Бинобар ин, сарҷамъӣ ва дарки ҷасорати гузаштан ба сиёсати созиши миллӣ аз ҷониби роҳбари давлат, Эмомалӣ Раҳмон сарчашмаи сиёсати пешгирифтаи ин марди таърихӣ дар назар дошта мешавад.

Вақт даргузар аст, таърих ҳар замон саҳифаҳои нави худро боз мегардонад. Он ҳаводис ва падидаҳое, ки дар ҷомеа рӯй медиҳанд, марҳила ба марҳила ба санаҳои таърихӣ табдил мeёбанд. Вале муҳиммият дар он аст, ки то чи андоза ин падидаҳо ба сифати арзиши миллӣ

ва омили муттаҳидкунандаи тамоми бошандагони ҷомеа баромад карда метавонад. Дар шароити нави тағйири раванди геополитикии ҷаҳон ва минтақа, ки рӯз аз рӯз авзои сиёсии давлатҳоро мураккаб сохтааст, гурӯҳе аз давлатҳои дуру наздик ба бунёди созмону ташкилотҳо дар доираи миллияту қавмиятҳои худ тасмим мегиранд [2, 269 – 271]. Бинобар ин дарки бархӯрди манфиатҳо ва танишҳои идеологӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар миёни арзишу фарҳангҳои бегона қарор доранд, бисёр муҳим аст. Сурат гирифтани раванди глобаликунонӣ, аз байн рафтани тавозуни қувваҳо, авҷ гирифтани мухолифатҳо дар минтақаҳои даргир бо дахолати давлатҳои абарқудрат ва баҳонаи терроризм, масъалаест, ки амнияти дилхоҳ давлати ҷаҳонро зери суол бурдааст. Дар шароити имрӯза наметавон гуфт, ки як давлат дар алоҳидагӣ амнияту суботи хешро ба пуррагӣ таъмин карда метавонад.

Ин нуктаҳо борҳо дар баромадҳо ва Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён ёфтаанд. Махсусан дар Паёми санаи 16-уми декабри соли 2025 бори дигар таъкид намуданд, ки «Мураккабшавии авзои байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд» [7, 18]. Дар баробари комёбию муваффақиятҳои давлату миллат, имрӯз мушкилот ва норасоиҳое ҷой доранд, ки аз ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ва хусусан нафароне, ки бевосита дар амалишавии сиёсати давлатӣ саҳм доранд, малакаю заҳмати софидилонаро талаб менамояд. Аз ин хотир ҳимояи арзишҳо ва истиқлолу озодии кишвар нисбат ба дирӯз дида, имрӯз моро зиёд ухдадор месозад.

### АДАБИЁТ:


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Дидгоҳи давлатмеҳвар.-Душанбе, 2021. – 248 с.
2. Зокиров Г.Н. Геополитика.-Душанбе: «Эҷод», 2009. – 324 с
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, «Нашриёти Ганҷ». 2016.–134 с.
4. Қурбон В., Маҳмудҷон М., Корномаи Ваҳдат. Летопись Единения. Chronicle Unity. /(бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ). – Душанбе: «Сарпараст». 2007.–381 с.
5. Муҳаммад А. Н., Хидирзода М. У., Сиёсатшиносӣ. / Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ.-Душанбе: “Паёми ошно”, 2018. – 416 с.
6. Маҳамадов А. Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият. / Таҷрибаи таҳлили низоъ ва равандҳои иҷтимоию сиёсӣ. – Душанбе, нашриёти «Дониш», 2000.–93 с.
7. Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ]URL: http: //khovar.tj/2023/payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-mu-taram-emomali-rahmon-dar-samt-oi-asosii-siyosati-dohil-va-hori-ii-um-ur-2/.(санаи муроҷиат 20. 02. 2026).
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) – Душабе: «Ирфон», 2006. – 228 с.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ.–Душанбе: «Ирфон», 1995. – 208 с.
10. Раҳмонов Э. Роҳи раҳоӣ аз бӯҳрони азими ҳамагонӣ. – Душанбе, нашриёти «Тоҷикистон», 1993.–53 с.
11. Саидзода З., Саидов Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон.-Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2012. – 144 с.
12. Ятимов С. С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2015. –192 с.

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ – ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ – PHILOSOPHY SCIENCES

УДК.930.1

# НАҚШИ ПОЗИТИВИЗМ ДАР РУШДИ ФАЛСАФАИ МУОСИР

**МАҲМАДҶОНОВА М.Т.[1]**
**ДАВЛАТЗОДА С.[2]**

[1] *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

[2] *Магистранти Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Муаллифон, дар мақола яке аз ҷараёнҳои муосири фалсафӣ бо номи позитивизмро, ки дар рушди фалсафаи муосир нақши бориз дорад ва андешаҳои позитивистии асосгузори он Огюст Контро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Позитивизм яке аз ҷараёнҳои муосири фалсафии Аврупо аст, ки ҷаҳонбинии илмиро дар шакли нав баррасӣ намуд. Дар мақола, бештар ба нақши андешаҳои позитивистии Огюст Конт таваҷҷуҳ карда шуда, нақши он дар фалсафаи муосир баррасӣ гардидааст. Огюст Конт ҳамчун асосгузори ин ҷараён бо асарҳои бузурги худ дар рушди фалсафаи муосир ҷойгоҳи вижа дорад.*

*Инчунин дар мақола бархурди ҷараёнҳои фалсафии муосир ба фалсафаи позитивистӣ баррасӣ шуда, масъалаи зиддият ва мадорои ин ҷараён бо фалсафаҳои мазкур, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ин бархурд таҳлил шуда, зарурати омӯзиши он дар ҷомеаи имрӯза муайян карда шудааст. Дар рафти омӯзиш маълум гардид, ки ҷомеаи шуравӣ ва пасошуравӣ ба позитивизм чандон бархурди мусбат надошта, дар он аксаран унсурҳои сиёсӣ ва синфиро пайдо карда аст.*

**Калидвожаҳо:** *фалсафа, Огюст Конт, позитивизм, неопозитивизм, ҳиссиёт, муосир, ҷараён, физика, физикаи иҷтимоӣ, илм, табиатшиносӣ, фаҳмиш.*

# РОЛЬ ПОЗИТИВИЗМА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ФИЛОСОФИИ

**МАХМАДЖОНОВА М.Т.[1]**
**ДАВЛАТЗОДА С.[2]**

[1] *Доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии и политологии им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

[2] *Магистрант Института философии и политологии имени. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье авторы подвергли философскому анализу одно из новых философских течений – позитивизм, а также позитивистские идеи его основателя Огюста Конта. Позитивизм – одно из современных философских движений в Европе, рассматривающее научное мировоззрение в новой форме. Статья фокусируется на позитивистских идеях Огюста Конта и обсуждает его роль в современной философии. Огюст Конт, как основатель этого движения, занимает особое место в развитии современной философии благодаря своим великим трудам.*

*В статье также рассматривается подход философов современного общества, особенно советской среды, к позитивистской философии, анализируется конфликт этого течения с философией, его преимущества и недостатки, а также необходимость его изучения в современном обществе. В ходе исследования стало ясно, что советское общество не очень позитивно относилось к позитивизму, и это движение воспринималось как классовые и политические идеи.*

**Ключевые слова:** *философия, позитивизм, неопозитивизм, эмоция, современность, процесс, физика, социальная физика, наука, естественные науки, понимание.*

# THE ROLE OF POSITIVISM IN THE DEVELOPMENT OF MODERN PHILOSOPHY

**MAKHMADJONOVA M.T.[1]**
**DAVLATZODA S.[2]**
[1]*Doctor of Philosophical Sciences, professor, head of the Department of History of Philosophy of the Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
[2]*Undergraduate student Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author provides a philosophical analysis of one of the new philosophical movement – positivism – as well as the positivist ideas of its founder, Auguste Conte. Positivism is one of the modern philosophical movements in Europe that explores the scientific worldview in a new light. The article focuses on the positivist ideas of Auguste Conte and discusses his role in modern philosophy. Auguste Conte, as the founder of this movement, occupies a special place in the development of modern philosophy thanks to his great works.*

*The article also examines the approach of philosophers in modern society, particularly those in the Soviet Union, to positivist philosophy. It analyzes the movement's conflict with philosophy, its strengths and weaknesses, and the need to study it in modern society. The study revealed that Soviet society was not very receptive to positivism, and the movement was perceived as bourgeois.*

**Keywords:** *philosophy, positivism, neopositivism, emotions, modernity, process, physics, social physics, science, natural sciences, understanding.*

Позитивизм ҳамчун равияи фалсафӣ солҳои 30-уми асри XIX дар Аврупо – нахуст дар Франсия пайдо шуда ва баъдтар дар Англия интишор ёфтааст. Он минбаъд ба яке аз равияҳои машҳури фалсафаи Аврупо табдил ёфта, то ҳол аҳаммияти худро аз даст надодааст. Асосгузори позитивизм файласуф ва ҷомеашиноси маъруфи фаронсавӣ Огюст Конт (1798 – 1857) мебошад. Инкишофу интишори позитивизми ибтидоӣ ҳамчунин ба фаъолияти илмии Ҷ.С. Милл (1806 – 1873) ва Г. Спенсер (1820 – 1903) низ вобастагии калон дорад [7, 286]. Равияи мазкур аз идеяҳои агностикии Давид Юм (1711 – 1776) (асараш «Рисола дар бораи табиати инсон» (1739), Даламбер (асараш «Мақолаи хотимавӣ» (1751), Э. Кондиляк (1714 – 1780) асараш «Доиратулмаориф» (1755), Ф.Кенэ (1694 – 1774), А.Р.Ж.Тюрго (1727 – 1781) ва дигарон сарчашма мегирад.

Позитивизм аз калимаи «positivis» гирифта шуда, ба маънои мусбат ва манфиатовар омадааст. Аммо ҳамчун мактаби фалсафӣ бар он аст, ки бояд аз мафҳум ва афкори «нолозими фалсафӣ» даст кашид, ба фактҳои воқеиву реалӣ ва позитивӣ рӯ овард. Яке аз хулосаҳои асосии позитивизм он аст, ки назаргоҳи олимон нисбат ба фалсафа бояд дигаргун гардад. Муносибат нисбат ба фалсафа ҳамчун ба «илми-илмҳо», «падари илмҳо» дуруст нест, зеро дар шароити муосир ин мавқеъ сабаби ақибмонии фикрӣ гардида, фикри олимонро ба сӯи «ҷустори сарчашма» машғул мекунад ва илм маҷбур месозад доимо бо масоили метафизикӣ машғул шуда, аз ҳалли масоили мубрам канор гирад. Умуман ба фикри позитивистон фалсафаро ба сифати илм қабул кардан хатост. Зеро то ҳол предмети омӯзиши ин илм ба ҳеҷ кас аниқ ва дақиқ маълум нашудааст. Ҳеҷ кас ба дилпурӣ гуфта наметавонад, ки фалсафа чизро меомӯзад. Муҳокимаҳои фалсафӣ муҳокимаҳои абстрактӣ буда, барои ҳастии воқеӣ, махсусан воқеияти иҷтимоӣ ҳеҷ манфиате намеорад. Вақти он расидааст, ки илмҳои позитивӣ (математика, биология, физика, химия, сотсиология ва ғ.) фалсафаро пурра иваз кунанд. Инсоният бояд аз назарияпардозии фалсафии «бемаъно» ва шарҳу фаҳмиши «мушкил» даст кашад [5, 98].

Ба ҳамин нуктаҳои позитивизм ишорат карда, дар замони Шуравӣ мафкурасозон ва файласуфон позитивизмро мавриди танқиди ҷиддӣ қарор дода, онро равияи фалсафӣ-идеалистии дорои сифатҳои буржуазӣ, ҳомии арзишҳои ҷомеаи буржуазӣ-сармоядорӣ меномиданд. Онҳо мақоми танқидии позитивизмро нисбат ба худи фалсафа ва мавқеи он дар муҳити илмҳои дигар напазируфта, онро ҳилаи мафкуравӣ барои диққати оммаро аз масоили доғи иҷтимоӣ дур кардан меҳисобанд. Дар китоби энсиклопедии фалсафии

«Антология мировой философии» чунин мулоҳизаҳо дар бораи ин мактаб дида мешаванд.

Ба дигар иборот, ба андешаи иддае аз донишмандон, позитивизм шакли дигари фалсафаи идеалистӣ буда, бар зидди материализм нигаронида шуда аст. Мақсади он воқеияти моддӣ ва воқеиро инкор карда бо ин роҳ, идеализмро ба илм ворид намудан ва фалсафаро ҳамчун илм инкор карда, далелҳои позитивиро дар партави идеалистӣ таҳлил намудан мебошад.

Моҳияти позитивизм аз он иборат аст, ки он барои истикрори мафкураи илмгаро ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ платформаи муосире сохта, ба ақидаи он – илм бояд ба хушбахтии инсоният кӯмак расонад, воқеияти мавҷударо инъикос намояд ва инсонро аз банди устураю хаёлот раҳо сохта, ба зудӣ ба башарият манфиат оварда, дар ҳастии инсон мавқеи мусбиро ишғол карда тавонад. Назарияи мазкур асоси илмгароии қавии ҷомеаи муосир буда, барои рушду нумуи илмҳо кӯмак намудааст. Ба андешаи намояндагони ин мактаб фалсафа аз низоми назарияҳо ва андешаҳои назарӣ иборат аст, ки барои беҳбудии ҳаёти моддӣ ва амалияи зиндагии ӯ хидмат карда наметавонад. Одамон фалсафаро ба амалияи зиндагиашон татбиқ накардаанд, барои ҳамин фалсафа мақоми илмӣ надорад. Ба андешаи прагматист Ч.Пирс (1839 – 1914) «илми позитивӣ бояд ҷои фалсафаро гирад» [10, 327]. Он илмҳое бояд инкишоф дода шаванд, ки айни замон дар зиндагии рӯзмарра мусбӣ ва манфиатовар аст. Воқеан дар мулоҳизаҳои позитивистон ҳақиқат ҷой дорад, аммо инкори фалсафа ба сифати илм маҳдудияти асосии ғояҳои онҳо маҳсуб меёбад.

Хусусияти хоси позитивизм аз он иборат аст, ки онҳо илм ва таҷрибаро ба эҳсосоти субъективӣ вобаста дониста, қонунҳои объективии табиат ва ҷамъиятро рад менамоянд. Ин идея дар агноститсизм ва сенсуализми Давид Юм ба назар мерасад. Ба андешаи Давид Юм асоси донишҳои мо бо василаи эҳсосот ташаккул меёбанд. Бинобар ин, он чизе ҳиссиёти мо нишон медиҳад, асли ҳақиқат аст. Ақл дар маърифати олам, пас аз эҳсосот ва узвҳои ҳис меистад, зеро ҳақиқати оламро дар асоси маълумоти ҳиссӣ ташаккул медиҳад. Зимнан, воқеияти ҳастӣ онест, ки инсон онро ба воситаи ҳиссиёт маърифат кардааст. Ин андешаҳои позитивистиро В.И.Ленин дар асараш «Материализм ва эмпириокритисизм» мавриди танқиди шадид мегирад ва «сафсатаи хушку холии фалсафӣ» номидааст. Ба андешаи ӯ, позитивизм ҳамчун равияи фалсафӣ, идеалистӣ оҷизии худро пай бурда, бо илм муросо кардан мехоҳад [1, 548 – 549].

Фалсафаи замони шуравӣ низ нисбат ба равияи мазкур назаргоҳи танқидии шадид доштааст. Таҳқири позитивизм дар давраи шуравӣ сабабҳои худро дошт, зеро пеш аз ҳама принсипҳои фалсафии позитивизм ба идеологияи он мувофиқат намекард. Зеро воқеияти иҷтимоӣ аз зовияи позитивистӣ вобаста ба нобаробарии иҷтимоӣ ва индивидуализм таҳлил шуда, поягузорони позитивизм аз таъсири арзишҳои ҷомеаи капиталистӣ иҷтиноб карда тавониста аз ин ҷиҳат нисбат ба фалсафа бархӯрди субъективӣ доштаанд. Табиист, ки онҳо манфиати ҳамин низомро дифоъ мекарданд.

Аммо боиси таъкид аст, ки чунин комилан рад намудани позитивизм як амали мунсифонаи файласуфони шуравӣ набуда, бинобар сифати сиёсӣ ва мафкуравӣ доштан, боиси аз манфиатҳои методологияи позитивистӣ дур мондан гардиданд. Зеро дар ҳар сурат позитивизм бинобар бисёре аз ҳодисаҳои иҷтимоиро таҳлили воқеӣ намудан, боиси пайдоиши ҷаҳонбинии нави фалсафӣ гардид. Дар ҳар сурат, позитивизм бо мавқеи қавии ақлгароёнааш барои истиқрори ратсионализм ва ба вуҷуд омадани равияҳои аз он обхӯрандаи муосир гардида аст. Огюст Конт дар асараш «Курси фалсафаи позитивӣ» ва Ч.Пирсу (1839 – 1914), Г.Спенсер (1820 – 1903) дар асарҳояшон «Грамматикаи илм» ва «Асосҳои сотсиология» муқаддимаи позитивизмро тарғиб карда, «дар заминаи ақли солим» ва «мавқеи позитивӣ» таҳлил кардани воқеияти иҷтимоиро пешниҳод кардаанд.

Боиси таъкид аст, ки позитивизми дар асари рушди бемайлони илмҳои замона ба вуҷудомада хеле босуръат дар ҷомеаи Ғарб интишор пайдо кард. Он охири аср XIX дар Полша, Россия, Туркия, Япония, Хитой, Бразилия, Амрико ва дигар давлатҳои мутараққии ҷаҳон паҳн шуда, идеяҳои О. Конт, Ч. Спенсер, Ф. Кенэ ва дигар

ҷонибдорони онҳо дар густариши муҳокимаронихои мантиқӣ, таҳлили дин, ахлоқ, сотсиология ва ғ. нақши босазоеро бозидааст. Масалан, дар заминаи позитивизм И.М. Сеченов (1829 – 1905), Т.Г.Гексли (1825-1895), Ф.Ле Дантек (1868), Б. Рассел (1872 – 1970), Р. Карнап (1891 – 1970), А.Ч. Айер (1910 – 1989), Л.Витгенштейн (1889 – 1951), Ҷ. Остин (1790 – 1859) ва дигарон низоми фалсафа ва назарияи маърифати худро кор кардаанд, ки бо номи «неопозитивизм» ё «позитивизми нав» маъруф мебошад. Дар заминаи позитивизм ва неопозитивизм ҷараёнҳои фалсафии «сотсиологияи позитивистӣ», «позитивизми мантиқӣ», «фалсафаи семантикӣ», «реализми танқидӣ», «мантиқи реалистӣ», «ҳуқуқи позитивистӣ» ва ғ. ба вуҷуд омадаанд, ки дар таҳлили масъалаҳои асосии фалсафа нақши бузургро бозиданд [5, 281].

Махсусан позитивизм дар сотсиологияи Ғарб хеле васеъ доман паҳн кардааст. Онҳо дар ин замина қонунҳои ҷомеа, табақабандии низоъҳои иҷтимоӣ, ниҳоду ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар падидаҳои ҳаёти иҷтимоии одамонро шарҳ додаанд. Позитивист ва сотсиологи асри XIX –и амрикоӣ Джон Дрегер дар асараш «Таърихи инкишофи ақлонии Аврупо» идеяҳои позитивизми сотсиологиро тавзеҳ медиҳад. Позитивисти олмонӣ Мюллер Лиер дар ин асос омилҳои пайдоиши таърих ва роҳи инкишофи онро муайян мекунад. Сотсиологҳо ва позитивистҳои муосири амрикоӣ Берднорд, Анжел, Огборн ва дигарон омилҳои пайдоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ ва асосҳои психологии он, тартибот ва динамикаи молия ва қарз, пешгирии истифодаи неруҳои атом ва ғ.-ро таҳқиқ намудаанд.

Файласуф ва сотсиологи фаронсавӣ О. Конт бо таҳия ва рушди назарияи позитивизм алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ӯ ҳамчун асосгузори фалсафаи позитивизм эътироф шудааст. О. Конт дар шаҳри Моннелии Фаронса таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро дар мактаби политехникии ҳамин кишвар гирифта, ба илмҳои математика, астраномия ва физика ошноӣ ва мароқи том пайдо мекунад. Соли 1818-1824 ҳамчун котиби шахсии утописти машҳур Сен-Симон кор карда, ғояҳои асосии худро дар бораи табақабандии илмҳо, марҳилаҳои инкишофи ҷомеа ва мафхуми «позитивӣ»-ро ҳамчун ҳолати олии мафкуравии ҷомеа дар ин давра ташаккул медиҳад. Соли 1824 муносибати шахсии О. Конт бо Сен-Симон муашаххас мегардад ва ба хотири тарғиби ҳамаҷонибаи фалсафаи позитивистии худ аз вазифаи котибӣ даст кашида, ба фаъолияти илмӣ рӯ меорад. Ӯ ҳангоми инқилоби буржуазӣ – демократии солҳои 1848 – 1849 инқилобиёнро даъват мекунад, ки аз роҳи пешгирифтаашон даст кашанд. Ба ҳамин мақсад асари чорҷилдаи худ «Низоми позитивии сиёсат» дар ҳудуди солҳои 1852-1854 таълиф менамояд [11, 194]. Асосҳои позитивизми Огюст О. Конт дар асарҳои шашҷилдааш «Курси фалсафаи позитивӣ» (1830 – 1842) ва «Рӯҳи фалсафаи позитивӣ» кор карда баромада шудааст. Ба андешаи О. Конт, илм бояд ба омӯзиши сабабҳои пайдоиши далелҳо ё ҳодисаҳои ашёҳои олами моддӣ ва падидаҳои маънавиёт машғул бошад. Ҳамагуна илме, ки ба моҳияти ҳодисаҳо вақти худро беҳуда харҷ менамояд, «метафизика» мебошад.

Вазифаи илмро О. Конт чунин муайян менамояд: илм бояд шакли тазоҳури фактҳоро таҳқиқ карда, роҳҳои дар амалия татбиқ намудани онҳоро дарёфт созад. Мувофиқи андешаи О. Конт сарчашмаи донишҳои позитивӣ ё мусбӣ илмҳои таҷрибавӣ эмпирикӣ ва ё муттаҳидии байни онҳо маҳсуб мешавад. Фалсафа қодир нест мустақилона воқеиятро таҳқиқ карда тавонад. Муҳокимаҳои назариявии он ба талаботҳои маърифатии мо мутобиқ нест. Фалсафа фактҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои таҷрибавии пайдоиши онҳоро ошкор сохта наметавонад. Аз ин рӯ, фалсафа илми позитивӣ нест. «Фалсафаи мусбӣ», мувофиқи ақидаи О. Конт, метавонад ҳамчун асоси муҳимми ташкилоти иҷтимоӣ баромад намуда, тавассути он имкон пайдо мешавад, ки буҳрони шадиди ҷомеаи муосир аз байн бардошта шавад. Исбот кардан лозим нест, ки ҷаҳонро идеяҳо идора карда, ба ҳаракат медароранд. Ба маънои дигар механизми асосии иҷтимоӣ дар идеяҳо ва фикрҳо ифода меёбад [2, 60 – 61].

Ба фикри О. Конт, маҳз беарзиш шудани идеяҳо омили асосии бӯҳрони сиёсӣ ва ахлоқии асри XIX-и ҷомеаи Аврупо маҳсуб ёфта, он дар номувофиқатиаш байни одамон

ва бетартибиҳои иҷтимоии замони ҳозир таҷассум ёфтааст. Инқилоби иҷтимоиро маҳз ҳам ин фактҳо ба вуҷуд овардаанд. Мувофиқи ақидаи О. Конт, пайванди идеяҳо ба принсипи умумӣ вобаста буда ва ба ин васила бенизомии иҷтимоиро таъмин кардан мумкин аст. Позитивизмро О. Конт ба гуногунандешии одамон ва ба ҳам мувофиқ наомадани фикру андешаҳои онҳо алоқаманд медонад. Ба андешаи мутафаккир, инкишофи умумии тафаккури инсон, ки натиҷааш позитивизм мебошад, ба қонуни асосии таърих такя менамояд. Мувофиқи қонуни «кашфнамудаи» О. Конт, тафаккури инсон се марҳилаи асосиро аз сар гузаронидааст, аз қабили марҳилаи геологӣ; марҳилаи метафизикӣ ва марҳилаи позитивӣ.

О. Конт марҳилаҳои густаришу инкишофи тафаккури инсониро дар асараш «Курси фалсафаи позитивӣ» [3, 92] таҳлил намудааст. Дар ҷараёни таърих ақли инсон ногузир ин се марҳиларо тай менамояд. Мутафаккир дар ҳамин асараш менависад: «Барои он, ки ҳақиқати табиат ва характери фалсафаи позитивиро ошкор намоем, нахуст бояд ба раванди тафаккури инсон назар афканем, зеро идеяи ба шиносоӣ таърихи онро фаҳмидан имконнопазир аст. Омӯзиши ақли инсон дар ҳамаи шаклҳои гуногуни фаъолияти он боис шуд, ки ман қонуни бузургеро кашф намоям. Мувофиқи ин қонун, дар ҳамаи соҳаҳои дониш се ҳолати назариявӣ – теологӣ ё фактӣ, ҳолати метафизикӣ ва илмӣ ё позитивиро мегузорад. Ба ибораи дигар, ақли инсонӣ вобаста ба табиати худ тавассути се методи тафаккур (геологӣ, метафизикӣ ва позитивӣ) тадқиқот мебарад» [3, 63].

Инсон дар марҳилаи геологии тафаккури худ, ба омӯзиши ҳастии иҷтимоӣ ё ба дарки табиати дохилии ашёҳо, сабабҳои ибтидоиву ниҳоии ҳамагуна зуҳуроти он сарукор дорад. Дар ин маврид ӯ ба фалсафаи И.Кант оид ба «ашё дар худ» такя карда аст. Дар ин марҳала тафаккури инсон Худоро ибтидои ҳама гуна пайдоиши ашёву ҳодисаҳои олам мешуморад. Дар ин марҳила ақли инсониро асотири динӣ ҳукмронӣ мекунад. Анимизм, фетишизм ва тотемизм ҳодисаҳои моддӣ ва маънавиро шарҳ дода, дар охир ин вазифаро монотеизм (яккахудоӣ) ба дӯш мегирад.

Мувофиқи андешаи О. Конт руҳи инсон дар марҳилаи геологӣ бештар бо идеяҳои сиёсӣ ва аҳлоқӣ инкишоф меёбанд. Яъне масъалаҳои аҳлоқӣ ва сиёсӣ дар доираи дин ва шуури динӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

Марҳилаи метафизикӣ ё ҳолати физикии тафаккури инсонӣ дар мафҳумҳо ифода меёбад, ки ҳолати зоҳирии равандҳои оламро таҷассум менамояд. Ин мафҳумҳо абстрактӣ буда, тасвири олам ва ҷамъиятро ба таври илмӣ инъикос накарда, то ҳол аз банди асотир озод нест. Дар ин давра ақли инсонӣ ба ҷойи қувваи фавқултабии (Худо) нерӯҳои табиӣ (материя, кайҳон, табиат)-ро мегузорад [9, 173]. Ҳодисаҳо вобаста ба моҳияти онҳо монанд шарҳ дода мешаванд. Метафизика асоси ҳамагуна пайдоиши олам ва ҳодисаҳои иҷтимоиро дар табиат мебинад. Яъне табиатро офаридгор ҳисобидани инсон марҳилаи дуюми ақли инсон мешуморад.

Марҳилаи позитивӣ – ё ҳолати позитивии шуури инсон, ки дар ҳукмҳо ва хулосабарориҳои худ аз мушоҳидаи илмӣ истифода мебарад. Дар ин марҳила ақли инсон аз таҳқиқи пайдоиш ва таъйиноти кайҳон даст кашида, аз маърифати сабабҳои дохилии падидаҳо ва мушоҳидаи онҳо ба омӯзиши қонунҳои фаъолияти воситаҳо ва натиҷаҳои он мегузарад. Ақли инсон дар ин марҳила қонунҳои падидаҳо ва равобити байни қисматҳои мухталифи ҳодисаҳои ҷомеа ва фактҳои иҷтимоиро муайян карда, ба ин васила ба инкишофи илм боис мегардад. Ақли инсонӣ ба он ҳодисаҳое сарукор мегирад, ки ба инсон манфиатовар аст ва онро О. Конт марҳилаи позитивӣ номида аст. «Ҳақиқати мусбии ақл дар қобилияти мушоҳидаи ҳодисаҳо ва омӯзиши онҳо таҷассум шуда, ба қонунҳои табиӣ пойбанд мебошанд. Характери прогрессивии ҷомеа ба қонунҳои биологӣ, астрономӣ, кайҳонӣ ва ҳаракати олами моддӣ алоқамандии зич дорад» [2, 554] менависад О. Конт.

Аз ин ҷо бармеояд, ки се низоми ақлонӣ вуҷуд дорад, ки оламро фаро мегирад. Низоми аввал ақли инсониро ба омӯзиши олам водор мекунад. Низоми дуюм позитивизм ҳолати устувор ва ҳадди охири ақли инсонӣ аст ва низоми сеюми он гузариши ақли инсониро аз марҳилаи геологӣ ба марҳилаи позитивӣ таъмин месозад. Ин

се марҳила ё ҳолати ақлонии инсониро О. Конт ба зинаҳои умри инсон шабеҳ меҳисобад. «Гузариши ақли инсонӣ гузариши давраҳои умри инсон:- геологӣ даврони кӯдакӣ; метафизикӣ давраи ҷавонӣ ва позитивӣ давраи камолоти инсониро ба ёд меорад» [4, 55].

Ба фикри О. Конт, одамони донишманд аз Ф.Бэкон сар карда то замони мо он донишеро ҳақиқӣ мешуморанд, ки аз мушоҳидаҳои мо бармеояд. Пас қонуни гузариши ақли инсонӣ қонунӣ буда, дар аввали мушоҳидаҳо инсон оламро воқеан дарк карда наметавонад, аз ин рӯ ба теология ва метафизика рӯ меорад, ҳангоме мушоҳидаҳои инсон амиқ мешавад, ки монанд ба давраи камолоти инсон аст, ба воқеияти ҳастӣ сарфаҳм меравад. Мувофиқи фалсафаи позитивии теология ва метафизика барои инсон ҳеҷ манфиате оварда наметавонад. Зеро назарияҳои онҳо зидиятнок аст. Барои позитивизм сабабҳо ё заминаҳои пайдоиши ҳодисаҳо лозим нест. Позитивизм бо назарияҳои гуногун сари одамонро гич намекунад. Позитивизм воқеияти имрӯза ва ҳолати кунунии инсонро, ки натиҷаи он барои инсон лозим аст, таҳлил менамояд. Масалан, барои инсон хӯрок лозим аст. Ақли позитивистӣ онро дарёфт намуда, бадани биологии инсон онро истифода мебарад, аммо барои мо муҳим нест, ки сабаби пайдоиши гандум ва дар куҷо пайдо шудани он фикр кунем. Вақти он расидааст, ки мо барои мушоҳида ва ҷамъ овардани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ илми позитивии физикаи иҷтимоиро ба вуҷуд биорем [3, 560 – 561].

Аз ин ҷо бармеояд, ки О. Конт барои позитивизм ва принсипҳои он илмҳои табиатшиносиро интихоб карда, андеша дорад, ки онҳо илмҳои позитивие мебошанд, ки ҳодисаҳои берунии оламро меомӯзад. Агар мо позитивизмро бо дар назардошти ҳамаи шаклҳои зуҳуроти он муоина намоем пай мебарем, ки позитивизм ин марҳилаи воқеии инкишофи андешаҳои фалсафӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин давра файласуфони бузурги он бо шарофати баҳрабардорӣ аз андешаҳои фалсафии гузаштаю имрӯза низоми нави методҳоеро ба вуҷуд оваранд, ки тавассути он падидаҳои иҷтимоиро омӯхта тавонанд. Методҳои метафизикӣ, математикӣ, табиатшиносӣ бошанд, ин амалро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Методҳои мавҷудаи фалсафа донишҳои иҷтимоиро бою ғанӣ гардонда наметавонанд. Сабабаш ин аст, ки фалсафа дар таҳқиқ маҳдуд гаштааст. Позитивизм аз О. Конт сар карда, инкишофи фалсафаи қаблиро инкор намуда, фалсафаро аз илм ҷудо сохта, илм будани онро рад мекунад. Ҳол он, ки фалсафа илми мустақил буда, бо методҳо, предмети худ ба маданияти оммавӣ, аз ҷумла ба илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, санъат ва таҷрибаи инсонӣ таъсири худро мерасонад.

Худи мафҳуми позитивизм ба маънои муфид ва воқеӣ истифода шудааст, ки маънои умумии ҳақиқатро ифода менамояд. Предмети омӯзиши фалсафа низ воқеияти ҳақиқат аст. Пас позитивизм дар ин замина ба хатогии ҷиддӣ роҳ медиҳад. О. Конт нахуст илми сотсиологияро физикаи иҷтимоӣ номидааст [10, 792].

О. Конт хело воқеъбинона инкишофи маърифати инсониро таҳлил намудааст. Ақли инсон дар бархӯрдорӣ ба ҳодисаи нави иҷтимоӣ қодир нест, дар бораи шакли зуҳуроти қонуниятҳои он сарфаҳм равад ва пеш аз ҳама, ба сабаби пайдоиши он таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Дар марҳилаи метафизикӣ бошад, сабабу воситаҳои алтернативии пайдоиши онро кор карда мебарояд. Дар зинаи позитивӣ пай мебарад, ки ҷустуҷӯи сабабият ҳеҷ маъное надорад. Муфид он аст, ки чигуна мо ин ҳодисаи нави иҷтимоиро дар ҳаёт татбиқ намоем ва шаклҳои амалишавии онро ошкор созем. О. Конт инкишофи ақли инсонро ба даврони кӯдакӣ, ҷавонӣ ва камолот монанд кардааст, ки дар ибтидо кӯдак ба амали ҳодисаҳо ошно нест ва ҳамеша аз калонсолон мепурсад: «Аз куҷо ман пайдо шудам»? «Офтоброкӣ офаридааст?». Дар давраи ҷавонӣ зери таъсири фикри дигарон андешаронӣ менамоянд. Дар давраи камолот ақидаҳои дигаронро инкор карда, фикри шахсии худро кор кардааст. Инро О. Конт давраи позитивии ақли инсонӣ номидааст, яъне инсон фикре, ки дорад, дар амал онро татбиқ кардан мехохад [10, 193].

Ақли инсонӣ дар Аврупо ба ошкор сохтани қонуниятҳои падидаҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Аммо Шарқ то ҳоло ба масъалаи пайдоишу моҳияти ҳодисаҳо андармон мебошад. Ғарб дар асоси ошкор намудани ҳодисаҳои нав ба нави табиӣ техника ва

технологияи навро ихтироъ карда, институтҳои иҷтимоии ҳозиразамонро таъсис медиҳад. Аммо Шарқ то ҳол аз мистика ва зинаи теологию метафизикӣ наҷот наёфтааст.

Масъалаи муҳимми позитивизми О. Конт табақабандӣ (классификатсия)-и илмҳо мебошад. Ба андешаи О. Конт, илмхо низ мисли дигар зуҳуроти иҷтимоӣ ва табиӣ табақабандиҳои муайян дорад. Онҳо вобаста ба предмети омӯзиш, методҳо, масъалаҳои ҳалталаб аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, физиологияи умумӣ, ботаника ва зоология дар назари аввал гӯё предмети муштарак доранд, аммо дар асл онҳо масъалаҳои гуногунро меомӯзанд. Физиология қонунҳои умумии зиндагӣ, зоология тарзи зиндагии ҳама гуна организми зинда ва ботаника бошад, ба олами зиндаи растаниҳо сарукор дорад. Аз миёни ин илмҳо танҳо илмҳое позитивӣ мебошанд, ки ба фикран ошкор кардану дарёфти назария ва фарзия машғул набуда, ба мушоҳидаҳои реалӣ ва илмӣ такя менамояд. Дар ин масъала, андешаҳои файласуфи тоҷик Муҳаммадалӣ Музаффарӣ хело наздик аст, ки ӯ илмҳоро ба як тарзи системавӣ баррасӣ намудааст.

Ба андешаи О. Конт илмҳои назариявӣ умумӣ ва ҷузъӣ мешаванд. Ӯ тамоми илмҳои табиатшиносиро ба физика ва илмҳои ҷомеашиносиро ба физикаи иҷтимоӣ (сотсиология) муттаҳид намудааст.

Дар умум, О. Конт яке аз асосгузорони фалсафаи позитивизм буда, дар рушди ҷаҳонбинии нави фалсафӣ ва илмӣ нақши бориз дорад ва андешаҳои ӯ дар ҷомеаи муосири мо барои рушди илмҳои табиатшиносию ризёӣ хело муфид мебошанд.

## АДАБИЁТ:

1. Антология мировой философии. Т.3. – М., 1971.
2. Конт О. Дух позитивной философии. – М., 1995.
3. Конт О. Курс позитивной философии. – М., 1995.
4. Конт О. Сотсиология О. Конта в изложении Риолажа. СПб., 1998.
5. Рассел Б. История западной философии. СПб., 2001.
6. Рассел Б. Философа века: мемориалный сборник. М., 1967
7. Современая философии. М., 2005.
8. Спенсер Г. Научные, политические и философские опыт. СПб., 1866.
9. Спенсер Г. Система синтетическии философии. Т 1. СПб., 1999
10. Спиркин А.Г. Основы философии. М., 2004
11. Спиркин А.Г. Основы философии. М., 2004.

ТДУ:1+316.472.43 С–149

## МЕТОДҲОИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ

**САИДУМАРОВ С.С.**
*Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

*Муаллиф дар мақола яке аз масъалаҳои пурпечидатарини замони ҷаҳоншумулӣ ва постмодернизм – методҳои омӯзиши масъалаи ҳувияти миллӣ дар фазои виртуалиро ба миён гузоштааст. Дар аввали мақола, аз нигоҳи донишмандони соҳаҳои мухталиф мубрамияти мавзуъро матраҳ намудааст. Дар идома ба масъалаи ҳувияти перформансӣ ва мавқеи чунин ҳувият дар фазои виртуалӣ ибрози андеша намудааст.*

*Инчунин, муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ усулҳои илмии тадқиқотии муосир, аз қабили психологияи дискурсивӣ, таҳлили визуалӣ (аз рӯи принсипи таҳлили расмҳо, видеоҳо, хештегҳо, зертаҳлилҳо ва ғ) ва герменевтикаро ба миён гузоштааст, ки аз манфиат холӣ нест.*

*Дар фарҷом андешаҳои олимони соҳаро таҳлилу баҳогузорӣ ва барои шароити муосири Тоҷикистон пешниҳодҳои муфид иброз намудааст.*

**Калидвожаҳо:** *давлат, миллат, ҳувият, худшиносӣ, постмодернизм, ҷаҳонишавӣ, тоҷик, Тоҷикистон, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, перформанс, психологияи дискурсивӣ, герменевтика, таҳлили визуалӣ.*

## МЕТОДЫ ИЗУЧЕНИЯ ВОПРОСА НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ВИРТУАЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ

**САИДУМАРОВ С.С.**
*Кандидат философских наук, доцент кафедры общественных наук Таджикский технический университет им ак. М. С. Осими*

*В статье автор поднимает одну из самых сложных проблем эпохи глобализации и постмодернизма: методы изучения вопроса национальной идентичности в виртуальном пространстве. Статья начинается с обсуждения актуальности темы с точки зрения ученых различных областей. Далее рассматривается вопрос о перформативной идентичности и положении такой идентичности в виртуальном пространстве.*

*Кроме того, на основе анализа научной литературы автор предложил современные методы научного исследования, такие как дискурсивная психология, визуальный анализ (основанный на принципе анализа изображений, видео, хэштегов, коментарии и т. д.) и герменевтика, которые не лишены своих преимуществ.*

*В заключении автор проанализировал и оценил идеи ученых из различных областей и дал полезные рекомендации для современных условий Таджикистана.*

**Ключевые слова:** *государство, нация, идентичность, самосознание, постмодернизм, глобализация, таджик, Таджикистан, национальная идентичность, национальное самосознание, преферанс, дискурсивная психология, герменевтика, визуальный анализ.*

## METHODS OF STUDYING THE ISSUE OF NATIONAL IDENTITY IN THE VIRTUAL SPACE

**SAIDUMAROV S.S.**
*Candidate of philosophical sciences, docent.Tajik Technical University named after ac. M. S. Osimi*

*In this article, the author raises one of the most difficult issues of the era of globalization and postmodernism: methods of studying issue of national identity in the virtual space. The article begins with the discussion of the relevance of the topic from the point of view of scientists from various fields. Next, the question of performative identity and the position of such identity in the virtual space considered.*

*In addition, based on the analysis of scientific literature, the author proposed modern methods of scientific research, such as discursive psychology, visual analysis (based on the principle of analyzing images, videos, hashtags, comments, etc.) and hermeneutics, which are not without their advantages.*

*In conclusion, the author analyzed and evaluated the ideas of scientists from various fields and gave useful recommendations for the modern conditions of Tajikistan.*

**Keywords:** *state, nation, identity, self – awareness, postmodernism, globalization, Tajik, Tajikistan, national identity, performance, discursive psychology, hermeneutics, visual analysis.*

Рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар ҳамаи ҷодаҳои фаъолияти инсонӣ тағйироти куллиро ба миён овард, ки масъалаҳои этникӣ, миллат, ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ аз он орӣ буда наметавонанд. Дар замони муосир мавқеи худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ барои рушди давлатдорӣ аз замонҳои гузашта дида мубрамтар гардидааст. Доир ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бомаврид таъкид менамоянд: «Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад» [8], зеро «ҳувияти миллӣ метавонад, миллатро ҳамчун субъекти фаъолияткунандаи иҷтимоӣ–таърихӣ, ки дорандаи низоми рушдёфтаи коммуникатсионӣ, ба дӯш гирифтани ҳисси масъулияти ягона, шуури ягона, худшиносӣ, зеҳният, мақсади ягона ва ғ. нишон диҳад» [9, 93 – 94]. Маҳз ҳамин хусусиятҳоро ба инобат гирифта, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баҳри баланд бардоштани ҳувияти миллии тоҷикон чораҳои амалӣ меандешанд.

Баъд аз ботадриҷ рушд намудани раванди ҷаҳонишавӣ ва тезутунд гардидани замони постмодернизм бархе аз муҳаққиқони соҳа доир ба вуҷуд омадани буҳрони ҳувият садо баланд намудаанд, аммо бархе аз одамон, махсусан лидерони сиёсӣ доир ба рушди ҳувияти миллӣ ҳарф мезананд. Чунин ранг гирифтани кор намояндагони соҳаҳои мухталифи илмро водор намуд, ки ба ин соҳа таваҷҷуҳи бештар намоянд, зеро технологияи инноватсионӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ. боиси пайдоиши шакли нави зуҳури ҳувияти миллӣ гардидаанд, ки он барои равоншиносон раванди иҷтимоигардии насли нав, барои сотсиологҳо тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ ва зуҳури шакли нави муносибатҳои шабакавӣ ва барои антропологҳо–зуҳури акторони нав баҳри ташаккули миллатҳо ном бурда мешавад [7, 153].

Таҳлили адабиёти илмӣ талаб менамояд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳувияти миллиро дар асоси усулҳои мухталифи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем, зеро фазои виртуалӣ мафҳуми навро бо номи «дрейфи ҳувият» ба вуҷуд овардааст. Маврид ба зикр аст, ки аксарияти муҳаққиқон нақши фазои виртуалӣ дар рушди ҳувияти миллии баъзе аз миллатҳоро баланд арзёбӣ намудаанд. Бинобар ин, мо зарур донистем, ки нақши фазои виртуалӣ дар рушду инкишоф ва то ба кадом андоза таъсиргузор буданашро ба ҳувияти миллии тоҷикон, мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳем.

Ҳар як нафар метавонад дар шабакаи интернетӣ саҳифаи худро кушода, вобаста ба шавқу завқ ва дараҷаи фаҳмишаш аз маводаш истифода бараду дар он нашр намояд. Муҳаққиқони соҳа аз рӯйи сарсаҳифа (профил) – ашон муштариёнро ба ду гурӯҳ эксплиситӣ (кушода ифодаёфта) ва имплиситӣ (пӯшида ифодаёфта) ҷудо мекунанд. Ба ҳамин монанд, муҳаққиқон А.Е. Жичкин ва Е.П. Белинская таъкид менамоянд, ки инсон ҳангоми муносибати воқеӣ–нисбатан ҳақиқӣ мебошад, аммо дар муоширати виртуалӣ бошад, бо ниқоби психологӣ баромад мекунад [2, 435]. Лиза Накамура ба хулосае меояд, ки баъзе одамонро метавон «сайёҳони этникӣ» [13, 281] ном бурд, зеро дар фазои виртуалӣ барои мавқеъ ёфтан ба ҳар роҳ даст мезананд. Таҳқиқоти солҳои охир шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар байни муштариёни шабакаҳои иҷтимоӣ оҳиста–оҳиста раванди кам гардидани бо номи мустаор баромад кардан, дида мешавад. Аҷибаш дар он аст, ки

муштариёни фазои виртуалӣ нисбат ба дигар нишондодҳояшон алоқамандӣ ба миллатро камтар иваз мекунанд.

Дар раванди омӯзиш, аслан мо ба масъалаи ҳувияти миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баҳо дода, унсурҳои онро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Барои таҳқиқи масъала моро зарур аст, ки як қатор мушкилотро ба мисли доираи фаҳмиши блогерон ва дар шуури онҳо ҳувияти миллӣ гуфта чиро дар назар доранду ҳамчун такмилдиҳандаи ҳувияти миллӣ кадом маводро пешниҳоди омма менамоянд, ба инобат гирем, зеро дараҷаи ҳувияти миллии воқеии иҷтимоӣ ва дараҷаи ҳувияти миллии виртуалӣ тафовут дорад. Моҳияти маводи нашршуда низ аз аҳамият холӣ нест, зеро маводи зикргардида бошуурона ва ё бешуурона таҳия гаштаасту ба кадом табақаи шуури одамон равона гардидаасту муштариён ва ё тамошобину хонандаи мавод, киҳо ба шумор мераванд. Чунин шакли коргузориро дар илм бо номи "ҳувияти перформативӣ" (кал. юн. сохтан, бунёд кардан) ном мебаранд, ки аслан аз тарафи Ҷ. Батлер ба маънои ҳувияти ҷинсӣ низ корбурд гардидааст ва ҳамчунин таъкид менамояд, ки ҳувияти перформативӣ дар инсон бартарӣ дода намешавад, балки дар рафти фаъолияти махсус ташаккул меёбад [1, 24]. Ба ҳамин мазмун муҳаққиқи дигар И. Гофман [5, 147.] ҳувияти перформативиро ба таври киноя истифода бурда, таъкид менамояд, ки инсонҳо барои ҳувияти миллии ҷомеаи муайянро идора намоянд, ҳамчун ҳунарманди театр нақшҳои мухталифро мебозанд. Тафовути актёри театр аз ин ҳунарманд дар он аст, ки дар театр нақши нафареро мебозанд, ки пештар аз тарафи гурӯҳи корӣ таҳия шудааст, аммо дар фазои виртуалӣ ҳунарманд бояд нақши хешро вобаста ба ҳолат ва вазъият бозсозӣ намуда, иҷро намояд. Пас метавон гуфт, ки ҳамон ҳолатеро ҳувияти перформансӣ ном мебаранд, ки шахс нақши «Ман» – и хешро дар фазои виртуалӣ хоҳ бад иҷро менамояд ва ё хоҳ беҳтар аз шахсияти хеш. Бозидани нақш албатта бинандаи хешро дорад ва нигоҳи бинанда ҳувияти перформансиро метавонад ҷудо намояд, аммо ҳолатҳое мешаванд, ки худи бинанда перформанс гардад. Масалан, «қувваи нигоҳи ғосибона» вақте ки бинанда намояндаи миллати дигар бошаду «иҷрокунандагони нақш» намояндагони миллату давлати муваққатан маскуниашон (манзурамон муҳоҷирони меҳнатӣ).

Барои таҳлили умумӣ фазои виртуалиро ҳамчун майдони тадқиқоти муносибати «мо» бо «онҳо» ва ё «онҳо» бо «мо»-ро қарор диҳем. Ҳангоми таҳлили масъала ба усулҳои психологияи дискурсивӣ (илмест, ки падидаҳои психикиро дар раванди таъсири байниҳамдигарии иҷтимоӣ тавассути забон тасвир ва ё маърифат менамояд) такя намудан хело зарур аст, зеро донишу усулҳои психологияи дискурсивиро метавон дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт, забон ва дилхоҳ институтҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳо [6, 20], истифода бурд. Солҳои охир доир ба таҳқиқи фазои виртуалӣ тавассути усулҳои психологияи дискурсивӣ ниҳоят зиёд шуда истодааст, зеро ин таълимот моҳияти муваққатӣ, вазъиятӣ, минтақавӣ, проблемавӣ, муаллифӣ ва мақсаднокӣ барин маводҳои фазои виртуалиро фаро гирифта метавонад.

Илова бар ин моро зарур аст, ки маводи видеоӣ ва ё расмҳоро низ мавриди таҳлил қарор диҳем, пас моро зарур аст, ки методи таҳлили визуалиро аз рӯи принсипи таҳлили расмҳо, видеоҳо, хештегҳо ва зертаҳлилҳо васеъ истифода барем, зеро аксарияти аҳолии Тоҷикистон нисбат ба хондани матнҳо, ба тамошои расмҳо ва наворҳо бартарӣ медиҳанд. Маводи визуалӣ метавонад институтҳои иҷтимоиро ба мисли оила, маориф, мавқеи иҷтимоӣ, майлу рағбатҳо, эътиқодҳои динӣ, ҳокимият, ташкилотҳои сиёсӣ, клубҳо, ҷамъиятҳои касбӣ ва ғ. фаро гиранд. Муҳаққиқони муосир ҳангоми омӯхтани видеоҳо ва расмҳо асосан ба чор унсури он сохтор, имконият, меъёр ва шакли таҳаввули он [10, 120] аҳамият медиҳанд. Ҳар як мавод дар асоси барномаҳои мушаххаси компютерӣ ва диди офаранда сохта шудааст, ки бинандаи закӣ ба осонӣ сохтори он, имконияти офаранда дар кадом сатҳ асту кадом меъёрҳоро (сухан дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ, миллӣ ва динӣ меравад) риоя намудааст ва мавод барои кадом аудитория таҳия гаштанашро муайян менамояд.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ асосан ҳангоми омӯзиши маводҳои аудиовизуалӣ ду шакли таҳлил вуҷуд дорад: таҳлили сифатӣ (ҳангоми таҳлили сифатӣ муҳаққиқ ба моҳияти мавод тавассути усулҳои мантиқӣ (таҳлил, таркиб, индуксия, дедуксия, аналогия, абстраксия ва ғ.) муроҷиат менамояд ва таҳлили шуморавӣ, бо ибораи дигар, контент–таҳлил (муҳаққиқ маводи лозимиро аз нигоҳи оморӣ ва рақамӣ таҳлил менамояд ва усули мушоҳидаро зиёдтар истифода мебарад) ном мебаранд. Дар ин маврид моро зарур аст, ки асосҳои бунёдии таҳаввули таҳияи маводҳои визуалиро муайян намоем. Таҳлили адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон маводи визуалиро барои чунин хусусиятҳояш таҳия менамояд:

1. Пайвастагӣ–инсон дар рафти ҳаёти хеш ба он ворид мегардаду дар ҳудуди он фаъолият менамояд, ки муҳимтаринаш инҳоянд: хона, кор, беморӣ, марг, миллат, ватан, маълумот, сиёсат, ҷанг, фарҳанг, илм, дин, тарбия ва ғайра.

2. Инсон унсури бунёдии ҷомеа ва объекти меҳварии ҳамаи илмҳо ба шумор меравад. Ҳангоми таҳлили маводи визуалӣ доир ба унсурҳои гуногуни фаъолият ва ҳувияти ҷинсӣ, миллӣ ва эътиқодии фард метавон маълумотҳои мушаххас пайдо намуд.

3. Фаоъолияти инсон–тавассути маводи визуалӣ доираи фаъолияти инсонро метавон муайян намуд, яъне бо кадом инсонҳо робита дораду ба кадом соҳаи фаъолият (варзишӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маърифатӣ ва ғ.) майли зиёдтар дорад.

4. Муносибат ба атрофиён–инсон ҳамчун дорандаи рамзҳо, ҳувият, мавқеи иҷтимоӣ ва ё масъулияти ҷамъиятӣ [14, 190] кадом корҳоро ба анҷом мерасонад.

5. Фаъолияти гуруҳӣ. Ҳангоми таҳлили маводи визуалии ифодакунандаи гурӯҳи одамон метавон маълумотҳои гуногунро дастрас намуд, аз қабили майли инсон ба гурӯҳи одамон, хусусиятҳои равонии фард (экстраверт ва ё интроверт, майлу рағбатҳо, мизоҷ, характер ва ғ.).

6. Фарҳанг – ҳангоми мушоҳидаи маводи визуалӣ метавон муайян намуд, ки фард дар доираи кадом унсурҳои фарҳангӣ қарор дораду ба кадоме аз онҳо бартарӣ медиҳад.

7. Муҳити иҳотакарда – ҳам муҳити иҷтимоӣ ва ҳам муҳити табиии фарди миллиро метавон муайян намуд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки маводи босифати визуалӣ метавонад ба муҳаққиқ доир ба хусусият ва қонуниятҳои сохтори иҷтимоӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва ҳаёти иҷтимоии объекти тадқиқот маълумоти муфассал диҳад. Аммо ҷанбаи дигари таҳқиқ низ вуҷуд дорад, зеро ба андешаи муҳаққиқи кореягӣ С. Ли «ҳаёт худ театр аст, зеро ҳангоми тағйири либос, (либосҳои миллии дигар миллатҳоро ба бар намудан) психикаи мо низ ба тағйирот майл мекунад, аммо нуқтаи муҳимтаринаш дар он аст, ки нақшҳои иҷтимоии мо ҳангоми зуҳури ҳувияти миллӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд» [15]. Агар мо як нафарро дар расмҳои гуногун бо сабки либоспӯшии аз замони антиқӣ, то ба либосҳои нимурёну урёни рақоссаҳои дискоклубҳо бубинем, пас суоле ба миён меояд, ки ҳувияти миллии ӯ дар кадом акс хубтар ҳувайдо гаштааст. Дар ин ҳолат ду шакли кор пайдо мегардад: 1. Агар зани дар расм буда, ба ҳайси модел фаъолият дошта бошад, пас ҳамаи ин расмҳо нигоҳи гурӯҳи корӣ ва махсусан режисёрро фаро мегирад; 2. Агар зани дар акс буда, блогер ва шахси оддӣ бошад, ин нафар бо ҳар роҳу восита мехоҳад, ки шумораи аъзоёни гурӯҳи хешро дар фазои виртуалӣ зиёд намояд, пас дар ин ҳолат сухан дар бораи расм ва ё аксҳои ҳувияти миллиро ифодакунанда, рафта наметавонад.

Барои боз ҳам пурратар гардидани нақши фазои виртуалӣ ба хусусиятҳои этно–миллӣ моро мебояд, ки ҳангоми таҳлили матнҳои тортанакхонаи байналмилалӣ ба усули герменевтика такя намоем, зеро усули герменевтикиро одатан дар ҳамаи соҳаҳои моҳиятноки фаъолияти инсонӣ истифода бурдан мумкин аст. Агар мо ба тарзу сохтори фаъолияти интернет аҳаммият диҳем, бароямон бараъло намудор мегардад, ки тортанакхонаи байналмиллалӣ моҳиятан ҳамчун восита баромад карда метавонад, яъне матнҳо танҳо виртуалӣ гаштаанду дастрасӣ ба онҳо зиёдтар шудааст, пас ба пуррагӣ метавон гуфт, ки усули герменевтикӣ барои тасвири робитаи байни фард бо таҷҳизоти электронӣ мубрамияти худро аз даст намедиҳад. Назарияи герменевтикии Х.Г. Гадамер

асосан ба мафҳумҳои забон ҳамчун таҷрибаи олам, шуури марҳилаи таърихӣ, моҳияти предметӣ, саволи герменевтикӣ, ҳуш ва амалҳои таҳтулшуурӣ [4, 29]. ва ғ фаро мегирад. Муҳаққиқони соҳа «диалоги зиндаи асил»-ро мафҳуми меҳварии герменевтика медонанд. Яке аз бартариятҳои асосии усули герменевтикӣ дар он аст, ки дар замони рушди зеҳни сунъӣ васеъ истифода мегардад, ки ба андешаи мутахассисон истифодаи усулҳои герменевтикӣ имконияти дарки олам ва забонҳои табииро фарохтар мегардонад [11], зеро усули эврестикӣ ба дарки моҳияти инсон оварда мерасонад. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа А. Ромеле, М. Северо, П. Фурия истифодаи усули герменевтикии рақамӣ имконияти на танҳо дарки матнро медиҳад, балки фаъолияти иҷтимоии инсонро бароямон рушан месозад [16, 165]. Ж. Бодрийяр ҳангоми тадқиқи реклама ба он рӯ ба рӯ мегардад, ки дар рафти он одатан ба одамони ҷавон ва пиронсолон мавқеъ дода мешаваду насли миёнсол аз он берун мемонанд [3, 139]. Маҳз ҳамин хусусиятро тарғибгарон дар назди бинанда пинҳон мегузоранд, зеро мушкилоти асосии оилавӣ маҳз дар миёнсолӣ сар мезанад на дар ҷавонию на дар пиронсолӣ. Илова бар ин дар замони постмодернизм ва рушди босуръати ҳуши маснуӣ эътимод ба инсонҳо коста мегардад. Пас моро мебояд, ки ҳангоми таҳлили матнҳо ва зершарҳҳо на танҳо ба сатрҳо аҳаммият диҳем, балки «байни сатрҳо»-ро низ ба эътибор гирем.

Баъд аз таҳлилу баррасии мавзуъ якчанд саволҳо ба вуҷуд меоянд. Албатта худи мафҳуми виртуалӣ, торнамои байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба ҳувияти миллӣ барои тоҷикон мафҳумҳои нисбатан ҷавон ба ҳисоб меравнд, зеро дар охири асри XX ва аввали асри XXI ба гардиши илмӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ ворид гаштаанд, аммо ҳаёти шахсияти муосири миллиро бе онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Оё мо тоҷикон таъсиррасонанда ба фазои виртуалӣ ҳастем ва ё фазои виртуалӣ таъсиррасон ба ҳаёти мост? Оё мо фазои виртуалиро дуруст истифода бурда истодаем ва ё дастандаркорони фазои виртуалӣ моро истифода бурда истодаанд? Блогерон қудрати ба шууру ҳувияти миллии мо таъсир (хоҳ мусбӣ ва ё хоҳ манфӣ) расониданро доранд? Савияи дониш, ҷаҳонбинӣ, сатҳи малакаи расонидани хабар ва хушсуханию забондонии блогерон барои инъикос намудани миллат дар фазои виртуалӣ кифоягӣ менамояд? Ҳар як фарди миллӣ баъд аз вохӯрдан ба чунин суолҳо бояд дар замири хеш унсурҳои қаноатманд будан ё набудан аз фазои виртуалиро баррасӣ намояд ва мумкин аст, ки барои хеш ҷавоби дурустро дарёфт намояд. Дар ин ҳолат таҳқиқи чунин як падидаи иҷтимоӣ мубрамияти хешро зиёдтар менамояд ва муҳаққиқони соҳаҳои мухталифро мебояд барои омӯзиши таъсири фазои виртуалӣ ба ҳувияти миллӣ камари ҳиммат банданд. Новобаста аз гуфтаҳои боло чунин хулосаю пешниҳодҳо намудан мумкин аст:

1. Таъсири фазои виртуалӣ ба ҳама соҳаҳои ҷамъият амри қотеъ ба ҳисоб меравад, зеро ҳар як унсури ҷомеа бо интернет пайваст мебошад. Бинобар ин моро мебояд, ки фарҳанги истифодаи интернет ва махсусан шабакаҳои иҷтимоиро дар ҳама институтҳои ҷомеа (аз оила шуруъ намуда, то ба коргоҳ) баланд бардорем;

2. Дар фазои виртуалӣ «инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад ва худкифо бошад» [12, 15], зеро танҳо инсони комили дорои хусусиятҳои болозикр метавонад, дар замони муосир баргузида бошад;

3. Барои баланд бардоштани ду хусусияти асосии шахсияти муосир: тафаккури интиқодӣ ва шаккокияи солим майдони мусоид фароҳам оварем;

4. Дар ВАО доир ба сатҳи забондонию ахлоқи блогерон маводи зиёди танқидӣ вуҷуд дорад, ки шиореро ба хотир меорад: «Аз мост ки бар мост», яъне шаклҳои шуури ҷамъиятии мо дар ҳамин сатҳ қарор доранд. Пас моро мебояд, ки барои рушди шаклҳои шуури ҷамъиятии омма миён бандем;

5. Ташкили озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои рушди шаклҳои шуури ҷамъиятӣ таъсир расонида метавонанд, аммо моро мебояд, ки барои тағйири идеали наврасон чораҳои амалӣ бинем, зеро дар шуури наврасон ҷамъ овардани маблағи калон

танҳо тавассути муҳоҷират имконпазир аст, ки албатта барои миллати соҳибтамаддун хело нанговар аст;

6. Барои тарғиби ҳувияти миллӣ ва баланд бардоштани мавқеи миллати тоҷик дар байни дигар миллатҳо бояд ҳар як маводи аудиовизуалии фазои виртуалӣ бо якчанд забон тафсир карда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Батлер Дж. Заметки к перформативной теории собрания / пер. с англ. Д. Кралечкина. М.: Ад Маргинем Пресс, 2018. – 248 с.
2. Белинская Е.П. Взаимосвязь реальной и виртуальной идентичностей пользователей социальных сетей / Белинская Е.П. // Образование личности. - 2016. - № 2. - С. 31-40.
3. Бодрийяр Ж. Общество потребления. М.: АСТ, 2021. 320 с.
4. Гадамер Г.-Г. Истина и метод. - М.: Прогресс, 1988. -699 с.
5. Гофман, И. Представление себя другим в повседневной жизни / Пер. с англ, и вступ. статья А. Д. Ковалева. - М.: «КАНОН-пресс-Ц», «Кучково поле», 2000. – 304 с.
6. Йоргенсен, М. Дискурс-анализ. Теория и метод / М. Йоргенсен, Л. Филлипс. - Thousand Oaks, 2008. – 354 с.
7. Махмутов З.А. Новые формы функционирования и воспроизводства этничности (татарские этнолокализованные виртуальные сообщества) / З.А. Махмутов // Кавказология - 2019. -№ 2. - С. 152-163.
8. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. [Захираи электрони] Манбаи дастрасӣ https://www.president.tj/event/missives/54181.
9. Саидумаров, С. С. Асосҳои ташаккули ҳувияти миллӣ дар Тоҷикистон / С. С. Саидумаров, З. Авғонова, Ф. Р. Тураев // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2023. – No. 3(27). – P. 93-100. – EDN FAPJXW.
10. Чураков А. Н. Анализ социальных сетей // СоцИс. 2001. № 1. С. 109–121.
11. Шульга Е.Н. Когнитивная герменевтика. [Захираи электрони] Манбаи дастрасӣ - URL: http://svitk.ru/004_book_ book/7b/1704_hulga-germenevtika.php (дата обращения: 17.04.2023).
12. Ятимов С.С. Корномаҳои ҷовидонаи пешвои муаззами миллат /С.С. Ятимов// Илм ва амният. Нашрия Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 (13), 2025, – Душанбе. - 2025. - №3(13), – С. 8 – 25.
13. Lindridge A. (Virtual) ethnicity, the Internet, and well-being / A. Lindridge, G. Henderson, A. Ekpo // Sage journals. - 2014. - Vol. 15. - № 2. - P. 279-285.
14. Emmison Michael, Smith Philip. Researching the Visual. London: Sage. 2000. – 242
15. Kim E.S. Nikki S. Lee's "Projects" - And the Ongoing Circulation of Blackface, Brownface in "Art". URL: https://contemptorary.org/nikki-s-lees-projects-and-the-ongoing-circulation-of- blackface-brownface-in-art
16. Frabetti F. Have the humanities always been digital? / In Understanding Digital Humanities, ed. D. Berry. - London: Palgrave Macmillan, 2012. - P. 161-171.

002.01(075)(575.3)

# НАХУСТИН КИТОБҲОИ ДАРСИИ ТОҶИКӢ ВА ТАЪРИХИ ЗУҲУРУ ТАШАККУЛИ ОНҲО

**РАҲИМОВ С.М.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур, нахустин китобҳои дарсии тоҷикӣ ва таърихи зуҳуру ташаккули онҳо баррасӣ гардидааст. Дар иртибот ба ин, таъкид карда шудааст, ки воқеан ҳам таснифи китобҳои дарсӣ дар Тоҷикистон таърихи ғанӣ дошта, дар ҳар давраи рушду инкишоф вежагии хосси худро дорад. Дар ин замина, ҳарчанд муаллифони китобҳои дарсӣ дар ин роҳ ба мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ мешуданд, вале маҳз эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ дар пешорӯи ҷомеа, маърифатнок намудани онҳо ва ҳамзамон ифтихори баланди ватандорӣ водор менамуд, ки саҳми хешро дар рушду нумуи таълифи китобҳои дарсӣ гузоранд. Тазаккур мегардад, ки таърихи ташаккулу таҳаввули таълифи китобҳои дарсӣ дар чор давра – давраи то Инқилоби Октябр, давраи пас аз Инқилоби Октябр, баъди солҳои сиюми асри бистум ва давраи навтарин ҷараён гирифта, дар такмили донишандӯзии насли оянда, нақши сазовор гузоштааст.*

**Вожаҳои калидӣ:** *Маорифпарварӣ, китобҳои дарсӣ, забони тоҷикӣ, Самарқанд, Бухоро, Инқилоби Октябр, Садриддин Айнӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ.*

# ПЕРВЫЕ ТАДЖИКСКИЕ УЧЕБНИКИ, ИСТОРИЯ ИХ ПОЯВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ

**РАХИМОВ С.М.**
*Соискатель Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье рассматриваются первые таджикские учебники и история их возникновения и формирования. В этой связи подчеркивается, что классификация учебников в Таджикистане имеет богатую историю и обладает своими особенностями в каждом периоде своего развития и роста. В этой связи, хотя авторы учебников сталкивались на этом пути со многими трудностями, именно высокое чувство ответственности перед обществом, его просвещением и одновременно высокое чувство патриотизма побуждали их вносить свой вклад в развитие и становление учебниковедения. Отмечается, что история формирования и развития учебниковедения проходила в четыре периода – период до Октябрьской революции, период после Октябрьской революции, период после 30-х годов XX века и новейший период.*

**Ключевые слова:** *Просветительство, учебники, таджикский язык, Самарканд, Бухара, Октябрьская революция, Садриддин Айни, Туракул Зехни.*

# THE FIRST TAJIK TEXTBOOKS AND THE HISTORY OF THEIR EMERGENCE AND FORMATION

**RACHIMOV S.M.**
*Applicant of the Institute of philosophy, law and political science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*This article examines the first Tajik textbooks and the history of their emergence and formation. In this regard, it is emphasized that the classification of textbooks in Tajikistan has a rich history and has had its own peculiarities in each period of development and growth. In this regard, although the authors of textbooks faced many difficulties on this path, it was precisely the high sense of responsibility towards society, its enlightenment, and at the same time the high pride of patriotism that prompted them to make their contribution to the development and growth of textbooks writing. It is noted that the history of the formation and evolution of textbooks writing took place in four periods - the period before the October Revolution, the period after the October Revolution, after the thirties of the twentieth century and the most recent period.*

**Keywords:** *anligentenment, educational books, Tajik language, Samarkand, Bukhara, October Revolution, Safriddin Ayni, Turaqul Zehnyi.*

Тавре маълум аст, охири асри XIX ва аввали асри XX дар баъзе аз кишварҳои Аврупоӣ, Русияи подшоҳӣ ва Туркия ҷунбишҳои сиёсӣ-озодихоҳӣ ба миён омад, ки тадриҷан таъсири худро ба кишварҳои Осиёи Миёна (*Аморати Бухоро, хонигарии Хева, Туркистон*), низ расонидааст. Дар ин муддат ҳаёти моддӣ ва маънавии ин кишварҳои мустамликавӣ ба тағйироти куллӣ мувоҷеҳ шуд. Дар робита ба ин, ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва хусусан, вазъи фарҳангиву мафкуравии ҷомеа комилан дигаргун гардида, илму маориф ва маданияти мардум инкишоф меёбад. Нашри рӯзномаву маҷаллаҳо, аз қабили «Вақт», «Мулло Насриддин», «Хуршед», «Юлдуз», «Иҷтиҳод», «Шуро», «Бухорои шариф», «Сироҷ-ул-ахбор», «Самарқанд» ва ғайра бо забонҳои гуногун ва дастрасии он ба ҷомеа мафкураи оммаи мардумро дигар намуданд. Маҳз ба сабаби зуҳуру рушди матбуоти даврӣ одамон имконият пайдо намуданд, ки аз хабарҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳое, чун Русия, Туркия, Кафқоз, Тотористон ва бархе аз кишварҳои аврупоӣ огаҳӣ пайдо намоянд. Сафарҳои корӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ), тиҷоратӣ, сайёҳӣ ва инчунин таҳсили толибилмон аз шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна ба Русияву Туркия ба ҷаҳонбинии онҳо таъсири мусбат мерасониданд. Аз ҷониби дигар, ақидаҳои пантуркистӣ низ дар Аморати Бухоро ва дигар шаҳрҳои хурду бузурги минтақа рӯз аз рӯз бештар мегардиданд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ин давра хатмкардаҳои мадорису макотиби туркӣ афзоиш ёфта, таъсиси мактабҳои замонавӣ ё ин ки «ҷадидия» ба забони туркӣ низ зиёд мешуданд. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои чунин мактабҳо дар шаҳрҳои Тошканду Самарқанд, Қӯқанду Когон, Қазон ва кишварҳои туркӣ нашр мегардиданд.

Бино ба андешаҳои донишманди тоҷик Соҳиб Табаров дар пешгуфтори худ ба китоби дарсии устод С. Айнӣ «Тазҳиб-уб-сибён», аввалин муаллифони китобҳои дарсӣ барои мактабҳои нав, ба монанди Мунавварқорӣ (Муаллифи китобҳои дарсии «Адиби аввал. Алифбо», «Адиби сонӣ», «Адиби толиб» ва ғайра), Аҳмадхоҷа-эшон (муаллифи «Насоеҳ-ул-атфол»), Мулло Маҳкам (муаллифи «Дар хусуси муомилоти савдо ва тиҷорат Таърихи муқаддас»), Шокирҷон (муаллифи «Таърихи муқаддас») ва Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ мебошанд, ҳар яке дар навбати худ ҷиҳати маърифатнок намудани ҷомеа нақши бориз гузоштаанд.

Нигоштаҳои зерини донишманди фавқуззикр ҳолати нашри аввалин китобҳои дарсиро ба забони тоҷикӣ-форсӣ дар беҳтарин ваҷҳ инъикос менамояд. Бо забони тоҷикӣ-форсӣ дар солҳои 1907 – 1914 чопу интишор ёфтани якчанд китобу васоити дарсиро барои мактабҳои ҷадидия фоли нек шуморидан мумкин аст, ки дар байни он дастурҳои таълимӣ – «Раҳбари форсӣ» ва «Мунтахаб-ул-гулистон ё худ қироати форсӣ»-и Мулло Муҳаммад Расулӣ, «Раҳнамои савоб-и Абдулқодири Шакурӣ» ва монанди онҳоро махсус қайд кардан лозим аст [2, 4 – 5].

Лозим ба ёдоварист, ки саҳми маорифпарварони тоҷик низ дар таълифи китобҳои дарсӣ баланд арзёбӣ мегардад. Дар пайвастагӣ ба ин, соли 1908 Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, аз аввалинҳо шуда китоби алифборо бо номи «Раҳбари хат» ва дар соли 1910 бошад, Садриддин Айнӣ китоби дарсии «Тазҳиб-ус-сибён»-ро барои мактабҳои нави тоҷикӣ нашр намуданд. Китоби мазкури устод Айнӣ маротибаи дуюм соли 1917 бо ворид намудани иловаҳо нашр ва дастраси хонандагон гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар «Тазҳиб-ус-сибён»-и соли 1917 зиёда аз 90 панду ҳикояҳо, шеъру маснавиҳо оварда шудааст, ки танҳо дар 4 – 5 маврид аз он дар бораи эътиқод, Худову Расул, Қуръон ва муъмину мусулмон матнҳои кӯтоҳ-кӯтоҳро дарбар мегирад. Боқимондаи он панду ҳикояҳо дар васфи мактабу муаллим, илму маърифат, эҳтироми падару модар, одобу ахлоқ ва ғайра мебошанд. Барои мисол намунаи он, ки дар бораи мактабу илмомӯзист, чунин ном дорад:

Саволу ҷавоб

– Хонаи нағзи дунё кадом аст?
– Мактаб аст.
– Бачагони нағз?
– Бачагони мактабанд.
– Аз бачагони нағз кадомашон нағзтаранд?
– Бачагоне, ки ҳаргиз аз мактаб намемонанд.
– Аз инҳо кадомашон хубтаранд?
– Бачагоне, ки ба сабақашон зӯр мезананд ва сайъ мекунанд.
– Аз инҳо кадомашон беҳтаранд?
– Қоғазу қалами шариконашро бе ҷавоб намегиранд, ба шарики қоғазу қалам надоштагиаш қаламу қоғази зиёдатии худро медодагӣ бошанд, соҳибҳиммат, назарбаланд мешаванд [6, 10].

Аз ҷумла, шеъре, ки Садриддин Айнӣ дар васфи мактаб сурудааст, арзишу аҳаммияти ин боргоҳи илму маърифатро дар беҳтарин ваҷҳ ифода намудааст:

Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,
Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб.
Як нуқтаи мухтасар зи мактаб гӯям:
Одам нашавад касе, магар аз мактаб [6, 10].

Ҳамзамон, дар маснавии дар васфи мактаб сароидаи шоир ба наврасону кӯдакон аҳаммияти ин боргоҳро дар омӯзиши илму фарҳанг таъкид менамояд:

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи мактаб.
Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.
Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад.
Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад [6, 10].

Лозим ба ёдоварист, ки китоби дарсии мазкур дар замоне таълиф ва дастраси хонандагон гардидааст, ки ҳукумати вақти Аморати Бухоро бо тамоми руҳониёни мутаассибаш бар зидди равшанфикрон, маорифпарварон, мударрисони мактабҳои нав буданд ва чунин шахсон бо ҷурми «ҷадидия» таъқиб ва муҷозот мешуданд. Таъқиби равшанфикрони замон худ шаҳодати возеҳи он аст, ки воқеан ҳам китоб дур аз хурофоту таассуб ва ифротгароии динӣ буда, ҷиҳати бедории ҷомеа ва маърифатнокии мардум дар он аҳд бисёр муҳим буд.

Бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ («Таърихи нофеӣ») дар соли 1916 аҳолии шаҳри Бухоро 80 ҳазорро ташкил мекард. Дар шаҳр 400 мадраса, 296 масҷиди панҷвақта, 18 масҷиди ҷомеъ, 80 гӯрхона, 13 китобхона, 96 қорихона ва мактабхона фаъолият мекарданд. Дар аксари мадорису макотиби он низом таълиму тарбия бо усусли асримиёнагӣ ба роҳ монда шуда буд.

Қобили тазаккур аст, ки С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ вазъи таълимро дар мадориси Бухоро бисёр воқеӣ ба силки тасвир кашидааст: «*Дар мадрасаҳои Бухоро асосан илмҳои зерин таълим дода мешуданд: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди исломӣ (илми калом), ҳикмат (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, ҳаҷ, закот, хариду фурӯш, ғуломдорӣ, зангирӣ, зансардиҳӣ ва ғайра)*» [5, 140].

Бар мабнои маълумоти С.Айнӣ дарсҳои ҳисобу адабиётро дар мадрасаҳо ҳар кас бо хоҳиши худаш мустақилона мехондааст ва дигар дарсҳо, аз ҷумла, забони модарӣ умуман таълим дода намешудааст. Китобҳои дарсии мадрасаҳои Бухоро, ки омӯзиши пурраи онҳо 19 солро дарбар мегирифтааст, аз инҳо иборат буданд:
– «Бидон» (сарфу наҳви забони арабӣ (морфология ва синтаксиси забони арабӣ);
– «Аввали илм» (заруриёти динӣ ба забони тоҷикӣ);
– «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ» (сарфи забони арабӣ);

– «Авомил» (наҳви забони арабӣ);
– «Қофия» (наҳви муфассалтари забони арабӣ).
– «Шарҳи мулло»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Шамсия» (Мантиқ);
– «Ҳошияи Қутбӣ» (шарҳи «Шамсия») ва «Ақоиди Насафӣ»;
– «Таҳзиб» (мантиқ ва илми калом);
– «Ҳикмат-ул-айн» (ҳикмати табиӣ ва илоҳиёт);
– «Мулло Ҷалол» (илми калом) [5, 141].

Устод Айнӣ мадраса ва китобҳои таълимии онро чунин баҳогузорӣ кардааст: «*Ин дарсҳо ва китобҳое, ки дар боло ном бурда шуданд, ҳеҷ тағйирнаёбанда ва агар чунин таъбир ҷоиз бошад, «стандартный» буда, аз асрҳои 15-16 бо ҳамин тарз давом намуда омадаанд ва фарқ дар ин ҷост, ки ба гузаштани замон ва асрҳо бар болои китобҳои мазкур шарҳ ва ҳошияҳои нав ба нав пайдо шуда мударрис ва талабагонро асосан ҳамин шарҳ ва ҳошияҳои бефоида ба худ машғул доштаанд…*» [5, 141].

Ба ин нигоҳ накарда аксарияти мударрисон ва муҳассилини мадрасаҳои Самарқанду Бухороро тоҷикзабонон ташкил медоданд ва таълим ҳам ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуда буд. Аммо, пас аз инқилоб (августи соли 1920) дар Бухоро на танҳо мактабҳои тоҷикӣ аз байн рафтанд, балки миллату забони тоҷик низ дар ҳоли нобудшавӣ қарор дошт. То соли 1924 нуфузи тоҷикон дар шаҳрҳои бузурге, чун Самарқанд ва Бухоро ба 5 – 6 маротиба кам нишон дода шуда, ин шумора дар солҳои баъдӣ ба даҳҳо маротиба кам арзёбӣ карда шуд.

Таъкид ҷоиз аст, ки дар таълифи китобҳои дарсии замони Тоҷикистони Шуравӣ дар солҳои 1924-1935 саҳми донишмандони тоҷик баланд арзёбӣ мегардад. Доктори илмҳои филологӣ А. Маҳмадаминов дар сарсухани китоби Абдурауфи Фитрати Бухорой «Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв)» чунин шарҳ додааст «*Таълифоти донишмандони тоҷик устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» (1928), «Забони тоҷикӣ» (1928), «Ҷавоби ман» (1929), «Китоби нахустин» Сайид Ризо Ализода (1920), «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1926), «Дабистони тоҷик» (1927), А. Фитрат «Сарфи забони тоҷикӣ» (1925), Тӯрақул Зеҳнӣ ва В. Маҳмудӣ «Омӯзиш» (қисми 1. 1927, қисми 2-3 1928), В. Маҳмудӣ «Дастури амалӣ» (Сарф барои синфи 2) (1927), Р. Ҳошим «Ҷаҳони нав» (1928), Р. Ҳошим, Граматович ва Дмитриевский «Китоби дарсии забони тоҷикӣ барои кормандони рус дар дастгоҳи давлатии РСС Тоҷикистон» (бо забони русӣ, 1930), Т. Зеҳнӣ «Таҷрибаи аввалин аз сарфи забони тоҷикӣ (1930), ки дар мактабҳо таълими забони тоҷикӣ аз рӯи онҳо сурат мегирифтанд, ташаббуси нахустин ва заминаи муҳимме ба шумор мерафтанд»* [1, 128].

Китоби «Сарфи забони тоҷикӣ»-и Т. Зеҳнӣ ва Ҳ. Бақозода, ки соли 1935 бо хатти лотинӣ чоп шудааст, бо заҳмати зиёди ин устодон рӯйи кор омадааст. Муаллифон ба омӯзиши ҷумла ва хелҳои он, аъзоҳои пайрави ҷумла, ҳиссаҳои нутқ ва дигар қоидаҳои грамматикии забони тоҷикӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Дар ин радиф, ба китоби мазкур, овардани мисолҳо ҳам эътибори ҷиддӣ дода шуда, аз таассубу хурофоти динӣ дурӣ ҷуста шудааст. Ҳамзамон, мисолҳо мутобиқ ба замон ва ғояҳои давлатдории вақт (Ҳукумати Шуравӣ, партияи коммунистӣ, сотсиализм, Ленин, Сталин, Иди Октябр ва ғайра) оварда шудаанд.

Дар ин китоб аз шоиру нависандагони тоҷик, ба монанди С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, Ҳ. Каримзода, М. Абдулғанӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва нависандаи рус М.Горкий ва дигарон шеърҳо ва порчаҳои насрӣ дар васфи Сталин, инқилоб, Ҳукумати Шуравӣ, буржуазияи Аврупо, парчам ва аскарони сурх, майдони пахтазор, колхозчиён, илму дониш, саводнок шудан, маърифатнокӣ, мактаб, озодӣ, босмачӣ ва ғайра оварда шудааст. Яъне, ҳамаи шеърҳо ва қиссаву ҳикояҳо дар китоби номбурда мутобиқ ба давру замон, ки сиёсати давлатӣ талаб мекард, матраҳ гардидаанд. Албатта, таълиф ва нашри чунин асарҳо барои рӯй овардани аҳолии кишвар ба замони нав ва дур сохтани онҳо аз ақоиди асримиёнагӣ хизмати шоистаро анҷом медоданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба мактабҳои нави Ҳукумати Шуравӣ дар солҳои баъд аз инқилоб дар миқёси Аморати Бухоро осон набуд. Зеро аҳолиро лозим омада буд, ки аз хатти худ, аз форсӣ – арабии асрҳо дар матну батни зиндагии мардуми тоҷик ҷойгузиншуда ба хатти лотинӣ ва баъдан ба сириллик интиқол диҳанд. Аз ҷониби дигар, таъсири омилҳои миллатгароӣ барои аз байн бурдани забону адабиёти тоҷикӣ ва ҳамчунин миллате бо номи тоҷик, ки аксарияти аҳолиро дар шаҳрҳои бузурге чун Самарқанду Бухоро ташкил медод, ба ин мусоидат мекард. Вале новобаста ба ин, халқи тоҷик дар чунин шароити номусоид тавонист, ки аз вазъи ногувори бесаводӣ раҳоӣ ёбад.

Мутаассифона, имрӯзҳо ба гузаштаи начандон дури таърихи халқамон, хусусан ба саҳми муаллифони аввалин китобҳои дарсӣ дар таълиму тарбияи миллати азияткашидаи тоҷик, ташаккули мактабу маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда намешавад. Гарчанде дар гузашта, шахсиятҳои ватанпарвар ҳарчанд дар зери таҳдиду хатарҳои ифротгароёни сиёсиву динӣ қарор гирифта буданд, вале, қарзи виҷдонӣ ва вазифаи ҷонии хешро пеши халқу ватани худ сарбаландона иҷро намуданд. Маҳз бо саъю кӯшиш ва талошҳои фарзандони фарзонаи тоҷик ва донишмандони бонангу номуси кишвар тоҷикон аз вартаи бесаводӣ наҷот ёфтанд.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ замони навтарини рӯй овардани ҳамватанонамон ба мактабу маориф оғоз гардид. Албатта, дар даврони навин, дар даҳсолаҳои якуму дуюми соҳибистиқлолӣ, шароити иқтисодиву иҷтимоӣ на ҳама вақт имкон медод, ки ба таълифи китобҳои дарсӣ ва таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар диққати сазовор дода шавад. Аммо, даҳсолаи охир тамоми имконияту заминаҳои мусоид дар ин самт ҳувайдост. Ба ин нигоҳ накарда ҳанӯз ҳам хатогиву камбудиҳо дар таълифи китобҳои дарсӣ, рӯй овардан ба хурофоту ифротгароии динӣ дар ҷомеа ба мушоҳида мерасад. Барои мисол Н. Асадзода, таассуроти худро аз китобҳои дарсии барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар маҷалаи «Садои Шарқ» №6, соли 2024 дар мақолае зери номи «Хурофотгароиву тақдирпарастӣ ва таъсири он ба характери миллӣ» инъикос намудааст, ки чунин мебошад: «*Ҳатто китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии мо пур аз маводи хурофотиву миллиситезона ва фаталистӣ аст. Муҳтавои баъзе китобҳои дарсии гуманитарӣ, ҳатто фанҳои забон ва адабиёти тоҷик на танҳо ба масири миллӣ ва методологияи илмӣ мутобиқ нестанд, балки куллан дар қутби муқобили он қарор доранд ва ба раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ садамаи ҷиддӣ ворид месозанд. Мутаассифона, иддае аз мураттибону муаллифони китобҳои дарсӣ ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ба ҷойи такя кардан ба илму фалсафа ва методологияи илмӣ, ба меъёрҳои хурофӣ ва муқаррароти мазҳабӣ такя кардаанд*» [3, 105 – 106].

Муаллиф барои тасдиқи иддаои худ аз китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 6-ум (нашри сеюм, Душанбе: «Маориф» соли 2014) мисол оварда қайд намудааст, ки дар китоби мазкур аз Муҳаммад Ғаззолӣ се ҳикоя оварда шудааст, ки дар дутои он тақдирпарастиву хурофот таблиғ мешавад. *Чунончи, дар ҳикояи «Моҳигир ва ҷавони ситамкор» (саҳ.71) қаҳрамон роҳи ҳалли мушкилиро дар хоб мебинад ва дасти буридаи ӯ дар як шаб бозофарида мешавад. Дар ҳикояи «Савор ва марди нобино» (саҳ.72) муаллиф бо зӯроварӣ аз худ кардани ҳамёни бегона ва қатли як пири нобиноро аз сари қаҳру ғазаб дуруст мешуморад. Шарҳи ҳикояи мазкур аз он далолат мекунад, ки одамон бояд ба тақдир тан диҳанд ва ҳамаи падидаҳои рӯйдодаро, ҳатто падидаҳои номатлубро хости илоҳӣ донанд* [3, 105 – 106].

Дар канори ин, муаллифи мақола аз китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9-ум (Душанбе: «Маориф», соли 2014) чунин мисол овардааст. «*... Агар аз як тараф, ноуҳдабароии шоҳону ҳокимон сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар, ба хотири он ки ба халқ ҷабру зулми беҳад карданд, ғазаби Худо шуд ва онҳо аз тоҷу тахт маҳрум монданд» (саҳ.111).*

Н. Асадзода аз омӯзиши китоби адабиёти тоҷик барои синфи 10-ум (нашри сеюм бо такмил ва иловаҳо, Душанбе: «Маориф», 2018) чунин хулосабарорӣ намудааст, ки дар он боби алоҳидаву муфассале ба Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ихтисос дода шудааст (саҳ. 318-332). *«Дар зимн аз эҷодиёти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ асари»:*

*Боби якум: « Дар баёни вузуъ ва ғусл»*
*Боби дуюм: «Дар баёни авқоте, ки намоз соқит аст ва тарки он воқӣ»*
*Боби сеюм: «Дар баёни рӯза»*
*Боби чорум: «Дар никоҳ дар шаб ё рӯзи зифоф»*
*Боби панҷум: «Дар баёни аъмоли шаби зифоф»*
*Боби шашум: «Дар баёни зоёнидани занон»*
*Боби ҳафтум: «Дар баёни ҳаммом рафтан»*
*Боби ҳаштум: «Дар баёни созҳо ва феъли он»*
*Боби нуҳум: «Дар баёни фаслҳо ва авқоти он»*
*Боби даҳум: «Дар баёни муоширати занону шавҳарон»*
*Боби ёздаҳум; «Дар баёни матбуоте, ки ба назар воҷиб аст»*
*Боби дувоздаҳум: «Дар баёни таъвиз ба ҷиҳати захми чашм»*
*Боби сенздаҳум: «Дар баёни маҳраму номаҳрам»*
*Боби чордаҳум: «Дар баёни истинҷоби дуо» ва ғайра.*

Вобаста ба мавзуи мазкур, муҳаққиқ чунин хулоса намудааст, ки *«Китобҳои дарсии* «Адабиёти тоҷик» ағлабан бо тарзи бинишу фаҳмиши асримиёнагӣ таълиф гардидаанд, ҳол он ки адабиёт аз ҷумлаи фанҳоест, ки дар раванди зеҳниятсозӣ ва ташаккулу таҳаввули биниши миллӣ метавонад нақши калидӣ дошта бошад» [3, 105 – 106].

Муаллиф бо натиҷагирӣ аз масъалаи мавриди назар чунин изҳори ақида менамояд: «...Мушкил то ба ин ҳад амиқ аст, ки иддае аз муаллифони китобҳои дарсии фанҳои филологӣ насли наврас ва ҷавонро ошкоро ва ҳадафмандона ба сӯйи хурофоти мазҳабӣ ва хушкандешӣ раҳнамоӣ мекунанд» [3, 105 – 106].

Дар шароити имрӯза, ки хатари терроризму экстремизми динӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди воқеӣ дорад ва мо шоҳиди онем, ки сиёсати духӯраи баъзе аз кишварҳои абарқудрати минтақа ва ҷаҳон баъзе аз давлатҳои озоду мустақилро ба нестӣ бурда расонидааст, таълифи китобҳои дарсии инъикосгари хурофотпарастиву дунёбезорӣ хонандаро ба гумроҳӣ мебарад ва он бар хилофи арзишҳои миллист.

Китоби дарсӣ бояд роҳнамо ва ё чароғи ҳидояткунанда барои наврасону ҷавонон бошад. Аз ин лиҳоз, иштибоҳи муаллиф дар китобҳои дарсӣ ҷомеаро ба роҳи нодурусти маънавӣ ва зиндагӣ мебарад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки М.Сабурӣ дар мақолаи «Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст...», (Нигоҳе ба китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 6-уми МТМУ, муаллиф Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ, нашри чорум бо теъдоди 150 000 нусха. – Душанбе: «Маориф», 2022. – 200 саҳ.) ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [8]. Роҷеъ ба китоби дарсии синфи шашум чунин ибрози назар менамояд: «Дар китоби дарсии мазкур таълими адабиёти шифоҳӣ, афсонаҳо, таронаҳо, латифаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, нақлу ривоятҳо, дубайтиву рубоиёт ба назар гирифта шудааст, ки ба суди кор аст» [4]. Донишманд бар он назар аст, ки аз назари фарогирии мухтаво дар ин бахш печидагиҳо ва номафҳумиҳое вуҷуд дорад, ки қабулашон аз тарафи хонандагони ин синну сол мушкил аст. Масъалаи таснифи жанрҳои фолклорӣ, албатта, ба кори муаллифи китоб ҳам чандон бастагӣ надорад. Зеро таснифи жанрҳои фолклорӣ ҳанӯз миёни фолклоршиносон ҳалли худро наёфтааст. Дар ин китоб мебоист муаллиф бо маълумоти мухтасару содае дар мавриди чистон, зарбулмасалу мақол ва тезгӯяк барин жанрҳои фолклорӣ иктифо мекард. Дар ин бахш муаллиф оид ба суруду тарона маълумот медиҳад. Онҳоро ба ду даста – халқӣ ва касбӣ тақсим намуда, мушаххасан фарогири кадом мавзуъҳо будани онҳоро бозгӯ мекунад. Ба назар мерасад, ки байни суруду тарона тафовуте мавҷуд нест, дар ҳоле ки муаллиф таронаро ҳамчун жанри алоҳидаи шеърӣ шарҳ медиҳад ва ин байтро далел меорад:

Манаму ҳамин тарона,
Нахӯрам ғами замона [4].

Қайд кардан бамаврид аст, ки масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ва Пешвои муаззами миллат қарор гирифтааст. Аз ин хотир, пайваста дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъала арзёбӣ карда мешавад. Аз ҷумла, ин сиёсатмадори дурбину хирадманд вобаста ба таҳияи китобҳои дарсӣ зимни вохӯрӣ ва суханронии худ бо зиёиёни кишвар чунин дастур дода буданд: «Академияи таҳсилот ба масъалаи дурнамои рушди маориф бояд диққати аввалиндараҷа дода, доир ба мақоми мактаби муосир, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти хонандагону донишҷӯён пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд» [7].Дар робита ба ин, таърихи ташаккулу таҳаввули таълифи китобҳои дарсиро метавон ба чор давра тақсимбандӣ намуд:

1.Давраи то Инқилоби Октябр. Дар ин давра нахустин китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ тасниф гардиданд, ки муаллифони онҳо Мунавварқорӣ (Муаллифи китобҳои дарсии «Адиби аввал», «Адиби сонӣ», «Адиби толиб» ва ғайра), Аҳмадхоҷа-эшон (муаллифи «Насоеҳ-ул-атфол»), Мулло Маҳкам (муаллифи «Дар хусуси муомилоти савдо ва тиҷорат»), Шокирҷон (муаллифи «Таърихи муқаддас») ва Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ мебошанд, ки ҳар яке дар навбати худ ҷиҳати маърифатнок намудани ҷомеа накши бориз гузоштанд.

2.Давраи пас аз Инқилоби Октябр то солҳои сиюми асри бистум. Намунаи барҷастаи аввалин китобҳои дарсии ин давра «Тазҳиб-уб-сибён» -и устод С. Айнӣ.

3.Баъди солҳои сиюми асри бистум. Муҳимтарин китобҳои дарсии ин давра ба қалами Сайидризо Ализода (муаллифи «Сарфу наҳви тоҷикӣ»), Тӯрақул Зеҳнӣ, Ҳ. Бақозода (Сарфи забони тоҷикӣ) ва дигарон марбут мебошанд.

4.Давраи навтарин, ки ба давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон рост меояд ва дар ин аҳд китобҳои дарсии сершуморе рӯйи кор омаданд.

Аз таҳқиқу баррасии масъалаи мавриди назар метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки воқеан ҳам таснифи китобҳои дарсӣ дар Тоҷикистон таърихи ғанӣ дошта, дар ҳар давраи рушду инкишоф вежагии хосси худро дошт. Ҳарчанд муаллифони китобҳои дарсӣ дар ин роҳ ба мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ мешуданд, вале маҳз эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ дар пешорӯи ҷомеа ва маърифатнок намудани онҳо ва ҳамзамон ифтихори баланди ватандорӣ онҳоро водор менамуд, ки саҳми хешро дар рушду нумӯи таълифи китобҳои дарсӣ гузоранд.

## АДАБИЁТ:


1. Маҳмадаминов, А. Абдурауфи Фитрати Бухороӣ/ Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв)Душанбе: «Сино», 2009. – 128 с.
2. Муҳаммадҷон Шакурии Бухорои. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. Душанбе. «Адиб», 2012 – 304 с.
3. Назрӣ Асадзода. Маҷаллаи «Садои Шарқ»№6, соли 2024. С 102-115.
4. Сабурӣ, М. Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст... Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» июн. 2024. №24.
5. Садриддин Айнӣ, «Тазҳиб-ус-сибён». Душанбе: «Маориф», 1994 – 56 с.
6. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2020 – 792.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, шаҳри Душанбе.18.03.2020.
8. Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ, Адабиёти тоҷик (барои хонандагони синфи 6) (нашри чорум) – Душанбе : «Маориф», 2022. – 200 с.

УДК: 301(575.3)

## ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОИИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ҶАВОНОН

**ЧИЛАЕВА М.Т.**

*Докторанти PhD-и Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Имрӯз рушд ва пешрафти ҷаҳони муосирро бе ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷомеа тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳаки асосии тарзи ҳаёти солимро дар ҷомеа муайян намудан ниҳоят зарур ба ҳисоб меравад. Чунки бе ташаккул додани тарзи ҳаёти солим мо наметавонем, оид ба ҷомеаи солим сухан ронем. Масъалаи тарзи ҳаёти солимро тавассути дараҷаи накӯаҳволӣ ва самаранокии низоми меҳнату истироҳат мавриди баррасӣ бояд қарор дод. Ташаккул додани тарзи ҳаёти солим яке аз роҳҳои бисёр камхарҷ ва пурсамари ҳифзи тандурустии миллат, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои саломатӣ ба ҳисоб меравад. Солҳои охир низ давлат ба ин масъала диққати худро равона кардааст.*

*Дар мақолаи мазкур, бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ муҳимтарин масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим баррасӣ шудааст. Вобаста ба ин, мо кӯшиш намудем, вазъи кунунии масъаларо нишон дода, барои бартараф намудани мушкилотҳо, хулоса ва пешниҳоди худро пешкаш намоем.*

**Калидвожаҳо:** *ҷавонон, ҳаёти солим, ташаккули он, ҳаёти иҷтимоӣ, тарзи ҳаёти солими ҷавонон, омилҳои монеашаванда, солимӣ.*

## ИЗУЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ АСПЕКТОВ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ МОЛОДЕЖИ

**ЧИЛАЕВА М.Т.**

*Докторант PhD Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Сегодня развитие и прогресс современного мира невозможно представить без формирования здорового образа жизни общества. Необходимо определить основные критерии здорового образа жизни в обществе, поскольку без формирования здорового образа жизни мы не можем говорить о здоровом обществе. Проблема здорового образа жизни должна учитываться посредством степени благосостояния населения и эффективности трудовой системы и досуга. Формирование здорового образа жизни является одним из более экономичных путей и эффективных медицинских услуг, снижение уровня бедности и считается хорошим показателем здоровья. В последние годы правительство сосредоточило внимание на этом вопросе.*

*В данной статье на основе результатов социологических исследований были выявлены наиболее важные факторы, препятствующие формированию здорового образа жизни. В статье мы попытались показать текущее состояние проблемы и сформулировать выводы и предложения по преодолению существующих проблем в данной области.*

**Ключевые слова:** *молодежь, здоровый образ жизни, формирование, социальная жизнь, факторы, здоровье.*

## STUDYING THE SOCIAL ASPECTS HEALTHY LIFESTYLE OF YOUNG PEOPLE

**CHILAEVA M.T.**

*Doctor PhD of Institute of philosophy and politics named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*Today it is impossible to imagine the development and progress of the modern world without the formation of a healthy lifestyle in society. It is necessary to determine the main criteria for a*

*healthy lifestyle in society, because without the formation of a healthy lifestyle, we cannot talk about a healthy society. The problem of a healthy lifestyle should be taken into account through the degree of well-being and efficiency of the work system and leisure. The formation of a healthy lifestyle is one of the ways of more economical and efficient medical services, reducing poverty levels and is considered to be an improvement indicator (indicators). In recent years, the government has focused on this problem.*

*In this article, referring to the results of sociological studies, the most important factors hindering the formation of a healthy lifestyle were identified. In this regard, in this article we tried to show the current state of the problem and give conclusions and suggestions for overcoming a number of problems in this area.*

**Key words:** *youth, healthy lifestyle, it formation, social life, factors, hindering, health.*

Тарзи ҳаёти солим яке аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба омӯзиши он диққати махсус равона менамояд. Тарзи ҳаёти солим сохтори бисёрзинаро дорад, он ба шартҳои биологӣ ва генетикӣ асос ёфтааст, ки қисми миёнаи рушди равонӣ буда, сатҳи баланд аз ҳисоби муносибати шахс ба ҳаёт муайян карда мешавад. Ин сатҳи мавҷудияти накӯаҳволии шахс, муваффақият ва мутобиқшавии ӯро инъикос мекунад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки саломатӣ як ҳолати муқаррарии равонӣ ва қобилияти шахс барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳимми равонӣ, идеалӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, инфиродӣ ва коллективӣ мебошад. Ин таърифҳо нишон медиҳад, ки саломатӣ ҳангоми рушди бадан ташаккул меёбад. Иҷрои тарзи ҳаёти солим аз омилҳои мушаххаси биологӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст (яъне муҳити биологӣ гирду атроф ва таъсири иҷтимоӣ), ки таҳти таъсири он одам зиндагӣ ва рушд хоҳад кард. Масъалаҳои ҳифзи саломатии ҷомеа дар маҷмӯъ гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию демографии он, бахусус насли ҷавонро дар робита бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ, инчунин бо назардошти зарурати пешгирии бемориҳо ва ғамхорӣ барои насли ҷавон асосӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи ҳаёти солими ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳое дониста мешавад, ки қисми зиёди аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Барои дар байни ҷавонон ташаккул додани тарзи ҳаёти солим бояд ба самтҳои асосии он махсус диққат дод, ки ин ба ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон замина фароҳам меорад.

Бояд махсус қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар паёму суханрониҳои худ оид ба ин масъала диққат медиҳанд. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2024 чунин нуктаро иброз намудаанд: «Мо ба хотири таъмини саломатии аҳолӣ, хусусан, наврасону ҷавонон, таблиғи тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ соҳаи варзишро низ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлатдорӣ дастгирӣ менамоем» [10, 3]. Муҳаққиқон дурнамои ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар байни ҷавононро чунин баррасӣ менамоянд [7, 107]:

– Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон – паҳн намудани иттилоот дар бораи тарзи ҳаёти солим тавассути ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои таълимӣ.

– Фароҳам овардани шароит барои ташаккули тарзи ҳаёти солим –сохтмони майдончаҳои варзишӣ ва фароҳам овардани шароит барои истироҳати фаъолона.

– Ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим– ба барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳҳо ҷорӣ намудани принсипҳои тарзи ҳаёти солим, оммавӣ намудани тарзи ҳаёти солим тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракати волонтёрӣ.

– Истифодаи технологияҳои муосир – таҳияи барномаҳои мобилӣ барои мониторинги фаъолияти ҷисмонӣ, ғизо, хоб.

– Дастгирии ҳукумат – татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои миллӣ, ки ба беҳтар намудани саломатии ҷавонон нигаронида шудаанд.

Вазифаи муҳимтарини сохторҳои давлатӣ ва ҷамъият ин мустаҳкам намудани саломатии ҷавонон, инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии онҳо, инчунин ҳавасмандгардонӣ

ба тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз тарғиби фаъолонаи тарзи ҳаёти солим, ки дар муассисаҳои таълимӣ ва дар васоити ахбори омма боз ҳам ин масъала дар ҷомеаи мо бахснок боқӣ мемонад. Ба ин муносибат мо гуфта метавонем усул, шакл ва воситаҳои тарғиби тарзи ҳаёти солимро дар байни ҷавонон ба таври васеъ бояд ба роҳ монем. Барои ҳалли ин масъала дар ҷумҳурии мо имкониятҳои хеле калон мавҷуданд, ки метавон бевосита дар байни ҷавонон тарзи ҳаёти солимро ҷорӣ кард.

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки меъёри тарзи ҳаёти солим ин – машғулиятҳои варзишӣ, ғизои дуруст, риояи реҷаи рӯз ва дар баробари ин даст кашидан аз одатҳои бад ба монанди тамокукашӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва истеъмоли маводи мухаддир мебошад. Одатан, тарзи ҳаёти солим ҳамчун тарзи ҳаёт, фаъол ҳисобида мешавад, ки ҳаёти ҷавонон ба нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатӣ, аз ҷумла ташаккули маҳорату одатҳои ба ҳаёти солим равона шуда, мебошад. Талабот ба саломатӣ умумӣ буда, он ба ҳар як фарди ҷомеа хос аст [5, 11].

Ташаккули тарзи ҳаёти солим раванди меҳнатталаб ва мураккабест, ки ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷавонон таъсир мерасонад ва таваҷҷуҳи хоссаи оммаро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон вазифаи асосӣ ва яке аз самтҳои сиёсати иҷтимоии давлат эътироф гардидааст. Ҳадафи ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон ин баланд бардоштани қобилияти зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо ба ҳисоб меравад. Саломатии аҳолӣ муҳимтарин омили рушди бомуваффақияти ҷомеа ва захираи асосии таъмини суботи давлат мебошад. Саломатии аҳолӣ, ҳифзу таҳкими он, баланд бардоштани давомнокии умр ва коҳиши фавт ҳамеша дар маркази диққати сиёсати иҷтимоии давлат қарор дорад. Маълум аст, ки ташаккули тарзи ҳаёти солим аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Вақтҳои охир тамоюли мусбат дар рафтори ҷавонон мушоҳида карда мешавад [1, 84]: шумораи бештари ҷавонон аз одатҳои бад даст кашида, ба асосҳои тарзи ҳаёти солим пайравӣ мекунанд. Тарзи ҳаёти солим на танҳо аз хӯрдани хӯроки серғизо ё ҷисмонӣ кардан иборат аст, балки тарзи ҳаёти солим маҷмуи тамоми тадбирҳоест, ки ба беҳтар кардани саломатӣ ва пешгирии равандҳои патологӣ дар бадан равона шудааст. Риояи қоидаҳои тарзи ҳаёти солим метавонад давомнокии умрро ба таври назаррас афзоиш диҳад ва сифати онро беҳтар намояд. Пешбурди тарзи ҳаёти солим ба ҷомеа таъсири назаррас дорад. Ҳар як соҳаи фаъолияти инсон бо ташаккули тарзи ҳаёти солим алоқамандии зич дорад, чунки, он як системаи фардӣ ба ҳисоб рафта, ба пешгирии бемориҳо мусоидат мекунад. Бесабаб нест, ки олимон дар солҳои охир бештар ба тарзи ҳаёти солим ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ рӯ оварда, онро ҳолати муҳимми солимии ҷомеа арзёбӣ менамоянд. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳамчун арзиши иҷтимоӣ ба муваффақият дар ҳама гуна самтҳои фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад, зеро саломатии хуб шарти асосии кори самаранок, фаъолияти эҷодӣ ва худшиносии пурраи шахс мебошад. Аҳаммияти рӯзафзуни ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳамчун арзиши иҷтимоӣ дар байни ҷавонон ба чанд омил вобаста аст. Аз як тараф, ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ – демографӣ дар ҳолати хавфи доимӣ қарор доранд. Аз тарафи дигар, аксари ҷавонон тарзи ҳаёти ғайрифаъолро пеш мебаранд ва нисбат ба саломатии худ камтар диққат медиҳанд. Онҳо аксаран меъёрҳои оддии тарзи ҳаёти солимро риоя намекунанд. Ба ташаккули тарзи ҳаёти солим оила, мактабу донишгоҳҳо ва ҷомеа таъсири назаррас расонида метавонанд [3, 21].

Имрӯз ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон нисбат ба солҳои пешин фарқкунанда ба ҳисоб меравад. Вазъи ташаккулёбии тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ҷомеаро водор месозад, ки нисбати ин масъала аҳаммияти лозимӣ дода, онро яке аз вазифаҳои асосии худ қарор диҳад. Дар ҳолати ҷой доштани мушкилот на фақат оила ва муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, балки тамоми вазорату идораҳо, ташкилотҳои эҷодӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва тамоми ҷомеа бояд саҳми босазои худро гузоранд. Дар ташаккулёбии ҳаёти солими ҷавонон дар баробари оила бояд мактаб нақши амиқ дошта бошад. Аз ин рӯ, аҳли маориф ҳадди ақал дар дарсҳои семинарӣ асосҳои ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар байни ҷавонон омӯзонанд. Бояд

зикр намоем, ки ҷомеаи мо нисбат ба саломатии насли ҷавон муносибати махсус зоҳир карда, мекӯшад, ки беҳбудии иқтисодию иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаро тавассути тарзи ҳаёти солим тавсиф намояд. Дар ҷумҳурӣ вазъи саломатии ҷавонон рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир тамоюли беҳтаршавии вазъи саломатии ҷавонон бараъло мушоҳида мегардад. Ин масъала, яъне ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон барои ҷомеа муҳим буда, тавассути солимии онҳо солимии миллат муайян карда мешавад. Тибқи маълумоти оморӣ солҳои охир дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам низ маҳз ташаккули тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад [4, 12].

Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон сармоягузорӣ ба оянда аст, ки сифати баланди зиндагӣ, коҳиши бемориҳо ва дарозшавии умрро таъмин мекунад. Омӯзиши тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар замони муосир яке аз мушкилоти мубрам буда, таҳлили васеъи илмӣ ва иштироки фаъолонаро дар муҳокимаи ин мафҳум аз тарафи коршиносон тақозо менамояд. Таҳқиқотҳои имрӯза нишон медиҳад, ки аксари ҷавонони муосир ба қоидаҳои ташакулли тарзи ҳаёти солим махсус диққат медиҳанд. Ҷавонон як гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ, манбаи муҳимми демографӣ ва иҷтимоии хар як кишвар мебошад. Вазъи ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳоло ҳам тамоюлҳои номусоидро нигоҳ дошта, таваҷҷуҳи махсусро дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тақозо менамояд. Ҳифзи саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати давлатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад [6, 146].

Вобаста ба ин айни ҳол масъалаи зарурияти ташкили тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон, мустаҳкамнамоӣ, нигоҳдории саломатии онҳо ва васъатдиҳии усулҳои пешгирии аввала, ки дар иҷро намудани он идораҳои тандурустӣ нақши асосӣ мебозанд, масъалаи муҳим мебошад. Солимӣ ҳамеша арзиши олӣ дониста шуда, асоси фаъолияти ҳаррӯзаи ҷавононро фаро мегирад. Ҳолати солимии ҷавонон яке аз нишондиҳандаҳои асосии некӯаҳволии ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Солҳои охир ҷавонон дар ҷаҳони муосир ба тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт, ки дар яке аз мулоқотҳои расмӣ бо намояндагони ҷавонон чунин изҳор мекунад: «Ташаккул ва таҳкими тарзи ҳаёти солими ҷавонон яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Чунки тандурустии ҷавонон тандурустии миллат аст» [9, 86].

Имрӯз ин падида дар байни ҷавонон ба таври васеъ паҳн шудааст. Ҳар як фард ба рафтори худ ҷавобгӯ буда, неку бадро фарқ карда тавонад. Дар якҷоягӣ метавон бар зидди бемориҳо мубориза бурд ва хатари паҳншавии онҳоро кам кард. Тавассути таҳқиқотҳои сотсиологӣ ин масъала низ мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд.

Мувофиқи таҳлилҳо, аз ду ҳиссаи мусоҳибон 64,4% ба тарзи ҳаёти солим дар оилаи худ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Аз се як ҳиссаи мусоҳибон 29,3% қайд намуданд, ки ба тарзи ҳаёти солим дар оилаи онҳо то дараҷае диққит дода мешавад ва 3,8% иброз доштанд, ки дар оилаи онҳо ба тарзи ҳаёти солим тамоман диққат дода намешавад. (ниг. Диаграммаи 1)

Диаграммаи 1.

Дар оилаи Шумо ба тарзи ҳаёти солим (истироҳати дуруст, варзиш, ғизои зарурӣ, дурӣ ҷустан аз истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир) то кадом дараҷа диққат дода мешавад? (n=1100, %)




Ба андешаи 45,2%-и мусоҳибон яке аз омилҳои монеаи тарзи ҳаёти солим ин маълумоти зарури надоштан оиди тарзи ҳаёти солим мебошад. 42,2% мусоҳибон бар он ақидаанд, ки шароити пасти иқтисодӣ-иҷтимоӣ монеаи тарзи ҳаёти солим аст. Инчунин, 38,5-и мусоҳибон қайд намуданд, ки монеаи тарзи ҳаёти солим он аст, ки дар оила ба ташаккули тарзи ҳаёти солим аҳаммият намедиҳанд ва 30,9% муҳити носолимро монеаи тарзи ҳаёти солим меҳисобанд. (ниг. диаграммаи 2)

Диаграммаи 2.

Ба андешаи Шумо кадом омилҳо монеаи тарзи ҳаёти солими ҷавонон мегарданд? (n=1100, %)




Ташаккули тарзи ҳаёти солим ба чунин ҷузъҳо, аз қабили донишҳои илмӣ, тадбирҳои табобатию профилактикӣ, реҷаи оқилонаи ҳаррӯза, кор ва истироҳат, фаъолияти ҷисмонӣ, ғизои муташаккилона ва набудани одатҳои бад асос меёбад. Тарзи ҳаёти солим на танҳо маҷмуи амалҳоест, ки аз ҷониби шахс ҳар рӯз барои нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани саломатӣ амалӣ карда мешавад, балки тарзи ҳаёти солим инчунин бояд тарзи дурусти тафаккур, рафтор ва муносибат бо дигаронро дар бар гирад. Аз

бисёр ҷиҳат, тарзи ҳаёти солими як шахс на танҳо аз худи ӯ вобаста аст. Ҳар як фард дар муҳити иҷтимоие қарор дорад, ки ба рафтори ӯ таъсири назаррас мерасонад [2, 21].

Саломатии ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимми иҷтимоии ҷомеа ва яке аз мушкилоти мубрами соҳаи тандурустӣ мебошад. Тарзи ҳаёти солими ҷавонон асосан аз шароити зиндагии ӯ, пеш аз ҳама дар оила ва мактаб муайян карда мешавад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим махсусан дар байни ҷавонони муосир муҳим дониста мешавад. Саломатии ҷавонон на танҳо мушкилоти иҷтимоӣ набуда тамоми соҳаро фаро мегирад. Пеш аз ҳама ҷавонон бояд солим бошанд, то он ки дар оянда фарзандони солим тарбия кунанд.

Ба масъалаи нигаҳдории тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалб намудани ҷавонон, пеш аз ҳама, раванди иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, асоси инкишофи онро оила замина мегузорад. Тарзи ҳаёти солим бо тамоми паҳлӯҳо ва зуҳуроти ҷомеа ташаккул ёфта, бо таҷассуми инфиродӣ ва ҳавасмандии қобилиятҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва физиологии шахс алоқамандии зич дорад. Минбаъд, тамоми фаъолиятҳое, ки ба рушди нерӯи шахс халал мерасонанд, аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза дар синни ҷавонӣ меъёрҳо ва малакаҳои тарзи ҳаёти солимро дар худ мустаҳкам намудааст. Тарзи ҳаёти солим масъалаест, ки вақтҳои охир таваҷҷуҳи бештар соҳиб гардидааст. Ҷомеаи муосир бо мушкилоти тамокукашӣ, нашъамандӣ ва майзадагӣ махсусан тезутунд рӯ ба рӯ мешавад. Ин одатҳои зараровар махсусан дар байни ҷавонон васеъ паҳн шудааст. Ба муқобили ин мушкилот на танҳо ҷамъият, балки ҳар як фард зарари ин одатҳоро дарк карда, кӯшиш менамояд, ки ба муқобили ин амалҳо мубориза барад.

Дар тӯли таърихи инсоният тарзи ҳаёти солим дар ҷомеа ба шаклҳои гуногун паҳн шуда буд. Дар ҷомеаи муосир бошад диққати махсус ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дода мешавад. Чӣ қадаре ки ҷомеа рушд ва тараққӣ менамояд, ҳамон андоза тарзи ҳаёти солим дар ҷомеаи муосир маъмул мегардад. Бо мурури замон одамоне, ки ба саломатии худ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд, ба варзиш машғул мешаванд, ғизои дуруст истеъмол менамоянд, зиёд мегардад. Дар сатҳи давлат роҳҳои беҳтар намудани саломатии аҳолӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим ба роҳ монда мешавад. Тарзи ҳаёти солим ягона роҳи камхараҷи нигоҳ доштани саломатӣ ба ҳисоб рафта, як раванди бениҳоят тӯлонӣ аст ва метавонад як умр давом кунад.

Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонони муосири Тоҷикистон яке аз дастовардҳои нав ба ҳисоб рафта, барои мубориза бо ҳар гуна одатҳои бад ва ҳаёти солимро ҷорӣ намудан омӯзиши вазъияти кунунии масъала, омилҳои мусоидаткунанда ва зери хатар қарордиҳандаи тарзи ҳаёти солим самт ва дурнамои онро муайян кардан ниҳоят муҳим дониста мешавад. Барои ҷорӣ намудани тарзи ҳаёти солим дар ҷомеа пеш аз ҳама риояи меъёрҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳатмӣ ба шумор меравад. Таҷрибаҳо собит намудааст, барои пойдории саломатӣ, тақвияти он ва умри дароз дидан беҳтар аз тарзи ҳаёти солим чизе кашф нашудааст, тарзи ҳаёти солимро ҳеҷ дорую давое наметавонад иваз намояд. Фаҳмиш ва дарки пурраи ин мафҳум, дар амал дуруст ҷорӣ намудани он – ин маънии солиму бардам будани миллат, хонаводаҳо, насли имрӯзу ояндаро дорад. Дар ҷомеа ташаккул додани тарзи ҳаёти солим яке аз роҳҳои бисёр самараноки ҳифзи солимии миллат мебошад. Солимии миллат бошад – ин аз рукнҳои бисёр пуриқтидори рушду тараққии давлат аст. Тарзи ҳаёти солим хусусиятҳои хоси худро дошта, ҳангоми амалӣ гаштани он мо метавонем, оид ба тарзи ҳаёти солим сухан ронем. Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи муҳимми ҷомеа эътироф гардида, давомдиҳандаю паҳнкунандаи арзишҳои иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд. Маҳз мо бояд тарзи ҳаёти солимро дар байни ин гурӯҳи аҳолӣ ташаккул диҳем, чунки солимии ҷавонон солимии миллату давлат эътироф карда мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Антонова, Н.Л. Студенческая молодежь: поведенческие риски в отношении здоровья [Текст] / Н.Л. Антонова. – М., 2015. – 86 с.
2. Бутенко, А.П. Образ жизни: проблемы и суждения [Текст] / А.П. Бутенко. – М.: Политиздат, 1978. – 34 с.
3. Дюркгейм, Э. Социология и теория познания. Хрестоматия по истории психологии [Текст] / Э. Дюркгейм. – М., 1980. – 303 с.
4. Қосимов, М. Пешгирии инфексияи ВНМО (ВИЧ-инфексия) ва ҷавонон [Матн] / М. Қосимов, Ф. Гулмадов. – Душанбе, 2010. – 88 с.
5. Митев, П.Э.Социология лицом к лицу с проблемами молодежи [Текст] / П.Э. Митев. – М., 2008. –С.54.
6. Насурова, Б.А. Сотсиологияи ҷавонон [Матн] / Б.А. Насурова. – Душанбе, 2023. – С. 193. 246с
7. Нишондиҳандаҳои омории Тоҷикистон [Матн] / Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2024. – 492 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2016, ш.Душанбе) [Матн]. – Душанбе, 2016. – 45 с.
9. Уланов, Д.В. Социальное управление формированием здорового браза жизни [Текст]: дис....канд. социол. наук: 22.00.08 / Д.В. Уланов. – М., 2006. – 164 с.
10. Ҳодибоев, Ф.А. Дирӯз, имрӯз ва фардои ҷавонон [Матн] / Ф.А. Ҳодибоев. – Хуҷанд., 2008. – 300 с.

ТКБ 343.61:159.9(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ ВА РАВОНШИНОСИИ МАСЪАЛАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАҲДИДИ КУШТАН Ё РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ ВАЗНИН БА САЛОМАТӢ

*(дар асоси моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

**ШАРИФЗОДА Р.Ф.**

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақола паҳлуҳои муҳимми таркиби моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси андешаҳои донишмандони ватанӣ масъалаи амали ҷиноятии таҳдиди куштан ва ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсонро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон дар мақола намудҳои таҳдид, равандҳои содиршавии ин ҷиноят, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он омӯхта шудааст. Инчунин, муаллиф кирдори мазкурро аз нигоҳи равоншиносӣ, дар такя бо сарчашмаҳои ватанию хориҷии илми психология омӯхтааст. Зеро ин кирдорҳои моддаи 120-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолатҳои равонии инсон низ алоқаманд аст.*

**Калидвожаҳо**: *қонунгузорӣ, шахс, инсон, ҷавобгарӣ, ҷиноят, таҳдид, саломатӣ, зарар, зарари вазнин, ҳолати рӯҳӣ, бемории рӯҳӣ, номукаллафӣ, хатар, тарс.*

# ПРАВОВОЙ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВОПРОСА УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА УГРОЗУ УБИЙСТВОМ ИЛИ ПРИЧИНЕНИЕ ТЯЖКОГО ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ

*(на основании статьи 120 Уголовного кодекса Республики Таджикистан)*

**ШАРИФЗОДА Р.Ф.**

*Кандидат юридических наук, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета*

*В статье анализируются и обсуждаются важные аспекты содержания статьи 120 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Автор анализирует идеи отечественных и зарубежных ученых и представляет научно обоснованные аргументы в контексте преступления угрозы убийством или причинения тяжкого вреда здоровью человека. Одновременно в статье описываются виды угроз, процессы совершения данного преступления, характер и степень опасности для общества, которую представляет собой этот акт. Автору удалось проанализировать данное деление с точки зрения отечественных и зарубежных психологов, а также с учетом идей видных деятелей в области уголовного права.*

**Ключевые слова:** *Законодательство, личность, человек, ответственность, преступление, угроза, здоровье, ущерб, тяжкий вред, психическое состояние, психическое заболевание, невменяемый, опасность, страх.*

# LEGAL AND PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF THE ISSUE OF CRIMINAL LIABILITY FOR THREATS TO KILL OR CAUSING GRIEVOUS BODILY HARM

*(based on Article 120 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan)*

**SHARIFZODA R.F.**

*Candidate of Law, assistant in criminal law and anti-corruption, Faculty of Law Tajik National University*

*The article analyzes and discusses important aspects of the content of Article 120 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The author examines the views of domestic and foreign scholars and presents scientifically grounded arguments in the context of the crime of threatening to kill or cause serious harm to a person's health. At the same time, the article*

*describes the types of threats, the processes of committing such a crime, as well as the nature and degree of danger to society that this act poses. The author succeeds in analyzing and questioning this act from the perspective of domestic and foreign psychologists, as well as in the light of the ideas of prominent figures in the field of criminal law.*

**Key words:** *Legislation, personality, human, responsibility, crime, threat, health, damage, serious harm, mental condition, mental illness, insanity, danger, fear.*

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ва дорои низоми ҳуқуқии мувофиқ ба санаду меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сеяки аввали асри XXI ботадриҷ пеш рафта истодааст ва моро мебояд, ки дар ин давраи ҳассоси таърихӣ гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ки чунин таъкид намудаанд: «ҳар як фарди ҷомеа вазифадор аст, ки ба Конститутсия ҳамчун бахтнома, санади олии сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуҷҷати муайянкунандаи имрӯзуояндаи ҷомеа ва давлат муносибат намояд, ба он эҳтиром гузорад ва моҳияту аҳаммияти онро ба фарзандони худ ҳанӯз аз хурдсолӣ фаҳмонад» [1], ҳамчун шиор қарор диҳем. Илова бар ин моро зарур аст, ки давлат ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро арҷ гузорем, чун «Сохтани давлати миллӣ барои ҳар як шаҳрванди он қарзи миллӣ, виҷдонӣ ва инсониаш ба ҳисоб меравад, зеро барои сохтани давлати миллӣ пеш аз ҳама рукнҳои он ба мисли фарҳанги миллӣ, худшиносии миллӣ, характери миллӣ ва ғайраҳо заруранд» [4, 179], яъне барои ояндагон давлати мустаҳкаму мутамаркази ҳуқуқбунёди дунявиро ба мерос гузорем. Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри тарбияи насли худогоҳу ватандӯст аз принсипҳои ҷомеаи демократию дунявӣ истифода мебарад [16, 141 – 148].

Инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ – иҷтимоии дорои шуур, ҳама вақт зери таъсироти руҳии зиёд қарор дорад, ки дар байни онҳо аксарият муҳаққиқон таҳдидро мавқеи махсус меҳисобанд. Маврид ба зикр аст, ки таҳдид яке аз серистеъмолтарин мафҳумҳои соҳаҳои мухталифи илм, хоссатан ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Доир ба ин мафҳум ҳам муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ андешаҳои монанд надошта бошанд ҳам, аммо муҳтавои онҳоро метавон ба таври зер зикр кард: мафҳуми таҳдид дар баробари мафҳумҳои терроризм, экстремизм, куштан ва ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳамчун як шохаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ корбурд мегардад. Ҳамзамон, мафҳуми таҳдидро илмҳои фалсафа, психология, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва ғ. низ мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Аз нигоҳи илмҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳ қарор додани мафҳуми таҳдид талаботи замони муосир мебошад, зеро омӯзиш ва таҳқиқи табиати таҳдидҳо имкон медиҳад, ки онҳо саривақт шинохта шуда, оқибатҳои ногувори онҳо бартараф гарданд. Бинобар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин падида хеле муҳим буда, барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Ба андешаи равоншиносон таҳдид ин «ваъдаест, ки боиси ба вуҷуд овардани мушкилот ё зарар ба шахс» [2] буда, имкон дорад, ки аз ҷониби шахси таҳдидкунанда амалӣ шавад. Дар ҳолати ба амал омадани таҳдид имкон дорад, ки ба ҳолати руҳии шахс таъсир намуда, изтироб ё тарсро дар инсон ба вуҷуд биёрад.

Доир ба мазмуни таҳдид андешаҳо гуногунанд, масалан: забоншиноси рус Ожегов С.И. таҳдидро дар маънои «ба касе зарар расонидан, ба касе бадӣ кардан» [11, 40] шарҳ медиҳад. Фарҳангнигори дигари рус В.И. Дал таҳдидро ҳамчун «амал ва ё нияти касеро тарсонидан, дар хатар андохтан, дар ҳоли тарс нигоҳ доштан» [4, 425] тавсиф намудааст. Дар луғати энсиклопедӣ, таҳдид «дар ҳар шакл зоҳир шудани рафторе мебошад, ки дар он нияти расонидани зарари моддию маънавӣ ва ҷисмонӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсӣ» [17] ҷой дорад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан» [15, 326] ифода ёфтааст.

Бинобар ин мо зарур донистем, ки барои боз ҳам фаҳмотар шудани мафҳум ба забонҳои дигар, махсусан забони англисӣ рӯй биоварем. Масалан, дар луғати Оксфорд

«дар баробари нияти анҷом додани ягон амали хусуматомез ва душманона, инчунин гуфта мешавад, ки чунин нияти бад барои ба вуҷуд овардани дарду ҳасрат, зарару зиён ва ё дигар навъи ҷазо ҳамчун қасос барои иҷро намудан ва ё иҷро накардани ин ё он амал» [6, 247] роҳандозӣ мегардад. Дар луғати Кембриҷ дар таърифи таҳдид боз мазмуни нав илова намуда дар он қайд мегардад, ки «нияти расонидани зарар ва ҷазо додан замоне пайдо мегардад, ки субъект рафтори худро на дар он шакле зоҳир менамояд, ки онро интизор доштанд» [1]. Вобаста ба ин масъала дар дигар луғатҳои англисӣ низ таҳдид дар шаклҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфта, ба маъноҳои зулм кардан, маҷбур намудан, азоб додан ба таври ҷисмонӣ, дар шакли фалокат, мусибат ва монанди инҳо дарҷ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми шунидани таҳдид имкони баланд шудани ҳаяҷон мавҷуд аст. Ҳамзамон таҳдид мумкин аст «ҳам ошкор (агар ба худ наоӣ, соли дуюм мемонӣ, мегӯяд муаллим ба донишҷӯ) ва пинҳонӣ (масалан вақте, ки волидон ба кӯдак мегӯянд: агар ту каду нахӯри, калон намешавӣ, ин ба кӯдак таҳдид аст, зеро ӯ калон шудан мехоҳад)» [2]. Одатан таҳдидро дар чунин мавридҳо бештар мушоҳида намудан мумкин аст:

- оила;
- муассисаҳои таълимӣ;
- артиш;
- муассисаҳоиислоҳӣ.

Ҳар як соҳаи илм як истилоҳро ба таври ба худ хос шарҳу тавзеҳ медиҳад. Вобаста ба масъалаи мазкур бояд зикр намуд, ки дар тамоми қишри ҷомеа таҳдидро мушоҳида намудан мумкин аст, аммо инро дар оила нисбат ба дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ зиёдтар мушоҳида намудан мумкин аст. Таҳдидро дар қисми зиёди оилаҳои тоҷик ҳамчун усули идоракунандаи узвҳои ин оила истифода мебаранд, масалан: таҳдиди волидайн нисбати фарзандони худ барои иҷро накардани амалҳои зишт, таҳдиди ҳамсар бар ҳамсар, таҳдиди бародари калонӣ бар бародари хурдӣ ва ғ. Масъалаи мазкурро метавон дар фазои маҷозӣ низ мушоҳида кард, масалан нисбати сокини 29 солаи н.Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи муқаррароти моддаи 120-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парванда оғоз карда шуд. Номбурда «7-уми июни соли 2023, дар хонаи худ бо ҳамсараш мунокиша ва баҳсу мунозираи зиёд мекунад ва аз қаҳр бо корд ба ҷони ҳамсараш таҳдид мекунад» [1]. Албатта ҳамаи ин гуфтаҳо ба воситаи таҳдид метавонанд, ки рӯҳияи шахсро дар ҳолати ногувор қарор диҳад. Дар мисоли овардашуда, субъекти ин ҷиноят метавонист ин амалро анҷом диҳад, аммо аз иҷрои он худдорӣ намуд.

Барои ҳамаҷониба баррасӣ намудани масъалаи ҷинояти таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ бояд аз таҷрибаи амалия истифода бурд. Таҳлили баъзе парвандаҳои ҷиноятӣ нишон дод, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми банду басти ҷиноят ба аломатҳои ҳатмии таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ диққати махсус медиҳанд.

Ҳангоми гузаронидани пурсишҳо миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва нафарони адокардаи ҷазо аз рӯи моддаи мазкур, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аксар ҳолатҳо (тахмин 90%) маҳкумшудагон, имкони расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва ба марг оварданро доштанд, аммо ҳадафи онҳо танҳо тарсонидани ҷабрдида барои даст кашидан аз ягон амал ё иҷрои амале мебошад.

Дар ин радиф муйян намудан мумкин аст, ки қисми зиёди шахсоне, ки барои содир намудани таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ гумонбар мешаванд, онҳо ин амалро дар якҷоягӣ бо дигар ҷиноятҳо ба монанди лату куб, азобу уқубат ва ё ба воситаи силоҳ ё ашёи ба он монанд содир менамоянд.

Бояд иброз намуд, ки ҷинояти аз рӯйи моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршуда, ба воситаи кадом олоти ҷиноят амалӣ карда мешавад, барои тафтишот аҳаммиятӣ вижа надорад, чунки аз лаҳзаи таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ҷиноят хотимаёфта эътироф карда мешавад, олоти ҷиноят

бошад танҳо дар парванда ҳамчун далели шайъӣ нишон дода мешаваду халос. Дар амалияи тафтишотӣ кам ҳолатҳое ба назар мерасад, ки таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳузури шоҳидон содир гардад.

Ҳангоми набудани шоҳид дар содир намудани ҷинояти дар моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, бояд ба аломатҳои зерин назар кард:

1. Мавҷуд будани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар ҷабрдидае, ки нисбаташ кирдори таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, содир шудааст;

2. Муносибатҳои тарафҳои муноқишакунанда, аз қабили омилҳо ба монанди қаблан таҳдид намудан ё расонидани зарари вазнин ба ҷабрдида, ба инобат гирифта мешавад;

3. Гузаронидани пурсишҳо миёни наздикони гумонбаршаванда ва ҷабрдида. Дар асоси ин усул имкон аст, ки дар хусуси чи тавр будани муносибатҳо миёни гумонбаршаванда ва ҷабрдида, ки қаблан нохуб шуда буд, аз ҷумла оё таҳдид қаблан содир шуда буд ё оё гумонбаршаванда нисбати ҷабрдида хушунат дошт ва ғ, маълумот гирифтан мумкин;

4. Сабти наворҳои аудио-видеоӣ. Аз сабабе, ки ҳолатҳои болозикр қаблан нисбати шахсе, ки мавриди шиканҷа ва таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ содир гардида аст, ҷабрдида метавонад барои пурра ошкор гардидани кирдори гумонбаршаванда аз усулҳои муосир ба монанди сабти овоз ё навор ва ғ, дар умум сабти таҳдид истифода барад. Қариб ҳамаи ҷабрдидагони моддаи мазкур имкон доранд, ки барои ошкор намудани ҷинояти таҳлилшаванда, ҳолати таҳдидро бо таҷҳизотҳои муосир сабт намоянд ва дар ошкор намудани таҳдид саҳмгузор бошанд. Ин тарзи ошкорнамоии ҷинояти дар моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, торафт маъмултар мегардад, зеро чунин далелҳоро зери шубҳа қарор додан ғайри имкон аст, чунки онҳо метавонанд ҳолати воқеии ин ҷиноятро муайян намоянд.

Ҳамин тариқ, кормандони мақомоти тафтишотӣ ҳангоми ошкор ё пешгирӣ намудани таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ метавонанд аз усулҳои зикргардида истифода баранд. Зеро ин усулҳо раванди ошкор намудани ҷинояти таҳлилшавандаро то андозае осон мегардонанд.

Самти дигаре, ки дар он кирдори мазкур ба чашм мерасад ин муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад. Муассисаҳои таълимӣ яке аз зинаҳои аввалиндараҷаи омӯзиши илм дар шахс ба ҳисоб мераванд. Дар ин замина, низ мафҳуми таҳдидро мушоҳида намудан мумкин аст. Имрӯзҳо дар амалия ва сомонаҳои иҷтимоӣ кам нестанд ҳолатҳое, ки баъзе аз хонандагон аз тарафи омӯзгорон мавриди таҳдид қарор мегиранд. Ҳамзамон ин ҳодиса метавонад баръакс низ вуҷуд дошта бошад, яъне омӯзгорон аз ҷониби хонандагон ва ё аз тарафи намояндаи қонунии хонандагон ба вуҷуд ояд. Ин масъала низ метавонад ба ҳолати руҳии ҳамаи он нафароне, ки номбар кардем таъсири манфӣ расонад. Тавре, ки дар боло зикр намудем, таҳдид дар ин шохаи ҷамъият, низ барои даст кашидан аз кирдоре ё анҷом додани амале, содир мегардад. Албатта, на ҳама вақт таҳдид воқеӣ буда метавонад. Масалан, дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгор ба хонанда мегӯяд, агар супориши дарсро иҷро накардӣ аз мактаб хориҷат мекунем. Гарчанде ҳадафи омӯзгор аз худнамоии илм нисбати хонанда бошад, ҳам мафҳуми таҳдид ба ҳолати рӯҳии хонанда таъсир мерасонад.

Албатта, агарчи қонунгузорӣ таҳдидро дар ҳама самт манъ карда бошад ҳам, аммо он дар баъзе мавридҳо ба чашм мерасад. Мисолҳои болозикр ба он маъност, ки таҳдид назар ба дигар самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар соҳаҳои зикршуда бештар ба чашм мерасад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми таҳдидро дар қисми зиёди модаҳои (40, 44, 109, 120, 122, 130, 130[1], 134, 138, 139, 140, 142, 143, 147, 165, 182, 184,184[1], 184[2], 184[3], 223, 277, 329, 354, 356, 371, 403, 404 ва ғ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додааст.

Андешаҳои олимонро вобаста ба мафҳуми таҳдид дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳӣ якум «Н.В. Стерехов, И.Ю. Бунеев» таҳдидро «яке аз навъҳои маҷбуркунӣ» [14, 9 – 10] тавсиф намудаанд; гурӯҳӣ дуюм «Г.К.

Костров, Л.В. Сердюк, Н.И. Панов» бошанд онро ба яке аз «шаклҳои зӯроварӣ» [9, 135]; гурӯҳӣ сеюм «Л.А. Андреев, С.В. Бородин, А.И. Чучаев» таҳдидро ҳамчун як намуди «зуҳуроти берунии ҷинояти қасдона» [2, 327] мешуморанд; гурӯҳи чорум бошад «А.А. Чугунов, А.Д. Чернявский» бар он назаранд, ки таҳдид яке аз «ҳолатҳои таъсиррасонии равонӣ ба шахс» [16, 48] мебошад.

Андешаҳои ин олимонро таҳлил намуда, муайян намудан мумкин аст, ки қисме аз онҳо ба якдигар мувофиқ мебошанд. Ҳамин тариқ, аксари олимон таҳдидро як намуди маҷбуркунӣ ва ё усули таъсиррасонии рӯҳиву равонӣ ба шахс меҳисобанд. Тавре, ки қаблан зикр намудем таҳдид ин ваъдаи расонидани зарар ба шахс буда, чизе бештар аз зӯроварии рӯҳию равонӣ ба шахс нест.

Дар робита ба гуфтаҳои боло бояд зикр намуд, ки амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар аксар вақт барои иҷрои коре ё даст кашидан аз иҷрои коре, ки ба манфиати ҷинояткор пешбинӣ шудааст, анҷом дода мешавад. Дар ин замина А.А. Карашенинников қайд менамояд, ки «таҳдид берун аз мақсадҳои зӯроварӣ имконпазир аст» [12, 14]. Бинобар ин тавре, ки дар боло зикр намудем ба андешаи Л.В. Стерехов ва И.Ю. Бунеев, ки таҳидидро як навъи маҷбурнамоӣ мешуморанд, розӣ шудан душвор аст.

Дар ин замина андешаҳои дигаре мавҷуд аст, ки таҳдидро ҳамчун як намуди зӯроварӣ тасниф намудаанд. Чунин андешаро Л.В. Сердюк, Г.К. Костров, Н.И. Панов дастгирӣ менамоянд, ки қаблан онҳоро зикр намудем. Ҳамзамон В.Г. Громов ва Е.А. Гамаюнова дар ин бора чунин қайд намудаанд: «зӯроварӣ ин барқасдона таъсир ба шахс ё гурӯҳи одамон аз ҷониби шахсони дигар, ки бар хилофи иродаи ҷабрдида ба анҷом расонида шудааст ва метавонад ба ӯ зарари ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонад, инчунин ирода ва амали ӯро маҳдуд созад» [5, 7]. Бояд зикр намуд, ки ду намуди зӯроварӣ мавҷуд аст – ҷисмонӣ ва руҳӣ. Як шакли зӯроварӣ бояд зуҳуроти берунии зӯроварӣ ҳисобида шавад. Чунин шакли зуҳуроти берунаро бо чунин тарз шарҳ додан мумкин аст, ки «шакл» мувофиқи тафсири луғати энсиклопедӣ, ифодаи берунии ҳар гуна мазмун [13, 14 – 17] мебошад. Гузашта аз ин шаклҳои зӯроварӣ метавонад шиканҷа расонидани дигар намудҳои зарар ба саломатӣ, ҳамзамон таҳдидҳои рӯҳӣ бошад. Аз ин сабаб, розӣ шудан ба мафҳуми таҳдид, ки ҳамчун як шакли зӯроварист комилан дуруст нест, зеро он наметавонад шакли зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳиро инъикос намояд. Вобаста ба ин мутафаккирон С.В. Бородин, А.И. Чучаев, Л.А. Андреев, С.В. Бородин қайд менамоянд, ки «таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ба монанди дигар намудҳои таҳдид яке аз шаклҳои ошкорсозии мақсад буда, марҳилаи нахустини инкишофи ҷиноят аст ва бо ин ё он роҳи содиркунии ҷиноят тавсиф мешавад» [7, 17 – 18]. Аммо тавре, ки маълум аст ҳадафи зоҳиршуда, худ аз худ ҷиноят нест. Дар ин радиф муҳаққиқи рус С.В. Бородин чунин менависад: «марҳилаи ошкор кардани қасд бо мавҷуд набудани кирдори ҳаракат (беҳаракатӣ)-ин барои ҷамъият хавфнок буда, дар ҳолати зарурӣ ҳамчун шартҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф мешавад» [7, 17 – 18], ҳамзамон муҳаққиқи мазкур дарҷ менамояд, ки «ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳдид бо мақсаде пешбинӣ шудааст, ки он бо худ дар ҳолатҳои муайян, ба ҳаёти ҷабрдида хатари ҷиддӣ дорад» [9, 17 – 18]. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зикр кардан ба маврид аст, ки таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳамчун як навъи зуҳуроти берунии мақсади ҷинояткор, танҳо бо ҳиссиёти зиёд имконпазир аст. Дар робита бо ин андешаи олимон (А.А. Чугунов, А.Д. Чернявский, Л.В. Данелян), ки таҳдидро ҳамчун як навъ ё усули таҷовузи равонӣ ба инсон медонанд, асоснoктар ва дурусттар мебошад.

Олими рус Сердюк Л.В. дар алоқамандӣ бо таҷовузи рӯҳӣ қайд менамояд, ки «ин таъсири қасдонаро аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок, ғайриқонунӣ, таъсир ба ҳолати рӯҳии як шахс ё гурӯҳи одамон аз ҷониби шахсони дигар, ки ба муқобили ирода ва хоҳиши онҳо ё иловатан тавассути иттилоот ва ё ғайрииттилоотӣ анҷом дода мешавад ва метавонад ба озодию иродаи шахс фишор оварад ва ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҷабрдида таъсиргузор бошад» [8, 18]. Бинобар ин бо мафҳуми таҳдиди куштан ё расонидани зарари

вазнин ба саломатӣ, Л.В. Данелян чунин андешаронӣ намудааст: «ин як намуди таҷовузи рӯҳие мебошад, ки аз ваъдаи шахсони содиркунанда оид ба расонидани зарар ба манфиатҳои шахс, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз шудааст, ки тавсифи воқеияти қасди содиркунандаи он новобаста аз мавҷуд будани қасди амалисозии таҳдид боиси осеби равонӣ мегардад» [5, 18] розӣ шудан мумкин аст.

Бешубҳа андешаҳои муҳаққиқони болозикр, бахусус Л.В. Данелян, аз нуқтаи назари мо он аст, ки таҳдид имкон дорад, ки амалӣ нашавад (сарфи назар аз мавҷуд будан ва дар амал иҷро намудани таҳдид), яъне барои субъекти ҷиноят далели таҳдид аз иҷрои он дида муҳимтар аст. Субъекти ин ҷиноят дар ин ҳолатҳо таъсир ба ҳолати рӯҳии шахсро болотар медонад нисбат ба расонидан зарари вазнин ба саломатӣ.

Баъди таҳлили адабиётҳои илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ метавон ба чунин хулосаҳо омад:

1. Таҳдид ҳамчун амал метавонад натиҷаҳои манфиро ба бор биёварад ва тамоми қишрҳои ҷомеаро мебояд барои кам намудани ин амал дастаҷамъона мубориза баранд.
2. Ҳангоми содир шудани ҷиноят дар асоси таҳдид моро мебояд, ки онро дар асоси моддаи 120 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушикофона дида бароему дар амалияи ҳуқуқӣ хулосаҳои боадолатона барорем.
3. Яке аз рукнҳои асосии кам намудани таҳдид, тарбияи насли наврас ба ҳисоб меравад, ки моро мебояд дар ин самт « дар замири ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ тухми боварӣ ба ояндаи дурахшон ва масъулият барои ҳар як амали таърихиро кишт намоем, то ин ки ояндаи дурахшон моро интизор бошад» [12, 348 – 353].
4. Дар баробари ин ҳамаи моро мебояд ба савияи маърифати ҳуқуқии тоҷикистониён аҳаммияти ҷиддӣ диҳем, зеро «Шуури ҳуқуқӣ набояд ҳамчун дониш ба омма тарғиб гардад, балки ҳамчун арзиши миллӣ ва ё давлатӣ бояд дар шуури ҳар як шаҳрванд ҷой гирад, зеро инсон метавонад донишҳои ба дастовардаашро дар як муддати кутоҳ фаромӯш кунад, аммо арзишҳо то охири умри инсон ӯро ҳамроҳӣ менамоянд» [13, 135 – 143], яъне, дар баробари тарбияи ҳуқуқӣ мо метавонем роҳҳои кам кардан ва ҳатто аз байн бурдани таҳдидро рушд диҳем.

**АДАБИЁТ:**


1. Threat // Cambridge Dictionary [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ – https://dictionary.cambridge.org/us/dictionary/english/threat#google_vignette (Санаи муроҷиат 07.11.2025)
2. Андреев Л.А. Состав преступления изнасилования в советском уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук. М., 1962. С. 81–82; Чучаев А.И. Преступления против правосудия. Ульяновск, 1997. С. 16; Бородин С.В. Преступления против жизни. М., 2000. С. 327.
3. Громов В.Г., Гамаюнова Е.А. Некоторые виды классификации насилия // Общество. Культура. Преступность: сб. науч. тр. Саратов, 2003. Вып. 5. С. 7.
4. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. В 4-х т. Т.1. –М., 1981. – С.425.
5. Данелян, Л.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика угрозы убийством или причинением тяжкого вреда здоровью (по материалам Тюменской области): автореф. дис. ... канд. юрид. наук [Текст] / Л.В. Данелян. – Тюмень, 2011.
6. Идоракунии давлатӣ. 2021 / №3 (52). Таҳдид ҳамчун масъалаи илмию назарявӣ., Сафарализода Х.Қ., С.247.
7. Ильянова О.И. Угрозы убийством или причинением тяжкого вреда здоровью и их предупреждение., дис. Саратов 2015. 185.. С.18
8. Костров Г.К. Уголовно-правовое значение угрозы: дис. … канд. юрид. наук. М., 1970. С. 12; Сердюк Л.В. Психическое насилие как предмет уголовно-правовой оценки: автореф. дис. … канд. юрид. наук. М., 1979. С. 11; Панов Н.И. Основные проблемы способа совершения преступления в советском уголовном праве: дис. … д-ра юрид. наук. Харьков, 1987. С. 135.

9. Крашенинников А.А. Угроза в уголовном праве России (проблемы теории и практики правового регулирования). Ульяновск, 2002. С. 14.
10. Ожегов С.И. Словарь русского языка. –М.: Русский язык, 1981. – С.40.
11. Саидумаров, С. С. Традиция - основная опора самопознания / С. С. Саидумаров, Р. Ф. Шарифзода // Национальное самосознание в условиях глобализации : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 348-353. – EDN LNGETF.
12. Саидумаров, С. С. Шуури ҳуқуқӣ ифодакунандаи худшиносии миллӣ // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. – No. 2(30). – P. C. 135-143Советский энциклопедический словарь / под ред. А.М. Прохорова. М., 1985. С. 1417.
13. Стерехов Н.В. Ответственность за угрозу по советскому уголовному праву. Свердловск, 1972. С. 55; Бунеев И.Ю. Уголовная ответственность за принуждение к даче показаний: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Омск, 2000. С. 9–10.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. –Душанбе, 2008. – С.326
15. Чугунов А.А. Принуждение к совершению сделки или к отказу в ее совершении // Труды филиала МГЮА в г. Кирове. № 5. Киров, 2001. С. 128; Чернявский А.Д. Психическое насилие при совершении корыстных преступлений: уголовно-правовые и криминологические проблемы: дис. … канд. юрид. наук. М., 1991. С. 48.
16. Шарифзода Р.Ф. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон / Р.Ф. Шарифзода, А.И. Сафарзода // Осори Академяи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе. – 2023. - № 2 (58), С. 141 – 148.
17. Энциклопедический словарь [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ https://gufo.me/dict/law/угроза (санаи муроҷиат: 07.11.2025)

УДК 343.98:004.8+681.3

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

**АБДАЛИЕВ А.А.**
*Докторанти (PhD) кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Мақола ба мавзуи муҳимми илми муосир – зеҳни сунъӣ бахшида шудааст. Дар он моҳият ва мафҳуми ин маҳсули баланди технологӣ, ки қодир аст тафаккури инсонро иваз кунад, инчунин ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқии татбиқи он баррасӣ шудаанд. Қайд карда мешавад, ки ҳанӯз дар илм таърифи умумии қабулшудаи «зеҳни сунъӣ» таҳия нашудааст, зеро дар айни замон ягон равиши томи ҳуқуқӣ барои муайян кардани хусусиятҳои аслии он вуҷуд надорад.*

**Калидвожаҳо**: *зеҳни сунъӣ, технология, рақамикунонӣ, компютер, барономаи компютерӣ, мошин, инсон, тафаккур.*

## ПАРВАВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТА

**АБДАЛИЕВ А.А.**
*Докторант доктор PhD кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета*

*Статья посвящена актуальной теме современной науки – искусственному интеллекту. В ней раскрываются сущность и понятие данного высокотехнологического продукта, способного заменить человеческое мышление, а также отдельные правовые аспекты его применения. Отмечается, что в настоящее время в науке не выработано общепринятое универсальное определение понятия «искусственный интеллект», так как на данный момент нет однозначного правового подхода к выделению его содержательных характеристик.*

**Ключевые слова**: *искусственный интеллект, технология, цифровизация, компьютер, компьютерная программа, машина, человек, мышление.*

## LEGAL REGULATION ARTIFICIAL INTELLIGENCE

**ABDALIEV A.A.**
*Doctor doctor PhD for the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Law Faculty of the Tajik National University*

*The article is devoted to a highly relevant topic in modern science: Artificial Intelligence. It reveals the essence and concept of this high tech product, which is capable of replacing human thinning, as well as specific legal aspects of its application. It is noted that a generally accepted universal definition of artificial intelligence has not yet been developed science. This is due to the current lack of a clear legal approach to defining its essential characteristics.*

**Keywords**: *Artificial Intelligence, technology, digitalization, computer program, machine, human, thinning.*

Искусственный интеллект по праву считается ключевым прорывом человечества и является самой динамичной и обсуждаемой областью современной науки.

Стремительная цифровая трансформация общества сопровождается глубоким проникновением алгоритмов машинного разума практически во все сферы человеческой деятельности. В связи с этим, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своём Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан, отметил, что «правительство страны должно укреплять приоритетные направления развития цифровых технологий и искусственного интеллекта… Правительству страны поручается, принять меры с целью использования возможностей искусственного интеллекта в процессе развития по созданию Национальной корпорации искусственного интеллекта, Регионального центра искусственного интеллекта и комплекса центров переработки «зелёной информации»

(дата – центры)» [9]. Интеграция технологий искусственного интеллекта, с одной стороны, открывает перед человечеством новые горизонты развития, а с другой, неизбежно сопровождается возникновением комплексных угроз.

Понятие «Искусственный интеллект» прочно закрепилась в современный научный, технологический и общественный дискурс. Несмотря на широкую распространенность, данное понятие классифицируется как наиболее сложный и противоречивый объект современных исследований. Искусственный интеллект как научная категория формируется на пересечении математического анализа, вычислительных систем, когнитивной и фундаментальной психологии.

Искусственный интеллект как самостоятельная научная дисциплина начал свое развитие в середине прошлого века. В 30-х годах прошлого столетия в трудах выдающегося британского математика и криптографа Алана Тьюринга была сформирована концепция универсальных вычислительных машин, способных к алгоритмическому решению специализированных задач. В 1956 году в философском издании Mind была опубликована фундаментальная работа Алана Тьюринга «Вычислительные машины и разум» (Computing Machinery and Intelligence), в которой была выдвинута гипотеза о возможности воспроизведения человеческих когнитивных процессов. Автор обосновал теоретическую сопоставимость машинной обработки обобщенных данных с человеческой способностью к логическому выводу при решении комплексных задач. Он предложил методологию верификации машинного интеллекта, впоследствии получившая название «Тест Тьюринга». В данной концепции вычислительная система признается интеллектуально адекватной в том случае, если в условиях опосредованного взаимодействия эксперт-наблюдатель оказывается неспособен провести четкую дифференциацию между реакциями программного алгоритма и естественного человеческого сознания. Данный этап ознаменовался первыми шагами в разработке программного обеспечения, функционирующего на базе логических алгоритмов и заданных наборов правил.

Вопросы становления механизмов работы интеллектуальных систем находятся в центре внимания ученых уже более пятидесяти лет. В 1956 году на конференции «Летний исследовательский проект по искусственному интеллекту» в Дартмутском колледже Джон Маккарти впервые ввел термин «искусственный интеллект» в научный обиход. В силу данных обстоятельство Джон Маккарти признан основоположником терминологического аппарата дисциплины и официальным автором дефиниции «искусственный интеллект». Таким образом, Дартмутский семинар послужил отправной точкой для формирования искусственного интеллекта как самостоятельной области междисциплинарных исследований. Джон Маккарти намеренно использовал словосочетание «искусственный интеллект» в качестве концептуального ориентира, призванного обозначить специфику и суверенитет нового научного направления в рамках летнего проекта. Он определял искусственный интеллект как «науку и технологию по созданию интеллектуальных машин, в особенности интеллектуальных компьютерных программ» [4].

Вслед за периодом интенсивного развития в середине 1980-х годов, отрасль искусственного интеллекта столкнулась с кризисом невыполненных обещаний. Несоответствие достигнутых результатов завышенным ожиданиям привело к резкому сокращению государственного и частного финансирования, спровоцировав затяжной спад интереса к искусственному интеллекту. В определенный период искусственный интеллект даже начал побеждать человека. «В 1997 году компьютер Deep Blue побеждает чемпиона мира по шахматам Гарри Каспарова; в 2011 году суперкомпьютер компании IBM обыгрывает чемпиона мира в вопросах на общую эрудицию в телевикторине; в 2016 году программа AlphaGo победила профессионального игрока высшего ранга из Южной Кореи в игре в Го. А в 2021 году несколько NLP моделей компаний Baidu, Google, Microsoft превзошли человека в прохождении тестов Super Glue на понимании текста – 91,2% правильных ответов у искусственного интеллекта против 89,9% у человека» [7]. Таким образом, история развития машинного разума отмечена периодами бурного роста

и упадка. Переломным этапом в развитии технологий стало достижение вычислительного превосходства, когда алгоритмы начали систематически демонстрировать результаты, превосходящие возможности человеческого интеллекта в специализированных задачах. Важнейшим достижением этого периода стал выход систем искусственного интеллекта на уровень конкурентного превосходства, при котором в ряде интеллектуальных задач машины стали демонстрировать более высокую эффективность, чем человек. Этот прорыв во многом определил современный вектор развития глобальной цифровой экономики.

Экспертное сообщество выделяет искусственный интеллект на ряд категорий в зависимости от степени автономности и сложности решаемых задач:

– Слабый (узкоспециализированный) искусственный интеллект, (Narrow AI) базируется на принципе строго функциональной детерминированности. Подобные системы ориентированы на реализацию ограниченного перечня специализированных операций, протекающих в рамках жестко заданной алгоритмической последовательности без возможности выхода за пределы предметной области. В условиях выхода за пределы детерминированной области обучения системы прикладного искусственного интеллекта демонстрируют резкое снижение эффективности. Отсутствие механизмов адаптации к нетипичным сценариям приводит к функциональной деградации, поскольку операционная логика алгоритма ограничена строго заданными параметрами входных данных. При этом в рамках строго очерченных доменов прикладной искусственный интеллект может обладать операционным превосходством, превосходя человеческий интеллект в скорость обработки массивов данных и точности реализации специфических алгоритмов. На сегодняшний день мы все еще находимся в эре слабого искусственного интеллекта, хотя границы между ним и тем самым «настоящим» разумом (AGI) становятся всё более размытыми благодаря новым возможностям.

– Сильный искусственный интеллект (AGI) – это искусственный интеллект, представляющий собой многофункциональную когнитивную систему, обладающую способностью к адаптивному решению широкого спектра задач. Функциональная самодостаточность системы выражается в ее способности к динамической адаптации, исключающей необходимость вмешательства человека в процесс принятия решений.

Фундаментальный вектор развития искусственного интеллекта изначально был направлен на создание высокодетерминированных когнитивных систем, обладающих подлинной субъектностью и способностью к процессам, эквивалентным человеческому мышлению.

В отличие от слабого искусственного интеллекта, ориентированного на решение конкретных задач, сильный искусственный интеллект определяется как универсальная когнитивная система, наделенная способностью к автономному решению многих задач. Его отличительная черта, заключается в возможности самообучения и функционирования без человеческой поддержки, что фактически стирает грань между искусственным и естественным интеллектом. На сегодняшний день AGI остается теоретическим идеалом, поскольку полнофункциональных систем такого уровня пока не существует.

В современной научной парадигме, вопреки длительной истории изучения вопроса, по-прежнему констатируется отсутствие консенсуса относительно дефиниции термина «искусственный интеллект», потому что на текущем этапе мировое правовое сообщество не выработало консолидированной позиции относительно правовой природы и качественных критериев из-за многогранности и динамического характера искусственного интеллекта.

Эффективность любой регуляторной модели находится в прямой зависимости от степени верификации и четкости базовых дефиниций, которые закладывают основу для правоприменительной практики. Следовательно, в качестве приоритетной задачи выступает определение с термином «искусственный интеллект», поскольку без устойчивого дефинитивного базиса невозможно дальнейшее теоретическое осмысление проблемы. Отсутствие глобальной парадигмы в понимании сущности и типологии

интеллектуальных систем выступает непреодолимым барьером на пути к общемировому нормативному контролю.

На современном этапе развития существуют множество понятий искусственного интеллекта:

«Рэй Курцвейл дает определение искусственного интеллекта через понятие искусства создания машин, выполняющих функции, которые требуют интеллектуальности при их реализации человеком» [3]. Согласно позиции Курцвейла, мерилом машинного интеллекта является не аппаратная конфигурация устройства, а его операционные возможности по обработке и разрешению проблемных ситуаций определенного уровня сложности.

Трактовка, предложенная Ричардом Беллманом: «действий, ассоциируемых нами с человеческим мышлением, т.е. таких действий, как принятие решений, решение задач, обучение» [1] базируется на отождествлении интеллектуальных способностей машины со степенью автоматизации процессов принятия решений, что позволяет рассматривать искусственный интеллект как высшую форму развития автоматизированных систем.

Д.В. Смолином предложена классификация, охватывающая три ключевые трактовки, различающиеся по своим фундаментальным признакам:

1. «Интеллектуальной называется система, способная целеустремленно, в зависимости от состояния информационных входов, изменять не только параметры функционирования, но и сам способ своего поведения, причем способ поведения зависит не только от текущего состояния информационных входов, но также и от предыдущих состояний системы (различают целенаправленные и целеустремленные системы. Примером системы первого типа может служить артиллерийский выстрел, второй – самонаводящаяся ракета)».

2. Интеллектуальной называется система, моделирующая на компьютере мышление человека.

3. Интеллектуальной называется система, позволяющая усилить интеллектуальную деятельность человека за счет ведения с ним осмысленного диалога, и резюмирующее определение «искусственный интеллект – это самообучающийся инструмент, усиливающий деятельность человека по генерации и принятию решений» [10, 15 – 17]. В первом случае Д.В. Смолин отмечает, что ключевым критерием интеллектуальной системы выступает ее способность к автономной структурной перестройки и оперативной модификации алгоритмов принятия решений при изменении целеполагания. Далее автор отмечает, что интеллектуальный характер системы определяется её способностью к компьютерной симуляции функций, присущих человеческому сознанию. Затем он концептуализирует искусственный интеллект как когнитивного агента, функционирующего в рамках партнерского взаимодействия и способствующего экстенсивному расширению интеллектуального потенциала человека.

Исследование лексикографических источников демонстрирует отсутствие единого подхода к трактовке искусственного интеллекта, так даже в рамках одного Нового Международного словаря английского языка Уэбстера, Энциклопедическое издание (The New international Webster˒s Comprehensive Dictionary of the English language, Encyclopedic Edition), фиксируется четыре альтернативных дефиниций данного феномена:

– «искусственный интеллект как направление в сфере компьютерной науки, связанное с разработкой компьютеров, способных осуществлять антропоморфные мыслительные процессы, такие, как обучение, рассуждение и саморегулирование;

– искусственный интеллект как представление о том, что машины могут быть усовершенствованы до такого состояния, когда они могут возложить на себя некоторые возможности (и соответственно – функции), которые, как считается, присущи человеческому интеллекту, например обучение, адаптация, саморегулирование и т.д;

– искусственный интеллект как расширение человеческого интеллекта с использованием компьютеров, подобно тому, как физическая сила человека может быть увеличена с помощью использования механических инструментов;

– искусственный интеллект как наука о техниках более эффективного использования компьютеров с помощью улучшенных техник программирования (в узком понимании данного термина)» [6]. В последнем определении искусственного интеллекта вышеуказанного словаря отмечается очень точное и глубокое сравнение. Если механические инструменты (рычаги, двигатели, краны) стали «экзоскелетом» для наших мышц, то искусственный интеллект становится «экзоскелетом» для нашего разума.

Исследователи Стюарт Рассел и Питер Норвиг выделяют четыре ключевых направления в концептуализации искусственного интеллекта:

– «подход, в рамках которого за основы взято человеческое мышление, то есть предполагается, что искусственный интеллект должен быть способен реализовывать умственную деятельность, схожую человеческой, например, способен принимать решения, решать проблемы, обучаться;

– подход, в рамках которого за основу взято человеческое поведение, то есть, предполагается, что искусственный интеллект должен быть способен выполнять функции, выполнение которых человеком требуется разум;

– подход, основанный на рациональном мышлении;

– подход, основанный на рациональном поведении» [5, 1 – 2].

В первом подходе, дискуссия переводится из области простых инструментов в область когнитивного моделирования, во втором подходе, данное определение в научной среде считается одним из самых практических и признанных. Согласно этому подходу, интеллект машины оценивается не по тому, «чувствует» ли она что-то или «осознает» ли себя, а по ее способности решать задачи, которые традиционно считались прерогативой человека. В третьем подходе, в отличие от подходов, которые пытаются имитировать человека (со всеми его ошибками и эмоциями). В рамках рационального метода основной акцент делается на безупречности логических операций и корректности умозаключений. Однако в финальной концепции фокус внимания перемещается с процессов мышления системы на ее практическое поведение.

Методология данных исследований носит преимущественно эмпирический характер, так как базируется на анализе когнитивных функций человека. В основе таких подходов лежит систематическое наблюдение за действиями субъекта в различных условиях.

При этом подходы, основанные на когнитивных способностях человека и его поведении, отчасти являются эмпирическими, поскольку в них используются наблюдения за человеческим поведением. В системе нашего восприятия человек представляет собой наиболее многогранный объект познания, ключевой характеристикой которого выступает его когнитивные способности.

Йост Н. Кок, Эгберт Дж. У. Бурс, Уолтер А. Костерс, Питер ван дер Путтен и Маннес Поэль предлагают дефиницию искусственного интеллекта структурировать по четырем ключевым направлениям и подчеркивают, что комплексное понимание данной технологии невозможно без учета каждой категории:

– «определение искусственного интеллекта как системы, думающей как люди;

– определение искусственного интеллекта как системы, действующей как люди;

– определение искусственного интеллекта как системы, думающей рационально;

– определение искусственного интеллекта как системы, действующей рационально» [2, 2].

В данных дефинициях акцентируется внимание на имитации когнитивных функций человека. При этом авторы выделяют поведенческие и логические аспекты, а также подчеркивают значимость рациональности и корректировки формируемых системой выводов.

В современном научном дискурсе констатируется отсутствие унифицированной интерпретации термина «искусственный интеллект», который затрудняет формирование полноценной правовой базы.

Множественность интерпретаций данного понятия на сегодняшний день способствуют динамичному развития и разнообразию применяемых технологий.

«При этом П.М. Морхат отмечает, что в рамках некоторых подходов к регулированию искусственного интеллекта не предполагается наличие универсальных норм, которые могут быть применимы ко всем категориям, видам, сферам применения технологий искусственного интеллекта. Это, в свою очередь, означает различную интерпретацию определений, исходя из области и целей использования системы» [8, 59].

Дефицит универсальной дефиниции в области искусственного интеллекта обусловлен как стремительной диверсификацией соответствующих технологий, так и принципиальными расхождениями в методологических школах. Отсутствие единого терминологического базиса отражает внутреннюю неоднородность инструментов и вариативность концепций, лежащих в основе разработки. Современный ландшафт интеллектуальных систем представлен множеством решений, радикально отличающихся друг от друга как по функциональному предназначению, так и по архитектурным способностям. Находясь на пересечении различных областей научного знания, данная сфера характеризируется ярко выраженным междисциплинарным статусом.

В научной среде отмечается, что ключевым барьером в междисциплинарных исследованиях остается отсутствие консенсуса относительно дефиниции естественного интеллекта. В частности, в рамках диссертационного исследования П.М. Морхата подчеркивается тезис Джорджа Люгера, согласно которому «интеллект является такой областью знаний, которую невозможно описать посредством одной теории» [8, 59]. Традиционно в научной парадигме под интеллектом понимается комплексная когнитивная система, объединяющая способности к логическому выводу. Исследователи подчеркивают, что интеллект включает не только механизмы абстрагирования и оперативного решения задач, но и когнитивную гибкость, проявляющуюся в быстрой обучаемости и интеграции эмпирического опыта.

Таким образом, концептуальная неопределенность термина «искусственный интеллект» является следствием дифференциации подходов в различных областях знания. Формулировка понятия варьируется в зависимости от целевых ориентиров автора, выбранной дисциплинарной парадигмы и степени отождествления программных алгоритмов с человеческими когнитивными способностями. Несмотря на терминологическое разнообразие, представленные дефиниции во многом обнаруживают преемственность и характеризуется комплементарностью, взаимно расширяя содержательный базис исследуемого понятия.

В связи с этим предлагаем следующее определение искусственного интеллекта – под искусственным интеллектом следует понимать автономную программно-ориентированную среду, предназначенную для оптимизации процессов принятия решений, систему осуществляющую высокоэффективный анализ данных и когнитивное моделирование (рассуждение), что в сочетании с механизмами машинного обучения позволяет ей реализовывать установленные пользователем задачи наиболее релевантными способами.

## ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Bellman R.E. Fn Introduction to Artificial Intelligence: Can Computers Think? – San Francisco: Boyd & Fraser publishing Company, 1978.
2. Kok J.N. Boers E.J.W., Kosters W.A., Van der Putten P., Poel M. Artificial Intelligence: definition, trends, techniques, and cases // Encyclopedia of Life Support systems, Artificial Intelligence / Ed. by J.N. Kok. - Paris: Eolss Publishers, 2009. – 401p. – P. 1-21. - P.2.
3. Kurzweil R. The age of Intelligent Machines. – Cambridge (Massachusetts, USA): MIT Press, 1990.
4. McCarthy J. What is Artificial Intelligence? Stanford University. Revised 12.11.2017.
5. Russell S., Norvig P. Artificial Intelligence: A Modern Approach. Third Edition. - Boston: Prentice Hall, 2010. – xviii; 1132 p. – P. 1-2.

6. Зуфарова А.С., Самойлов А.В., Мулявка М.Р., Чаптыков С.И., Шишков П.А., Бузыкова Ю.С. // Управление образованием: теория и практика. Т. 13 (2023). №7. 2023.
7. Марченко А.Ю. Правовой анализ новейшего законодательства ЕС о применении технологий искусственного интеллекта [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.10 / Марченко Анна Юрьевна. – Москва. 2022. – 208 с.
8. Морхат П. М. Правосубъектность искусственного интеллекта в сфере права интеллектуальной собственности: гражданско-правовые проблемы: дисс. … д-ра юрид. наук: 12.00.03. М., 2019. С.59.
9. Послание Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» (г. Душанбе, 16.12.2025) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://president.tj (дата обращения: 30.12.2025).
10. Смолин Д.В. Введение в искусственный интеллект: конспект лекций. – М.: Физматлит, 2004. – 208 с. – С. 15 – 17.

УДК.342.26(575.3)

# МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ БА МУҲЛАТИ МУАЙЯН ДАР МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ

**ГУЛОВ А.Н.**

*Докторанти PhD-и Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян дар муассисаҳои ислоҳӣ бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва ислоҳи шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста мешаванд, татбиқ карда мешавад. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян ҷузъи таркибии институти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, ҳалли он ба ҷараёни амалинамоии иҷтимоишавии маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, алоқамандӣ дорад.*

*Дар солҳои охир сафи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин зиёд шуда истодаанд, ки аз ҷониби судҳо нисбати онҳо, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ гардида истодааст. Маҳрум сохтан аз озодӣ бо ҳукми суд таъин карда шуда, дар моддаи 58 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр дарҷи худро ёфтааст. Ҳангоми бо ҳукми суд маҳрум сохтан аз озодӣ ва бори аввал ворид шудани маҳкумшудагон ба муассисаҳои ислоҳӣ онҳо муҳлати 15 (понздаҳ) шабонарӯз дар шуъбаи карантин ҷойгир карда мешаванд. Дар ин ҳолат маъмурияти муассисаи ислоҳӣ вазифадор мебошад, ки яке аз хешовандондони наздики маҳкумшударо фавран огоҳ намояд. Ҳангоми дар шуъбаи карантин қарор доштани маҳкумшудагон ба онҳо пеш аз ҳама низоми муассисаи ислоҳии мазкур, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи ислоҳӣ, роҳу воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон, чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати маҳкумшудагон, чораҳои интизомӣ нисбати онҳо ҳангоми вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби онҳо, эҳтиром намудани якдигар, худдорӣ намудан аз ашёҳои манъшуда, аз қабили симкортҳо, телефонҳои мобилӣ, ашёҳои халандаву бурранда, машруботҳои спиртӣ, худдорӣ намудан аз кӯшиши фирор намудан аз муассисаи ислоҳӣ ва дигар масъалаҳои мубрам аз тарафи кормандони масъули шуъбаи карантини муассисаи ислоҳӣ фаҳмонида мешавад.*

*Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 (шаш) тавқифгоҳи тафтишотӣ вуҷуд дошта, 13 (сенздаҳ) муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо беш аз 16200 (шонздаҳ ҳазору дусад) маҳкумшудагон адои ҷазо мекунанд. Дар муассисаҳои ислоҳии мазкур лимити муайян барои фарогирии маҳкумшудагон вуҷуд дорад, ки дар доираи лимити мазкур маҳкумшудагон бояд дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷо карда шуда, иҷрои ҷазо намоянд.*

**Калидвожаҳо**: *маҳрум сохтан аз озодӣ, маҳкумшудагон, муассисаҳои ислоҳӣ, ҷиноят, шуъбаи карантин, лимити муайян.*

# ЛИШЕНИЕ СВОБОДЫ НА ОПРЕДЕЛЕННЫЙ СРОК В ИСПРАВИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ.

**ГУЛОВ А.Н.**

*Докторант PhD Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана*

*Лишение свободы на определенный срок применяется в исправительных учреждениях в целях восстановления социальной справедливости и исправления лиц, признанных виновными в совершении преступлений. Лишение свободы на определенный срок является неотъемлемой частью института прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан, и его решение связано с процессом осуществления социализации осужденных в исправительных учреждениях.*

*За последние годы увеличилось количество тяжких и особо тяжких преступлений, за которые суды назначают наказание в виде лишения свободы. Лишение свободы назначается по решению суда, и данная норма определена в статье 58 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Осужденные, лишенные свободы по решению суда и впервые поступившие в исправительные учреждения, помещаются в карантинный отдел сроком на 15*

*(пятнадцать) суток. В этом случае администрация исправительного учреждения обязана незамедлительно уведомить об этом одного из близких родственников осужденного. При нахождении в карантинном отделе осужденным в первую очередь разъясняются ответственными работниками карантинного отделения исправительного учреждения порядок работы данного исправительного учреждения, правила внутреннего распорядка исправительного учреждения, пути и средства исправления осужденных, меры поощрения осужденных, меры дисциплинарного воздействия на них в случае нарушения ими правил внутреннего распорядка, уважительное отношение друг к другу, воздержание от запрещенных предметов, таких как сим-карты, мобильные телефоны, острые и режущие предметы, спиртные напитки, воздержание от попыток побега из исправительного учреждения и другие соответствующие вопросы.*

*В настоящее время в Республике Таджикистан функционируют 6 (шесть) следственных изоляторов и 13 (тринадцать) исправительных учреждений, в которых отбывают наказание более 16200 (шестнадцати тысяч двухсот) осужденных. В указанных исправительных учреждениях установлен определенный предел численности осужденных, в пределах которого осужденные должны содержаться в исправительных учреждениях и отбывать наказание.*

**Ключевые слова**: *лишение свободы, осужденные, исправительные учреждения, преступление, карантинный отдел, определенный лимит.*

## DEPRIVATION OF LIBERTY FOR A FIXED TERM IN CORRECTIONAL INSTITUTIONS

**GULOV A.N.**

*Doctor PhD of the Institute of state and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*Deprivation of liberty for a fixed term is applied in correctional institutions in order to restore social justice and correct persons found guilty of committing crimes. Deprivation of liberty for a fixed term is an integral part of the institute of human and civil rights and freedoms in the Republic of Tajikistan, and its solution is associated with the process of socialization of convicts in correctional institutions. In recent years, the number of serious and especially serious crimes for which courts impose a sentence of imprisonment has increased.*

*Deprivation of liberty is imposed by a court decision, and this norm is defined in Article 58 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Convicts deprived of liberty by a court decision and admitted to correctional institutions for the first time are placed in a quarantine block for a period of 15 (fifteen) days. In this case, the administration of the correctional institution is obliged to immediately notify one of the close relatives of the convict about this. When in the quarantine department, convicted persons are first explained by the responsible employees of the quarantine department of the correctional institution the operating procedure of the given correctional institution, the internal regulations of the correctional institution, the ways and means of correcting convicted persons, incentive measures for convicted persons, disciplinary measures against them in the event of their violation of the internal regulations, respectful attitude towards each other, abstinence from prohibited items such as SIM cards, mobile phones, sharp and cutting objects, alcoholic beverages, abstinence from attempts to escape from the correctional institution and other relevant issues.*

*Currently, there are 6 (six) pre-trial detention facilities and 13 (thirteen) correctional institutions in the Republic of Tajikistan, where more than 16200 (sixteen-two handrid) convicted persons are serving their sentences. A certain limit on the number of convicted persons has been established in the said correctional institutions, within which convicted persons must be kept in correctional institutions and serve their sentences.*

**Key words:** *imprisonment, convicts, correctional institutions, crime, quarantine department, certain limit.*

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии олии кишвар ба шумор меравад, меъёрҳои алоҳидае оварда шудааст, ки бевосита оид ба

арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии шахс, бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс намудани шахс, қувваи бозгашти қонун, манъи мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда равона карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёрҳо дарҷ гардидааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [5, 5].

Дар моддаи 18-и Конститусияи кишвар дарҷ шудааст: «Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад» [5, 13].

Ҳамзамон, дар моддаҳои 19 ва 20 Конститутсия омадааст, ки ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад. Ҳеҷ кас баъди гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад. Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад. Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбинӣ нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, қонуни нав амал мекунад. Мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст [5, 13].

Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян дар муассисаҳои ислоҳӣ - ин муайян намудани баҳисобгирии умумии шароити нави ҷамъиятий-сиёсӣ дар кишварро ташкил дода, бахри баҳогузории ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагони аз озодӣ махрумшуда ба муҳлати муайян равона гардида, омӯзиши амиқи паҳлуҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии маҷбурсозиро, ки аз тарафи муассисаҳои ислоҳӣ дар асоси талаботҳои муосир бахри таъмин намудани ҳуқуқҳои инсон амалӣ мегарданд, фаро мегирад.

Ин масъалаҳо ҷузъи таркибии институти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, ҳалли он ба ҷараёни амалинамоии иҷтимоишавии маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, алоқамандӣ дорад.

Дар солҳои охир сафи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин зиёд шуда истодаанд, ки аз ҷониби судҳо нисбати онҳо, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ гардида истодааст. Ин навъи ҷазо ба 28 дарсади маҳкумшудагон татбиқ мегардад. Махрум сохтан аз озодӣ ин бевосита бо ҳукми суд баровварда шуда, дар моддаи 58 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр ба таври зайл дарҷи худро ёфтааст:

– маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷудо кардани шахси маҳкумшуда аз ҷамъият бо роҳи дар колонияҳои ислоҳи сукунат, дар колонияҳои ислоҳи низомашон умумӣ, пурзӯр, сахт, махсус ё дар маҳбас ҷо кардани ӯ иборат аст. Шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудае, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд, дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ ё пурзӯр бо тартиби муқаррарнамудаи фасли панҷуми Қисми умумии ҳамин Кодекс ҷо карда мешаванд. Яъне фасли 5 – уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон” ном дошта, боби 14 – уми ҳамин Кодексро фаро мегирад, ки он низ «Хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон» номгузорӣ гардида, моддаҳои 86 – 93 ҳамин Кодексро дар бар мегирад;

– маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то бисту панҷ сол муқаррар мешавад. Ҳангоми то баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ аз ҷониби гунаҳгор барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 ҳамин Кодекс пешбинигардида нисбати ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад. Яъне дар қисми 6 ва 7 моддаи 49 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷарима) номгӯйи як қатор ҷиноятҳо оварда шудааст ва дар сурати гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва

ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбаршуда пешбинигардида таъйин карда мешавад;

– дар сурати иваз кардани ҷазоҳои ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ он метавонад мутобиқан бо назардошти андоза ва мӯҳлати адонагардидаи ин намуди ҷазоҳо ба муҳлати камтар аз шаш моҳ таъин гардад [6, 32].

Дар зери мафҳуми муассисаҳои ислоҳӣ макони адои ҷазои шахсоне фаҳмида мешавад, ки аз озодӣ маҳкум карда шудаанд [8, 80].

Дар моддаи 71 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои муассисаҳои ислоҳӣ дарҷи худро ёфтааст, яъне тибқи талаботи моддаи болозикр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъҳои муассисаҳои ислоҳӣ мавҷуд мебошанд:

– колонияҳои ислоҳӣ;

– колонияҳои тарбиявӣ;

– маҳбасҳо;

– муассисаҳои муолиҷавии ислоҳӣ [4, 32].

Изоляторҳои тафтишотӣ вазифаи муассисаи ислоҳиро нисбат ба маҳкумшудагоне, ки барои ҷиҳати иҷрои кори таъминоти хоҷагӣ мононда шудаанд, анҷом медиҳанд.

Колонияҳои ислоҳӣ ва маҳбасҳо барои адои ҷазо нисбати ашхосе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд ва ба балоғат расидаанд, муқаррар шудаанд.

Колонияҳои ислоҳӣ дар навбати худ ба чунин намудҳо тақсимбандӣ карда шудааст:

– сукунат;

– низоми умумӣ;

– низоми пурзӯр;

– низоми сахт;

– низоми махсус.

Дар муассисаҳои муолиҷавии ислоҳӣ ҷазоро маҳкумшудагони аз озодӣ иҷрои қарори судро дар мавриди истифодаи чораҳои маҷбурии муолиҷаи ашхоси мубталои бемориҳои сил, майзадагӣ, нашъамандӣ ё заҳрмандӣ, инчунин бемории рӯҳиро, ки мукаллафиро истисно намекунад, таъмин менамоянд.  Агар ҳангоми адои ҷазо муайян карда шавад, ки маҳкумшуда ба бемориҳои сил, майзадагӣ ё нашъамандӣ ё заҳрмандӣ мубтало мебошад, муассисаи иҷрокунандаи ҷазо нисбати чунин шахс дар бораи истифода бурдани чораи маҷбурии доруи хусусияти тиббӣ ба суд пешниҳод мефиристад. Нисбат ба ашхоси гирифтори вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин ашхосе, ки курси пурраи муолиҷаи касалиҳои зӯҳравиро нагузаштаанд ва ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, муассисаи иҷрокунандаи ҷазо мувофиқи қарори комиссияи тиббӣ муолиҷаи маҷбуриро истифода мебарад. Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми озодшавии маҳкумшуда муолиҷа хотима наёфтааст, маъмурияти муассисаи ислоҳӣ дар сурати мавҷуд будани хулосаи тиббӣ, барои идома додани муолиҷаи маҷбурии чунин шахс дар муассисаи тиббии дорои низоми махсус, ба суд пешниҳод мефиристад.

Дар колонияҳои тарбиявӣ ҷазоро ноболиғоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин маҳкумшудагоне, ки дар колонияҳои тарбиявӣ то расидан ба синни 20-солагӣ мононда шудаанд, адо мекунанд.

Тибқи қисми 5 моддаи 58-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҷойҳои зерин таъйин мешавад:

а) барои шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намуда ва ба муҳлати на зиёдтар аз панҷ сол бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - дар колонияҳои ислоҳи сукунат;

б) барои шахсоне, ки бори аввал бо маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, инчунин шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз панҷ сол маҳкум шудаанд - дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ;

в) барои шахсоне, ки бори аввал бо маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд – дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр;

г) барои шахсоне, ки бори аввал ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум шудаанд ва инчунин ҳангоми ретсидиви ҷиноят, агар маҳкумшуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо карда истода бошад ё қаблан ин намуди ҷазоро адо карда бошад – дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт;

д) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок, инчунин барои маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин шудааст ё ҷазои қатл тибқи тартиби бахшиши ҷазо ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст – дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми махсус;

е) ба шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба мӯҳлати зиёда аз даҳ сол маҳкум шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои ретсидиви махсусан хавфнок мумкин аст дар маҳбас адо кардани қисми муҳлати ҷазо таъин шавад, вале на зиёдтар аз панҷ сол [6, 32].

6) Ба занони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда адои ҷазо дар колонияи ислоҳи низоми зерин таъйин карда мешавад:

а) дар ҳолати ретсидивӣ махсусан хавфнок – дар колонияҳои ислоҳи дорои низоми сахт;

б) барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содирнамуда – дар колонияҳои ислоҳи сукунат;

в) дигар заноне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – дар колонияҳои ислоҳи дорои низоми умумӣ;

7) Вобаста ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои дигар суд метавонад бо зикри далелҳои қабули қарор низоми сабуктари адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъин намояд.

8) Намуди бо ҳукм таъйиншудаи муассисаи ислоҳиро суд мутобиқи Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир медиҳад.

Тибқи муқаррароти моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин мекунад. Мақомоти ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад [7, 6].

Вазифаҳои мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иборатанд аз:

– муайян намудани стратегия, таҳияи шаклҳои асосӣ ва методҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, татбиқи онҳо, инъикоси фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар матбуоти даврӣ;

– роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ, расонидани ёрии амалию методӣ ва назорати онҳо;

– таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандоне, ки дар воҳидҳои сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хизмат мекунанд;

– баррасии арзу шикоятҳои маҳбусон;

– ташкили баҳисобгирии махсуси маҳбусон, аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ ба муассисаҳои ислоҳӣ, иҷрои авфи умумӣ ва бахшиши ҷазо;

– ташкили маблағгузорӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои такмил ва тараққиёти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

– бо кор таъмин намудани маҳбусон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– татбиқи сиёсати кадрҳо, ҷобаҷогузорӣ, таълиму тарбия, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва маишии онҳо, ташкили омодагии касбии кормандон;

– ҷамъ кардан, таҳлил ва санҷиши маълумот дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами кор, талаб намуда гирифтани маълумоти зарурӣ аз мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- маҳдуд кардан, муваққатан қатъ намудани даромадани шаҳрвандон ба муассисаҳои ислоҳӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ва тарк намудани ҳудуди онҳо дар ҳолати низоми шароити махсус ва фавқулода.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 (шаш) тавқифгоҳи тафтишотӣ вуҷуд дошта, 13 (сенздаҳ) муассисаҳои ислоҳӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо беш аз 16200 (шонздаҳ ҳазору дусад) маҳкумшудагон иҷрои ҷазо мекунанд. Дар муассисаҳои ислоҳии мазкур лимити муайян барои фарогирии маҳкумшудагон вуҷуд дорад, ки дар доираи лимити мазкур маҳкумшудагон бояд дар муассисаҳои ислоҳӣ ҷо карда шуда, иҷрои ҷазо намоянд.

Вазифаи ҳамаи муассисаҳо баҳри ислоҳи маҳкумшудагон равона карда шудааст. Воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон:

1.Низом

2.Корҳои тарбиявӣ

3.Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ

4.Гирифтани маълумоти умумӣ

5.Омодагии касбӣ

6.Таъсиррасонии ҷамъиятӣ [2, 11].

Ҳангоми бори аввал ворид шудани маҳкумшудагон ба муассисаҳои ислоҳӣ онҳо муҳлати 15 (понздаҳ) шабонарӯз дар шуъбаи карантин ҷойгир карда мешаванд. Дар ин ҳолат маъмурияти муассисаи ислоҳӣ вазифадор мебошад, ки яке аз хешовандони наздики маҳкумшударо фавран огоҳ намояд. Ҳангоми дар шуъбаи карантин қарор доштани маҳкумшудагон ба онҳо пеш аз ҳама низоми муассисаи ислоҳии мазкур, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи ислоҳӣ, роҳу воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон, чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати маҳкумшудагон, чораҳои интизомӣ нисбати онҳо ҳангоми вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби онҳо, эҳтиром намудани якдигар, худдорӣ намудан аз ашёҳои манъшуда, аз қабили симкортҳо, телефонҳои мобилӣ, ашёҳои халандаву бурранда, машруботҳои спиртӣ, худдорӣ намудан аз кӯшиши фирор намудан аз муассисаи ислоҳӣ ва дигар масъалаҳои мубрам аз тарафи кормандони масъули шуъбаи карантини муассисаи ислоҳӣ фаҳмонида мешавад.

Маҳкумшудагон уҳдадоранд, ки талаботи қонунии муассисаҳои ислоҳиро бечунучаро риоя намоянд.

Уҳдадориҳои ҳуқуқии шахси маҳкумшуда – ин муқаррароти меъёрии ҳуқуқии уҳдадоркунанда ва манъкунанда мебошад, ки чораҳои зарурии рафтори маҳкумшударо дар давраи ҷазо таҷассум намуда, ноил гардидан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ ва тартиботро ҳангоми адои ҷазо, риоя ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ва дигар шахсонро таъмин менамояд [1, 7].

Пеш аз ҳама сухан дар мавриди уҳдадориҳое меравад, ки қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноӣ пешбинӣ намудааст. Моҳияти тамоми уҳдадориҳо субъекти муносибатҳои ҳуқуқиро водор месозад, ки аз содир намудани баъзе амалҳо худдорӣ намояд. Дар сурати содир намудани чунин амалҳо ва худдорӣ накардан ба маҳкумшуда чораҳои махсуси ҷавобгарӣ дар намудҳои ба намуди сахттари ҷазо адои ҷазо гузаронидан (дар муассисаҳои ислоҳӣ –интиқол ба шароити сахт) ё интиқол ба муассисаи ислоҳии низомаш сахти дигар (интиқол аз муассисаи ислоҳӣ ба маҳбас)низомаш умумӣ ба низоми пурзӯр) [10, 26].

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки маҳкумшудагони аз озодӣ маҳрумшуда тамоми маҳлати ҷазоро дар як муассисаи ислоҳӣ адо менамоянд. Интиқоли маҳкумшудагон аз як муассиса ё маҳбас ба дигар муассиса ва маҳбаси ҳамон навъи низомдошта танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, ки нигаҳдории маҳкумшуда дар он муассиса ё маҳбас имконнопазир мебошад (беморӣ, таъмини амнияти маҳкумшуда ва ғ.) интиқоли маҳкумшудагон аз як

колония ба колонияи низомаш дигар, ҳамчунин аз колония ба маҳбас ё аз маҳбас ба колония аз тарафи суд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ амалӣ мегардад [3, 85].

Дар муассисаҳои ислоҳӣ шуъбаи махсус бо номи шуъбаи низом кору фаъолият менамояд. Ҳангоми дар шуъбаи карантин қарор доштани маҳкумшудагон ба онҳо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшон низ фаҳмонида мешавад. Ҳамчунин кормандони масъули шуъбаи карантин ба онҳо баён менамоянд, ки дар сурати пайдо гардидани ягон навъи мушкилот фавран ба онҳо хабар дода шавад ва онҳо дар навбати худ кормандони шуъбаи низомро фавран огоҳ месозанд.

Кормандони шуъбаи низоми муассисаи ислоҳӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳарчӣ зудтар мушкилии мавҷударо дар самти тартибу интизом дар дохили муассисаи ислоҳӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бартараф намоянд.

Қайд кардан зарур аст, дар муассисаҳои ислоҳӣ шуъбаи дигар бо номи шуъбаи корҳои сиёсӣ – фаҳмондадиҳӣ фаъолият менамояд. Вазифаи шуъбаи мазкур пеш аз ҳама бурдани тарғибу ташфиқот дар байни маҳкумшудагон оид ба ислоҳшавии онҳо, гузаронидани дарсҳои гуногун дар байни маҳкумшудагон доир ба  баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии маҳкумшудагон, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ баҳри худдорӣ намудани маҳкумшудагон аз ҳаракатҳои манъгардида дар дохили муассисаҳои ислоҳӣ иборат мебошад.

Ҳамчунин маҳкумшудагоне, ки бо рафтору кирдори намунавӣ худро аз тарафи мусбӣ нишон медиҳанд, аз ҷониби шуъбаи мазкур онҳо қайд гардида дар мувофиқа бо роҳбарияти муассисаи ислоҳӣ нисбаташон чораҳои ҳавасмандагардонӣ татбиқ карда мешаванд ва дар парвандаи шахсии маҳкумшудагон дарҷ мегарданд.

Ҳарчанд дар муассисаҳои ислоҳӣ ба таври доимӣ дар байни маҳкумшудагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад ҳам, вале яке аз проблемаҳои муосир ин аз ҷониби маҳкумшудагон риоя нагардидани талаботҳои Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар самти муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар санадҳои меъёрии зериқонунии дохилӣ ба шумор меравад. Яъне аз онҳо ҳамасола ашёҳои манъшуда, аз қабили машруботҳои спиртӣ, пул, телефонҳои мобилӣ, воситаҳои нашъадор дарёфт ва мусодира карда мешаванд. Ҳуқуқвайронкуниҳои мазкур хусусияти устуворро доро буда, ниёз ба ислоҳшавиро талаб менамоянд ва низом, яъне тартиботи ҳуқуқӣ ва назорат барои мукаммалгардонии қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, нақши хосаеро мебозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №385 Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия) қабул гардидааст. Ин Стратегия самтҳои асосӣ, шакл, тарзу усулҳои мукаммалнамоӣ ва рушди низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, алоқамандии онро бо мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи то соли 2030 таъмин мекунад, пешбинӣ менамояд.

Ҳадафҳои асосии Стратегия аз инҳо иборат мебошанд:

– баланд бардоштани самаранокии кори муассиса ва мақомоте, ки иҷрои ҷазоро ба уҳда доранд, то сатҳи меъёрҳои байналмилалии муносибат бо маҳкумшудагон ва талаботи рушди ҷомеа;

– паст намудани сатҳи ретсидиви ҷиноятҳо аз тарафи шахсоне, ки қаблан ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо намудаанд, аз ҳисоби самаранокии корҳои иҷтимоӣ ва равонӣ дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ ва рушди маҷмуи ёрии баъдимаҳкамавӣ ба чунин шахсон;

– фароҳам овардани шароити башардӯстонаи нигоҳдории шахсоне, ки ба ҳабси пешакӣ гирифта шудаанд, маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ адо мекунанд, инчунин гузаронидани машғулиятҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва меҳнатӣ

вобаста ба шуғли маҳкумшудагоне, ки ҷазоро бе маҳрумнамоӣ аз озодӣ адо менамоянд, баланд бардоштани кафолати риояи ҳуқуқ ва ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо [9, 5].

Воситаҳои махсуси ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ бо маҳдудкунии ҳуқуқӣ ва дараҷаи маҷбурсозӣ амалӣ мегардад, ки дар он масъалаҳои ахлоқ, этика, психология, педагогика ва дигар ҷанбаъҳо саҳми назаррас мегузоранд.

**АДАБИЁТ:**


1. В.Б.Малинин, Л.Б.Смирнов, Уголовно-исполнительное право, учебник для юридических вузов и факультетов, Юридическая фирма «Контракт» Москва 2009.
2. Д.А.Безбородов, А.В.Зарубин. Уголовно-исполнительное право в определениях, таблицах и схемах, учебное пособие, 2-е издание, переработанное и дополненное Санкт-Петербург-2024, 83 с.
3. И.А.Бочков “Уголовно-исполнительное право Республики Беларусь”,Учебно – методический комплекс для студентов юридического профиля дневной и заочной форм обучения Новополоцк 2005, 257 с.
4. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2001, №32, Вазорати адлияи ҶТ КВД “Қонуният”, 110 с.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе 2023-280 с.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 – тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016, Душанбе “Нашриёти Ганҷ” 2016, 135 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ”, Вазорати адлияи ҶТ КВД “Қонуният”, 110 с.
8. С.В.Шевелева, Основы Уголовно-исполнительное право России, учебное пособие, Курск 2012. 433 с.
9. Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 23 саҳ.
10. Уголовно-исполнительное право России: теория, законодательство, международные стандарты, отечественная практика конца XIX — начала XXI века, учебник для вузов, под редакцией доктора юридических наук, профессора, заслуженного деятеля науки РСФСР А.И.Зубкова, Издательства Норма Москва, 2006, 702 с.

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

## Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

**Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:**

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14 см, поля – 2,5 см, а расстояние между текстами – 1,5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановления Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи необходимо пронумеровать и указать поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 названий научной литературы). Список используемой литературы следует подготовить на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи предлагается указать сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

# ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

**Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:**

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№1 (15), 2026**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 15.5 чузъи чопии шартӣ 15.
Барои чоп 06.04.2026 имзо шудааст. Фармоиши №1